**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**
**«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ»**

**ВБД: 930.15:524.1(575.3)** *Бо ҳукми дастнавис*

**ҚУРБОНОВ МЕҲРУБОН МИРЗОЕВИЧ**

# ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ВОСИТАҲОИ АЛОҚА ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОНИ ҶШС ТОҶИКИСТОН (солҳои 1924 – 1991)

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих
аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои таърих**
**Алимов Давлаталӣ Халилович**

**Бохтар – 2022**

# МУНДАРИҶА

**НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ........................................................................3**

**МУҚАДДИМА ...................................................................................................4**

**БОБИ I. ТАШАККУЛ ВА РУШДИ КОРХОНАҲОИ АЛОҚАИ ПОЧТА ВА РАДИО ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ..........................................................26**

1.1. Ташаккул ва рушди минбаъдаи алоқаи почта дар ноҳияҳоивилояти Хатлон....................................................................................................................26

1.2. Таъсис ва фаъолияти шабакаҳои радио дар вилояти Хатлон............55

**БОБИ II. ИНКИШОФИ АЛОҚАҲОИ ТЕЛЕГРАФ ВА ТЕЛЕФОН ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН.............................................................................106**

2.1. Нақши телеграф ҳамчун воситаи алоқа дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии вилоят..................................................................................106

2. 2. Таъсис ва инкишофи алоқаи телефонӣ............................................122

**ХУЛОСА....................................................................................................145**

**ФЕҲРИСТИ САРЧАШМАҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА....152**

# НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

КМ – Кумитаи Марказӣ

КИМ – Комитети Иҷроияи Марказӣ

ШКХ – Шурои Комиссарони Халқӣ

КМ ҲК(б) Тоҷикистон – Комитети Марказии Ҳизби Коммунистии (болшевикони) Тоҷикистон

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравӣ Сотсиалистӣ

ҶХШБ – Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро

ҶХШХ – Ҷумҳурии Халқии Шуравии Хоразм

ҶШФСР (РСФСР) – Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия

ҶМШС Тоҷикистон – Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

ҶШС Тоҷикистон – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

КМ ҲК (б)-и Ӯзбекистон – Комитети Марказии Ҳизби Коммунистии (болшевикони) Ӯзбекистон

КМ ВКП(б) (ҲКУ(б)) – Комитети Марказии Ҳизби Коммунистии Умумииттифоқии болшевикон

ВМКБ – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

ҲКИШ (КПСС) – Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ

ФР – Федератсияи Россия

Ревком – Комитети инқилобӣ

ВЦСПС (МУШИК) – Маркази Умумиитифоқии Шурои Иттифоқҳои Касаба

АТС (ИАТ) – Истгоҳҳои автоматии телефонӣ

ГТС (ИТШ) – Истгоҳҳои телефонҳои шаҳрӣ

ИТД (СТС) – Истгоҳҳои телефонҳои деҳот

МТС (ИМТ) – Истгоҳҳои мошинӣ-тракторӣ

СТО (ШММ) – Шурои меҳнат ва мудофиа (Совета Труда и обороны)

СКХ – Совети Комиссарони Халқ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуъ.** Дар шароити ҷаҳонишавӣ воситаҳои алоқа бо суръатҳои баланд ба яке аз унсурҳои муҳими тамаддунӣ табдил ёфта, дар ин самт инқилоби бузург ба амал омад. Дар аввали ҳазорсолаи сеюм дар дунё воситаҳои нави гуногуни алоқа, аз он ҷумла кайҳонӣ ба вуҷуд омада дар ҳаёти ҳамарӯзаи инсон тағйирот ва пешравиҳои оламшумулро ба амал овард.

Дар аввали асри XX дар низоми алоқаи Тоҷикистон низ таҷҳизот ва технологияи муосири инноватсионии воситаҳои алоқа ба роҳ монда шуда, дар ҷумҳурӣ дар ин соҳа истифодаи алоқаи муосири моҳворай барои рушди минбаъдаи он имкониятҳои навро ба миён овард. Аз ин рӯ таҳлили муқоисавии таърихи ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа, истифодаи таҷрибаи даврони Шуравӣ дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол дар партави муносибати нав ба омӯзиши таърих, вақте ки таъсири идеология ба баҳодиҳии воқеаҳои мушаххаси таърихӣ ва равандҳои демократӣ дар Тоҷикистон вуҷуд надорад, барои инъикоси таърихи пайдоиш ва инкишофи он имкониятҳои нави объективӣ фароҳам меоварад.

Бояд қайд кард, ки дар даврони Иттиҳоди Шуравӣ дар ташаккул ва рушди системаи алоқаи вилояти Хатлон захираҳои хеле калони моддию техникӣ ва инсонӣ сафарбар карда шуда буданд. Дар ин робита, омӯзиши масъалаи мазкур ба он хотир зарурат касб мекунад, ки дар илми таърихнигории ватанӣ ҳанӯз масъалаҳои ташаккул ва рушди алоқа мутобиқ ба минтақаҳои ҷудогонаи ҷумҳурӣ амалан ба таври кофӣ тадқиқ карда, аз назари илмӣ, мушаххас ва ба таври маҷмӯӣ омӯхта нашудааст.

Мубрамияти мавзуи тадқиқшаванда дар он зоҳир мегардад, ки рушди системаи алоқа дар яке аз вилоятҳои калони ҷумҳурӣ дар давраи тадқиқшаванда, на танҳо баланд бардоштани иқтидори иқтисодии яке аз минтақаҳои ҷумҳуриро таъмин намуда буд, балки фаъолияти пурсамари соҳаи мазкур аҳамияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ дошт. Зеро, дар

натиҷаи сохтмони объектҳои алоқа аҳолии ҷумҳурӣ ба таври фаъолона ба сохтмони ҳаёти нави сотсиалистӣ ҷалб карда шудаанд.

Тадқиқи масъалаи мазкур боз аз он ҷиҳат ҳам аҳамиятнок аст, ки дар рисола то чи андоза муҳим будани таҷрибаи таърихии дӯстии халқҳои Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ, муттаҳидӣ ва ҳамкории онҳоро дар ташаккул ва инкишофи низоми алоқа дар як вилоят нишон медиҳад. Солҳои 20 -30 –юми асри XX дар ноҳияҳои навтаъсиси вилояти Хатлон сарфи назар аз шароити сахти иқлимии кор, ки ҳарорати гармӣ то 50 дараҷа мерасид дар қишлоқҳои дурдасти кӯҳӣ, халқи тоҷик бо ёрии мутахассисони бисёре аз кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дар як муддати кӯтоҳ хатти алоқаи почта, телефон, телеграф ва радиоро ташкил намуданд.

Омӯзиш ва хулосаи таҷрибаи мусбати таърихӣ ва ошкор намудани падидаҳои манфӣ дар масъалаи тадқиқшаванда на танҳо ба шиносоӣ, балки ба рушди минбаъдаи системаи алоқа дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол мусоидат мекунад. Дар робита ба ин, мубрамияти мавзуъ дар он асоснок карда мешавад, ки дар тӯли якчанд даҳсола дар илми таърихи ватанӣ ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа одатан ба таври истисноӣ бо тавсеаи воситаҳои нави техникӣ тафсир карда мешуд. Дар ҳақиқат чорабиниҳо доир ба рушди воситаҳои алоқа дар давраи тадқиқотӣ дар вилояти Хатлон доман паҳн карда, аз ҳама зиёд самти иҷтимоию иқтисодӣ дошта, сипас ҳамчун падидаи махсус ифода ёфтааст.

Дар давраи таҳқиқшаванда, таҷрибаи азнавсозӣ, ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа на танҳо намунаҳои зиёди қаҳрамонии меҳнатӣ ва фидокорӣ, балки тасмимҳои ҷасурона ва асосии муҳандисию техникиро тавлид карданд. Дар ин робита, дар давраи таҳқиқшаванда дар вилояти Хатлон дар соҳаи рушди воситаҳои алоқа таҷрибаи муайяне андӯхта шудааст, ки ҳам ҷанбаи мусбӣ ва ҳам ҷанбаи манфӣ дорад. Аз ин рӯ, дар кори диссертатсионӣ дар асоси сарчашмаҳои муътамад ва маводи зиёд

таҷрибаи бузурги таърихии рушди давлатии воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлон дар солҳои 1924 - 1991 - и қарни XX хулоса карда мешавад.

Агар дар аввали солҳои 30-юми асри XX дар ноҳияҳои вилоят нахустин нуқтаҳои алоқа – почта, телефон, телеграф ва радио пайдо шуда бошад, пас дар солҳои 80-уми асри XX қариб тамоми аҳолии вилоят бо хизматрасонии воситаҳои алоқа таъмин шуда буд. Дар охири солҳои 80 – ум дар ҳудуди вилояти Хатлон зиёда аз 50 дастгоҳҳо, 28765 адад нуқтаҳои радиошунавонӣ, аз он 22540 адад дар деҳот арзи вуҷуд дошт.

Аз соли 1925 сар карда, соҳаи алоқаи почтаи Тоҷикистон инкишоф меёбад. То он даме ки Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон шуъбаи почта надошт, муросилоти аҳолӣ ба воситаи уштур, асп дастрас гардонида мешуд. Агар дар соли 1925 шуъбаҳои алоқаи почтавӣ-телеграфӣ танҳо дар марказҳои ноҳияҳои Саройкамар, Панҷ, Ҷиликӯл (н. Дӯстӣ), Қӯрғонтеппа (ш. Бохтар) арзи вуҷуд дошта бошад, дар тӯли даҳсолаҳо соҳаи мазкур мунтазам тараққӣ ёфта, дар вилоят шумораи шабакаҳои алоқаи почта дар соли 1980 ба 883 адад расид. Фаъолияти муассисаи алоқаи телеграфӣ бошад, агар дар соли 1926 ҳамагӣ 6 адад дар марказҳои ноҳияҳо вуҷуд дошта бошад, дар солҳои 80-уми асри XX теъдоди онҳо ба 400 адад расид, ки қисми зиёди онҳо ба аҳолии деҳот хизмат мерасонд. Ҳамчун муҳимтарин воситаи пешрафта ва муосири алоқа хати телефонӣ буда, кор дар ин самт соли 1927 оғоз ёфта, дар ҷумҳурӣ 8 адад агентиҳои телефонӣ бо 9 нафар ҷойи корӣ мавҷуд буданд. Дар ноҳияҳои вилояти Хатлон дар асоси сими телеграф дар масирҳои зерини ҶМШС Тоҷикистон: Душанбе - Файзобод - Кӯлоб - Файзобод - Ғарм; Душанбе - Қӯрғонтеппа- Ҷиликӯл; Ҷиликӯл – Саройкамар хати алоқаи телефон таъмин карда шуда буд. Дар давраи тамоми мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ қариб тамоми аҳолии деҳот ва ноҳияҳои вилоят бо телефон таъмин шуданд. Аммо ҳамаи ин дастовардҳо заҳмати ҳазорҳо мутахассисони соҳаи алоқа, аҳолии деҳоти вилояти Хатлон аз таърих берун монданд. Танҳо лаҳзаҳои ҷараёни ташаккул ва рушди низоми алоқа дар

вилояти Хатлон ба тарзи умумӣ дарҷ шудаасту халос. Аз ин рӯ, омӯзиш ва хулоса кардани таҷрибаи ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа мубрам буда, аҳамияти илмӣ-назариявӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ниҳоят таърихӣ дорад.

**Дараҷаи омӯзиши илмии масъала.** Тавре, ки аз таҳлили таърихнигорӣ муайян мегардад, таърихи пешазинқилобӣ ва даврави шуравӣ доир ба таърихи сохтмони объектҳои алоқа, рушди воситаҳои алоқа ва таҷҳизоти объектҳои алоқа бо воситаҳои техникӣ дар Тоҷикистон то андозае тадқиқ шудааст. Аз ҷониби муҳаққиқон асарҳои зиёде рӯйи чоп омадааст, аммо таърихи ташаккул ва рушди низоми алоқа дар вилояти Хатлон пурра омӯхта нашудааст. Тавре таҳлил нишон медиҳад, аз рӯйи таърихнигорӣ асарҳои аз рӯи мавзуъ чопшударо ба панҷ гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст.

Ба **гурӯҳи якум** асару мақолаҳо, гузоришу баромадҳо ва паёмҳои ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар, ки дар онҳо Сарвари давлат ба масоили гуногуни таърихи давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон дахл кардааст, дохил мешаванд[1].

Ба **гурӯҳи дуюм** асарҳои бунёдӣ ва дастаҷамъона, монографияҳо ва мақолаҳои илмии "История таджикского народа", "Очеркҳои таърихи Тоҷикистони Советӣ", "История таджикского народа: ХХ век", Музаффар Азизӣ, Карлова Е.Л., Скропишева В.Г., Китаева Н.Ж., Саидзода Обидҷон, Глейзер М.С., Потапов Н.М., Сергейчук К.Я., Хоҷазод С. ва дигаронро дохил кардан мумкин аст, ин асарҳо бавосита ва ё бевосита ба таърих ва таърихнигории воситаҳои алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон марбутанд[2].

---

[1]Раҳмонов Э. Тоҷикистон: 10 соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. – Душанбе, 2001; Раҳмонов Э. Тысяча лет – в одну жизнь: Сборник выступлений, речей, интервью и статей. – Душанбе: Ирфон, 2003; Рахмонов Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации. Т.I. – Душанбе: Ирфон, 2006; Рахмонов Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации. Т.II. – Душанбе: Ирфон, 2006. Раҳмонов Э. Истиқлолияти Точикистон ва бедории миллат. Ҷ.1-8. – Душанбе: Ирфон, 2006-2010; Раҳмон Эмомалӣ. Уфуқҳои истиклол. – Душанбе: Ганҷ-нашриёт, 2018.

[2]Заминаҳои пайдоиши почтаи Тоҷикистон. – Душанбе, 2011; Музаффар Азизӣ. Мухтасар таърихи Хатлон. – Кӯлоб, 1992; Карлова Е.Л., Скропышева В.Г. К вашим

**Гурӯҳи сеюм** аз рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ иборат аст. Дар ин рисолаҳо аслан таърихи барқароршавӣ ва рушди воситаҳои алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос шудаанд[1]. Ба мисоли рисолаҳои

---

услугам – почта. – Лениздат, 1985; Саидзода Обидҷон. Умре бо радио. – Душанбе: Бухоро, 2017; Китаева Н.Ж. Охрана труда на предприятиях почтовой связи. –М.: Радио и связь, 1986; Глейзер М.С., Потапов Н.М. Радио в дни войны: Очерки и воспоминания видных военачальников, известных писателей, деятелей искусства, дикторов радиовещания. – М.: Искусство, 1982; Сергейчук К. Я. Технический прогресс средств связи в семилетке. – М.: Знание, 1959; Хоҷазод С. Таърихи Радиои Тоҷикистон.Қисми 2. – Душанбе: Деваштич, 2006; История таджикского народа. В трех томах, пяти книгах. // Под ред. академика АН СССР Б. Гафурова и др. М.: Наука, 1963. -1965; Хайдаров Г.А. История таджикского народа: XX век. - Ходжент, 2001; Эркаев М., Николаев Ю., Шарофов Я. Очерки таърихи Точикистони совети. - Сталинабад,1960; Рахматуллоев А., Мухторов С. Очеркхои таърихи Точикистони совети. - Душанбе: Маориф, 1989; Очерки истории Коммунистической партии Таджикистана Т.1 (1903-1937 гг.). 3-е изд., доп. и переработ. - Душанбе: Ирфон, 1980; Т.2 (1938-1983 гг.). - Душанбе: Ирфон, 1984; Набиева Р.А., Зикриёев Ф.Б.Таърихи халқи тоҷик. - Душанбе: Сарпараст,2001; Набиева Р., Зикриёев Ф., Зикриёева М. Тоҷикистон дар асри XX ва аввали асри XXI.-Душанбе: Матбуот,2008; История таджикского народа. Т.III. Кн. 1. – М., 1964; История таджикского народа. Т.III. Кн. 2 (1938-1963 гг.). – М.: Наука, 1965; История таджикского народа. Т.V. Новейшая история (1917–1941 гг.). – Душанбе, 2004; История таджикского народа. Т.VI. Новейшая история (1941-2010 гг.). – Душанбе, 2011; Очерки истории народного хозяйства Таджикистана (1917-1965 гг.). - Душанбе, 1967; Очерк истории колхозного строительства в Таджикистане (1917-1965 гг.). - Душанбе,1968; Народное хозяйство Таджикистана в годы Великой Отечественной войны (1941-1945 гг.).- Душанбе: Дониш, 1980; Медведев Н.И. Становление и развитие радио и телевидения в Таджикистане. - Душанбе, 2005; Развитие связи в СССР. Под. Ред. Псурцева Н.Д. – М.: Связь, 1967; Джураев Л. Телевидение. – Душанбе: Ирфон, 1979; Попов Д.И. Алло. я вас люблю. – Душанбе: Ирфон, 2002; Барсук В.А., Мацнев В.П., Тихонова А.Ф. Организация и планирование почтовой связи. Учебник для вузов связи. – М.: Связь, 1977; Назаршоев Н.М. Интеллигенция Таджикистана в 1961-1985гг. – Душанбе: Дониш, 1989; Питаевский П.И. Планирование хозяйства района. – М., 1955; Симчук М.К. Почтовые правила. – Душанбе, 2000; Шарипов В., Рахматуллаев Х. Шаги нашего развития. (Материалы о развитии экономики, наука и культуры, росте материального благосостояния трудящихся Таджикской ССР). – Душанбе: Ирфон, 1976; Ҷураева М. Ҷилои ситораҳои телевизион. – Душанбе: Сарпараст, 2003; Джураев А. Телевидения. – Душанбе: Ирфон, 1979; Скоробогатов И.М. Компартия Таджикистана в борьбе за развитие народного хозяйства республики в послевоенный период (1945-1953 гг.). – Душанбе, 1963; Симчук М.К. Почтовые правила. – Душанбе, 2000; Советский Таджикистан за 60 лет. – Душанбе: Ирфон, 1984; Нурматова М.Р. Таърихи пайдоиш ва инкишофи алоқаи радио дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми ДМТ. – 2019. – №6. – С.104-106; Кабиров Х. Тараққиёти воситаҳои алоқа дар РСС Тоҷикистон // Радиогузаронӣ ва радиошунавонӣ. – Сталинобод, 1959. - С.29-31; Хоҷазод С. Донишномаи радио ва телевизиони Тоҷикистон. – Душанбе: Шуҷоиён, 2009; Османова А.М. Роль средств массовой информации в пропаганде новой обрядности. – Душанбе: Дониш, 1981.

[1]Абдурахмонов З.Ф. История формирования и развития системы связи в Горно-Бадахшанской Автономной области Республики Таджикистан (20-е годы XX – начало XXI вв.). Дисс… канд. ист. наук. – Душанбе, 2013; Айтуганова М.Л. Становление системы радиовещания в Татарстане: (1918-1941гг.): Дисс... канд. ист. наук: 07.00.02 /

М.Л. Айтуганова. – Казань, 1996; Гатина Р.Р. Становление и развитие средств связи в Татарстане в 1917-1941 гг.: Дисс… канд.ист.наук: 07.00.02 / Р.Р. Гатина. – Казань, 2008; Даутова Р.В. Становление и развитие телевидения в Татарстане (вторая половина 1950-х 1985 гг.): Дисс... канд. ист. наук: 07.00.02 / Р.В. Даутова. - Казань, 2004; Егоров А.И. Формирование и развитие системы средств массовой информации в национальном регионе (На материалах Казахстана 1925-1999 гг.): Дисс... канд. ист. наук: 07.00.01 / А.И. Егоров. - М., 1991; Кабиров Х.К. Развитие средств связи в Таджикской ССР: Дисс... канд. эконом. наук / Х.К. Кабиров. — Душанбе, 1967; Костякова Ю.Б. Становление и развитие системы массового радиовещания в национальных районах Южной Сибири (1928-1961 гг.): Дисс. канд. ист. наук: 07.00.02 / Ю.Б. Костякова. – Абакан, 2007; Криворученко К.С. Становление и развитие московской городской телефонной сети: 1882-2005 гг.: Дисс... канд. ист. наук: 07.00.02 / К.С. Криворученко. Москва, 2005; Кожиров Б.К. Развитие отрасли связи в Казахстане в период развитого социализма (1960-1975 гг.): Дисс... канд. эконом, наук / Б.К. Кожиров. - Алма-Ата, 1976; Мансыров Х.С. Развитие средств связи в дореволюционной Ср. Азии: Дисс... канд. эконом, наук / Х.С. Мансыров. – Ташкент, 1967; Ружников В.Н. Отечественное радиовещание: пути и проблемы становления (ретроспектива и современность): Дис... доктора филол. наук / В.Н. Ружников. – М., 1992; Шестопалова Е.В. История становления и развития радиовещания в Иркутской области в 1920-1930-е. Дисс…канд. ист. наук: 07.00.02 / Е.В. Шестопалова. – Иркутск, 2008; Чернов Ф.М. Исторические и социально-политические аспекты становления и развития радио и телевидения в Кыргызстане. Дисс…канд. ист. наук: 07.00.02 / Ф.М. Чернов. – Бишкек, 2010; Новокращенова Т.М. Создание и развитие радиовещания в Туркменистане (середина 20-х и 50-е гг.): Дисс... канд. ист. наук. Ашхабад, 1986; Мельников А.И. Создание и развитие массового радиовещания - важного средства идеологической работы КПСС (1924-1928гг.). Дисс… канд.ист.наук. – М.,1966; Сагынбеков Р. Создание и развитие массового радиовещания в Казахской ССР (1928-1941 гг.): Дисс. канд. ист. наук. – Алма-Ата, 1973; Морев В. А. История средств и способов связи Томской губернии второй половины XIX - первой четверти XX вв. Дисс… канд. ист.наук. – Томск, 2004; Гайдучок О.Я. История развития радио и ТВ Тюменской области (1946-1991 гг.): автореф. дисс... канд. ист. наук: 07.00.02. / О.Я. Гайдучок. –Тюмень, 2006; Гуревич П.С. Роль радиовещания в культурной революции в СССР (1917-1941): автореф. дисс... канд. ист. наук: 07.00.02 / П.С. Гуревич. – М., 1965; Кадыров Т.Д. История развития радиовещания и телевидения в Республике Кыргызстан (1928-1990 гг.): автореф. дисс... канд. ист. наук: 07.00.02 / Т.Д. Кадыров. – Бишкек, 1993; Каримов А.А. Радио и телевидение как средства идейно-политического воспитания учащихся-старшеклассников: автореф. дисс. канд. пед. наук: 13.00.02 / А.А. Каримов. – Душанбе, 1974; Киселев Н.Ю. Создание и развитие системы радиовещания в Башкирской АССР (Исторический опыт. Проблемы эффективности национального радиовещания): автореф. дисс... канд. ист. наук: 07.00.10 / Н.Ю. Киселев. -Л., 1989; Погарцев В.В. Становление и развитие системы радиовещания на Дальнем Востоке России (1901-1956 гг.): автореф. дисс... канд. ист. наук: 07.00.02 / В.В. Погарцев. Хабаровск, 2006; Тихонов О.Н. Создание и деятельность Марийского радио и телевидения: автореф. дисс. канд. ист.наук: 07.00.02/О.Н.Тихонов. – Казань, 1995; Рихсиев Б.А. Становление и развитие Узбекского радиовещания (1917-1937 гг.). Автореф. дисс. канд.ист.наук. – Ташкент,1972; Жеребкин М.В. Деятельность печати по развитию социальной активности масс: Автореф. дисс... канд. ист. наук. – М., 1990; Мамбетсариев Т.М. Роль партийно-советской печати Киргизстана в осуществлении культурной революции (1924-1958 гг.): Автореф. дисс... канд. ист. наук. - М., 1968; Шаймергенова Т.А. Развитие киргизской печати и ее роль в социалистическом преобразовании республики (1924-1937 гг.): Автореф. дисс... канд. ист. наук. – Фрунзе, 1984.

Б.А., Мамбетсариев Т.М., Шаймергенова Т.А., Кожиров Б.К., Чернов Ф.М., Новокрашенова Т.М., Сагинбеков Р., Гуревич П.С., Кадиров Т.Д., Киселев Н.Ю., Тихонов О.Н., Даутова Р.В., Гатина Р.Р., Егоров А.И., Айтуганова М.Л., Костякова Ю.Б., Криворученко К.С., Ружников В.Н., Шестопалова Е.В., Мелников А.И., Морев В.А., Гайдучок О.Я. ва дигарон.

Аммо дар онҳо ҷабҳаҳои алоҳидаи рушди воситаҳои алоқаи минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар бунёди инкишофи воситаҳои алоқаи кишвар дар рисолаи номзадии Кабиров Ҳ. таҳқиқ шудаанд.

**Ба гурӯҳи чорум** бошад матбуоти даврӣ, рӯзномаву маҷаллаҳои марказӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ дохил мешаванд[1]. Дар ин самт олимон,

---

[1]Кожевникова Е., Эргашева З., Гайсина Л. В Таджикистане не будет новых сотовых компаний // Азия-Плюс. Hi-Tech. – 2006. – май (№3); Сайфуллоев С. Ҳар рӯз дар ҷустуҷӯ // Газетаи муаллимон. – 1986. – 1 февр.; Қайюмов Т. Пайвандгарони дилҳо // Садои мардум. – 2002. – 9 окт.; Сайко В. Садои радио дар деҳот // Маориф ва маданият. – 1965. – 1 июл.; Сарварова О. Шаҳри панҷоҳсола // Маориф ва маданият. – 1971. – 24 апр.; Саъдиев Ш. Набзи ҷавонӣ // Комсомоли Тоҷикистон. – 1987. – 6 май.; Системаи электронӣ дар алоқа // Тоҷикистони Советӣ. – 1971. – 12 март; Қаландаров Ғ. Воситаи тавоноии ахбороти оммавӣ // Тоҷикистони Советӣ. – 1977. – 7 май; Мирзо Саттор. Бо теғи сухан // Тоҷикистони Советӣ. – 1989. – 7 май; Ахмедов П. Боевое оружие партии // Кулябская правда. – 1982. – 5 мая; Таваккалов Д. Рубежи связистов // Кулябская правда. – 1982. – 7 мая; Нуров Н. На связи – Душанбинская ГТС // Вечерний Душанбе. – 1987. – 26 март; Каххаров А. Об итогах майского пленума ЦК КПСС и мерах, обеспечивающих выполнение широкой программы мелиоративных и ирригационных работв республике // Комсомолец Таджикистана. – 1966. – 3 июля; Рустамбеков Х. Новый радиоузел // Коммунист Таджикистана. – 1948. – 29 дек.; Радиоузел в Сары-Чашме // Коммунист Таджикистана. – 1948. – 22 авг.; Новые общественные постройки // Коммунист Таджикистана. – 1949. – 23 июля; Радиоприемники в колхозе // Коммунист Таджикистана. – 1949. – 24 июля; Султонов М., Бобоев М. Радио ва тарбияи интернационалии меҳнаткашон // Коммунисти Тоҷикистон. – 1968. – №8. – С.62-65; Сапёров В. Радиошунавонӣ ва масъалаҳои тарбияи насли наврас // Коммунисти Тоҷикистон. – 1966. – №9. – С.14-20; Шарифов В. Аслиҳаи тавоноитарбияи коммунистии меҳнаткашон // Коммунисти Тоҷикистон. – 1963. – №4. – С.23-27; Тулаков А. Коммунисты узла связи // Коммунист Таджикистана. – 1967. – 10 окт.; Викторов М. Разговор по немедленной связи // Коммунист Таджикистан. – 1968. – 27 июня; Сайко В.А. Без бумаги и без расстояний // Коммунист Таджикистана. – 1969. – 7 мая; Каюмов А. Таджикское радио – школьникам // Телевидение. Радиовещание. – 1973. – №10. – С.21; Мельников Н. Незабываемое // Комсомолец Таджикистана. – 1973. – 7 дек.; Худайбердиев Х. Радиофестиваль пяти республик // Правда Востока. – 1970. – 11 янв.; Каримзода Х. Дар шуъбахои алока оё вазъият хуб аст? // Хакикати Хатлон. – 1990. – 14 фев.; Абдусатторов К. Хохам ба хама рохравон рохи сафед // Хакикати Хатлон. – 1990. – 22 фев.; Бозсози дар сохаи алока // Хакикати Хатлон. – 1990. – 27 март; Мухаммадиев Ш. Коргохи нави алока бунёд мешавад // Хакикати Хатлон. – 1990. – 18 апр.; Чухно Н., Холматов Ю., Мирзоев Т., Каримов Х. Шикояти обуначиён бечо набудааст // Хакикати

муҳаққиқон ва рӯзноманигорон тадқиқоти зиёде дар шакли мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ ба чоп расонидаанд. Аммо тадқиқотҳои муфассал, ҳисоботҳои солона ва умуман тамоми таърихи дастовардҳои воситаҳои алоқа бештар дар нашрияҳои умумииттифоқию ҷумҳуриявӣ «Правда», «Известия», «Тоҷикистони Сурх», «Правда Востока», «Ҷумҳурият», «Садои мардум» ва дигарҳо ба чоп расидаанд. Дар рӯзномаҳо мақолаҳои Гусейнов. Отчетный доклад 1-му учредительному съезду КП(б) Таджикистана. (Советский Таджикистан, 1930, 10 июня), Бобораҷаб М. Барои кашонидани почта нақлиёт намерасад. (Минбари халқ, 2009, 22 окт.), Диловаров С. Тафовуте, ки қобили қиёс нест. (Ҷумҳурият, 2011, 22 февр.), Қосимов И. Таскиндиҳандаи дилҳо. (Омӯзгор, 2009, 4 май.), Мелников Н. Незабиваемое установка радиостанции в Кулябе. (Комсомолец Таджикистана, 1973, 7 дек.), Филиппов А. Трудовые дела транспортников-связистов. (Коммунист Таджикистана, 1952, 25 янв.), Сайфуллоев С. Ҳар рӯз дар ҷустуҷӯ. (Газетаи муаллимон, 1986, 1 февр.), Қайюмов Т. Пайвандгарони дилҳо. (Садои мардум, 2002, 9 окт.), Сайко В. Садои радио дар деҳот. (Маориф ва маданият, 1965, 1 июл.), Қаландаров Ғ. Воситаи тавонои ахбороти оммавӣ. (Тоҷикистони Советӣ, 1977, 7 май.), Мирзо Саттор. Бо теғи сухан. (Тоҷикистони Советӣ, 1989, 7 май.), Ахмедов П. Боевое оружие партии. (Кулябская правда, 1982, 5 мая.), Рустамбеков Х. Новый радиоузел. (Коммунист Таджикистана, 1948, 29 дек.), Муродов А. “Почтаи тоҷик” дар хизмати шумо. (Садои мардум, 2017, 10 окт.), Хоҷазод С. Ҳақиқати таърих – ҳақиқати ҳаёт. (Садои мардум, 2007, 12 май), Амиров Б. Алло... ман Кӯлоб. (Ҳақиқати Хатлон, 1989, 15 дек.), Аскар А. Алоқа –

---

Хатлон. – 1990. – 19 апр.; Гастроли театра в колхозах // Красный хлопкороб. – 1946. – 2 июня. (К-тюбе); Уҳдадориҳои сотсиалистии меҳнаткашони вилояти Кӯлоб дар соли 1986 // Роҳи Ленинӣ. – 1986. – 28 янв.; К посевной компании // Красный хлопкороб. – 1944. – 1 мая; Объявление о перерегистрации точек //Красный хлопкороб. – 1945. – 18 янв.; Лишевский В. Первое столетие телефона // Наука и жизнь. – 1975. – № 7. – С.50-54; Лужецкий Н.Н. Из истории развития городской телефонной связи в нашей стране // Вестник связи. – 1957. – №7. – С.9-12; Псурцев Н.Д. Радио вчера, сегодня, завтра // Радио. – 1974. – №8. – С. 24; Павлов Л. А. Советское радиостроительство. К десятилетию советского радиовещания (5.12.1923 – 5.12.1933 гг.) // Говорит СССР. – 1933. – №22.

пайвандгари дилҳо. (Ҷумҳурият, 2004, 8 май), Кори маданӣ-равшаннамоӣ боз ҳам беҳтар карда шавад. (Болшевики Қӯрғонтеппа, 1949, 10 март), Маърӯзаи ҷонишини раиси комитети иҷроияи Совети депутатҳои халқии вилояти Кӯлоб Л.Я. Терентев. (Роҳи Ленинӣ, 1986, 14 янв.), Алексеева С. Куляб древний и молодой. (Народная газета, 2006, 15 февр.), Худайбердиев Х. Радиофестиваль пяти республик. (Правда Востока, 1970, 11 янв.), Гастроли театра в колхозах. (Красный хлопкороб, 1946, 2 июня) ва мақолаҳо дар чунин маҷаллаҳои Шарифов В. Аслиҳаи тавонои тарбияи коммунистии меҳнаткашон. (Коммунисти Тоҷикистон, 1963, №4, С.23-27), Абдулҳамиди Тағой. Радио чист? (Илм ва ҳаёт, 1989, №11, С.37-38), Ибронов М. Қосиди хушпаём. (Занони Тоҷикистон, 1984, №4.), Набиев Н. Телефончӣ. (Занони Тоҷикистон, 1984, №4.), Кабиров Ҳ. Инкишофи воситаҳои алоқаи республика дар панҷсолаи нав. (Коммунисти Тоҷикистон, 1971, №8, С.16-20), Попов Д. Вазифаи олии алоқачиён. (Агитатори Тоҷикистон, 1988, №18, С.7-9), Саричев Ю. Пока без трудностей. (Советский Союз, 1968, №6, С.14), Кабиров Ҳ. Номи баланд. (Тоҷикистон, 1961, №5, С.6-7), Николаева Л. Услуги на дому – неотъемлемая часть нашей работы. (Вестник связи, 1973, №6, С.12), Одною жизнью, дыханьем одним... (Телевидение. Радиовещание, 1974, №10, С.8) ба чоп расидаанд.

**Ба гурӯҳи панҷум** мавод аз сомонаҳои интернетӣ, пеш аз ҳама сомонаҳои гуногун дохил мешавад[1]. Қобили зикр аст, ки тамоми маводҳо дар бораи таърихи воситаҳои алоқа дар сомонаҳои интернет ҷойгир шудаанд, ба мисоли (www. vsiagaiartika.ru-15.02.2012, www. ogoniok.com-15.02.2012, www. tajikpost.tj /ru/ история - 22.05.2017, www. livejournal -

[1]История таджикской почты //tajikpost.tj/ru/ история// Санаи муроҷиат: 22.05.2017; История возникновения почты // www. livejournal // подготовила Зара Геворкян // Санаи муроҷиат: 6.05.2020. Шапкин В.И. Радио: открытие и изобретение / В.И. Шапкин. - Москва: ДМК ПРЕСС, 2005. // [электронный ресурс]. https. // commons. ru.wikipedia. org.; Лейтес Л.С. «К истории отечественного радиовещания» Статья https [электронный ресурс].//wikipedia. org.; История таджикской журналистики // www. muloevsharif-wordpres. com; Фарҳоди Милод, Бароги Юсуфи, Радиои тоҷикӣ: Мусиқӣ ҷои иттилоотро мегирад /Таджикское радио: Музыка заменит информацию. // www. ozodi. Org. 13.02.2012 г.

6.05.2020, https. // commons. ru.wikipedia. org. – 19.04.2020, www. muloevsharif-wordpres. com. – 15.03.2020, www. ozodi. Org. 13.02.2012).

Дар баъзеи онҳо (https. // commons. ru.wikipedia. org. – 19.04.2020, www. muloevsharif-wordpres. com. – 15.03.2020, www. ozodi. Org. 13.02.2012) на танҳо масъалаҳои ташаккули воситаҳои алоқа баррасӣ мешаванд, балки масъалаи истифодаи таҷрибаи гузашта, ҳозира ва ҳам ташаккули амалии алоқа гузошта шудааст.

Масъалаҳои ташаккул ва рушди воситаҳои алоқаи вилояти Хатлон - ин бахши масоҳати умумииттифоқӣ (Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ), минтақавӣ (Осиёи Марказӣ), ҷумҳуриявӣ (Тоҷикистон) ва ҳатто маҳаллие (Хатлон) мебошад, ки вай дар солҳои мухталифи таърихӣ таъйиноти гуногун доштааст. Агар масъалаи инкишофи низоми алоқаро дар минтақа давра ба давра таҳлил намоем, маълум мегардад, ки дар солҳои 50 – уми асри XX мақсад ва вазифаи ин соҳа таъмини аҳолии вилояти Хатлон бо воситаҳои алоқа иборат буд. Дар солҳои 60-ум бошад масъалаи беҳтар кардани воситаҳои алоқа дар минтақа баррасӣ ва амалӣ гардид. Воқеан, дар солҳои 70-80-уми асри XX дар ин соҳа дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ ва аз он ҷумла дар вилояти Хатлон дар инкишофи минбаъдаи он як ҷаҳиши бузург ба амал омад.

Маълумоти асосӣ доир ба таърихи масъала дар нашрияҳои асосӣ: дар таърихи халқи тоҷик (сеҷилда дар ҷилди 3-юм ва шашҷилда дар ҷилдҳои 5-6-ум)[1], таърихи вилояти Хатлон, таърихи ноҳияҳо, таърихи хоҷагии халқ, Энсиклопедияҳо[2], таърихи ҳизби коммунисти Тоҷикистон, таърихи рушди

[1]История таджикского народа. Т.III. Кн. 1. – М., 1964; История таджикского народа. Т.III. Кн. 2 (1938-1963 гг.). – М.: Наука, 1965; История таджикского народа. Т.V. Новейшая история (1917–1941 гг.). – Душанбе, 2004; История таджикского народа. Т.VI. Новейшая история (1941-2010 гг.). – Душанбе, 2011.

[2]Энциклопедияи советии точик. Ҷ.1. – Душанбе: Сарредаксияи илмии ЭСТ, 1978; ЭСТ. Ҷ.2. – Душанбе: Сарредаксияи илмии ЭСТ, 1980; ЭСТ. Ҷ.3. – Душанбе: Сарред. илмии ЭСТ, 1981; ЭСТ. Ҷ.4. – Душанбе: Сарред. илмии ЭСТ, 1983; ЭСТ. Ҷ.5. – Душанбе: Сарред. илмии ЭСТ, 1984; ЭСТ. Ҷ.6. – Душанбе: Сарред. илмии ЭСТ, 1986; ЭСТ. Ҷ.7. – Душанбе: Сарред. илмии ЭСТ, 1987; ЭСТ. Ҷ.8. – Душанбе: Сарред. илмии ЭСТ, 1988; Таджикская ССР. Энциклопедия в честь 50-летия. – Душанбе: Глав. научная ред. Таджикской советской энциклопедии, 1974; Таджикская ССР. Энциклопедия в честь 60-

воситаҳои алоқа, таърихи сохтмони маданӣ, таърихи синфи коргари Тоҷикистон инъикос ёфтааст.

Тавре, ки таҳлили таърихи ташаккули радиои тоҷик нишон медиҳад то ба имрӯз дар китобу мақолаҳо, маҷмӯаҳои дастаҷамъӣ, маводҳои рӯзномавии И.К. Усмонов, М.Р. Шукуров, А. Саъдуллоев, Д. Давронов, В. Воҳидов. В. Волков, С. Гулов, С.Х. Ҳайдаров, Ғ. Қаландаров ва дигарон то андозае тарафҳои мухталифи ин мавзуъ таҳқиқ ва тадқиқ шудаанду халос[1].

Вобаста ба ин ё он масъала бахшида ба ҷашнҳои радио, ки ҳар сол доир карда мешаванд, ба таърихи он назар меафканад, нақши радиоро дар солҳои охири 30-юми қарни XX ва солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) ва сипас даҳсолаҳои баъдӣ ёд мекунанд, рӯйи коғаз меоваранд. Таъкид бояд кард, ки корҳои анҷомёфта ё навишташуда маънии таҳқиқи воқеӣ ва пурраро надоранд. Тамоми паҳлуҳои радио, аз таърихи ташакул то барномаҳо, жанрҳо, махсусият, истифодаи воситаи гуногуни техникӣ, нақши он дар тарғибу ташвиқи идеяҳои гуногун ба маънии томаш таҳқиқ нашудааст. Аз ин ҷо, рӯ овардан ба ин масъала кори хайр ба ҳисоб меравад. Таърихи ташаккули радиои тоҷик рангоранг буда, ниёз ба таҳқиқ дорад.

Бояд қайд намуд, ки дар зарфи 75-сол радиои тоҷик дар ҳаёти фарҳангии Тоҷикистон нақши беандозае доштааст. Радиои Тоҷикистон дар фазои иттилоотии кишвар ягона воситае буд, ки ба хонаи ҳар шахс ворид гардида, вазифаи ташвиқотии худро иҷро мекарду ҳозир низ иҷро мекунад.

---

летия. – Душанбе: Глав. научная ред. Таджикской советской энциклопедии, 1984; Энциклопедияи хочагии кишлоки Точикистон. Ҷ.I.– Душанбе, 1989; Энциклопедияи Қубодиён. – Душанбе: Позитив-Сервис, 2010; Энциклопедия. Ноҳияи Москва: 50 сол. – Душанбе: Афсона, 1999; Энциклопедия. Ховалинг. – Душанбе: Ирфон, 2001; Энциклопедия. Ноҳияи Муминобод: 80 сол. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010; Энциклопедия. Қомусномаи Айн. Ноҳияи Темурмалик. – Душанбе: Шарки озод, 2011; Энциклопедияи Кӯлоб. – Душанбе: Ирфон, 2006; Энциклопедия. Фархор. – Душанбе: Ирфон, 2011; Таджикская ССР за 20 лет. – Сталинабад: Таджгосиздат, 1949; Таджикская ССР за 25 лет. – Сталинабад: Таджгосиздат, 1955; Таджикистан за 40 лет. Стат. сборник. – Душанбе, 1964; Сборник статей по истории Советского Таджикистана. – Душанбе, 1978.

[1]Азамов А. Таърихи ташаккули радиои тоҷик. – Душанбе: Матбуот, 2005. – С.7.

Агар кас ба радиои тоҷики охири асри XX назар афканад, пеши ӯ барномаи мураттабсохтаи кормандон ва ходимон бозгӯяндаи як давраи муайян будаанд. Ҳар як даҳсолаи сипаришудаи радиои тоҷик, гувоҳи бурду бохти он ва ақидаҳои пешбарандаи он аст. Дар ин солҳо радиои тоҷик барномаҳои зиёди фарҳангӣ, таърихӣ, адабӣ, маърифатӣ, тарбиявӣ, ахлоқӣ таҳия намуда, садҳо ҳазор шунавандагони худро дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ тарбия намудааст.

Дар давоми ин солҳо дар радиои тоҷик беҳтарин публитсистон, репортёрҳо, актёрҳо, режисёрҳо, мусиқичиён, садобардорҳо, муназзимони овоз, хулоса беҳтарин журналистон кор ва фаъолият кардаанд. Беҳтарин барномаҳо барои бачаҳо, наврасон, ҷавонон, спектаклҳои театрӣ, барномаҳои ҳаҷвӣ, суханронии шоирон ва нависандагон дар назди микрофон аз хотираҳои шунавандагон сутурда нашудааст. Дар назди микрофони радиои тоҷик беҳтарин журналистон кор мекарданд. Анъанаҳои беҳтарини радиои тоҷик бо номҳои намояндагони бузурги намудҳои гуногуни санъати асри XX-и тоҷик алоқаманд аст.

Тавре ки таҳлилҳои таърихнигории таърихи пайдоиш ва инкишофи низоми алоқа дар вилояти Хатлон нишон медиҳанд, дар ҳар кадоме аз асарҳои ба нашр расида дар бораи ин мавзуъ маълумот пайдо кардан мумкин аст. Аммо ин маълумотҳо хислати лаҳзавӣ, таъйинотӣ ва иттилоотӣ доранд, на илмию-назариявӣ.

Мавзуи мо инчунин дар адабиёт низ инъикос ёфтааст, ки дар он ҷо масъалаҳои монанд ба масъалаҳои тадқиқотии мо ба таври махсус дар сатҳи ҷумҳуриявӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аммо вилояти Хатон ба таври махсус баррасӣ нашудааст, балки дар чаҳорчӯби ҷумҳурӣ ва ё вилоят мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Масъалаҳои таърихи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, таърихи рушди воситаҳои алоқаи ҷумҳурӣ дар таърихнигории Тоҷикистон, асосан, аз ҷанбаи таърихию ҳизбӣ муаррифӣ мешуданд, чунки ҳизб пешоҳанги ҳамаи оғозҳо буд. Дар ин масъала монографияи Кабиров Ҳ. «Рушди воситаҳои

алоқа дар Тоҷикистон»[1] метавонад, намуна бошад. Ин аввалин кори илмие мебошад, ки ба масъалаи ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар Тоҷикистон дар солҳои 50-ум бахшида шудааст. Дар он фаъолияти гуногунҷабҳаи ташкилоти ҳизбии ҷумҳуриявӣ доир ба сохтмон, ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа баррасӣ мешавад. Инчунин дар кори Кабиров Ҳ., масъала дар контексти умумии ҷумҳурӣ баррасӣ мешавад. Вижагиҳои минтақа доир ба масъалаи тадқиқшаванда баррасӣ нашудааст.

Масъалаҳои рушди воситаҳои алоқаи ҷумҳурӣ дар солҳои 30-юми қарни XX дар як қатор китобча ва мақолаҳое, ки марбут ба Кабиров Ҳ. ва дигарон мебошанд, инъикос ёфтаанд. Аммо онҳо асосан хислати техникию иқтисодӣ доранд. Ба онҳо тадқиқотҳои солҳои 1946-1960, ки ба сохтусози Осиёи Марказӣ, дар маҷмуъ ва бахши дигари он ба вилоятҳои ҷудогона бахшида шудаанд, тааллуқ доранд.

Барои мисол, монографияи Кабиров Х. «Рушди воситаҳои алоқа дар Тоҷикистон» ба таҷрибаи кории воситаҳои алоқа ва рушди алоқа дар ҷумҳурӣ бахшида шудааст.

Монографияи “Таърихи халқи тоҷик”, таърихи навтарин (солҳои 1917-1941)[2], ҷилди 5 доир ба таърихи даврони Шуравии халқи тоҷик маълумотҳои пурқимат медиҳад. Дар ин монография оиди таъсисёбӣ ва рушди воситаҳои алоқаи Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон маълумотҳо оварда шудааст. Аз ҷумла қайд карда мешавад, ки аввалин нуқтаҳои телеграфро ба кишвар қисмҳои ҳарбии Артиши Сурх оварда буд. Баъдтар дар ҷумҳурӣ воситаҳои алоқа таъсис дода шуд, ба мисоли телеграф, почта, телефон ва радио.

---

[1]Кабиров Х. Развитие средств связи в Таджикистане. – Душанбе: Ирфон, 1965. – 152 с.
[2]История таджикского народа. Т.V. Новейшая история (1917–1941 гг.). – Душанбе, 2004. – 752 с.

Дигар моногафия “Таърихи халқи тоҷик”, таърихи навтарин (солҳои 1941-2000)[1], ҷилди 6 мебошад, ки дар он оиди рушди минбаъдаи воситаҳои алоқаи ҷумҳурӣ маълумотҳои дақиқу аниқ оварда мешавад.

Дар корҳои илмӣ-тадқиқотие, ки ба масъалаи аз тарафи мо тадқиқшаванда бахшида шудаанд, вилояти Хатлон ба таври махсус баррасӣ нашудааст, балки дар ҷараёни таҳқиқи масъалаҳо доир ба ҷумҳурӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Корҳои илмӣ-оммавӣ ва тадқиқотҳои дисертатсионии бевосита ба масъалаи рушд ва ташаккули воситаҳои алоқа дар Тоҷикистон бахшидашударо низ ба ин гурӯҳ шомил кардан мумкин аст.

Аз ин рӯ, дар кори мо дар муқоиса ба дигар таърихчиён равандҳои сохтмон, ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа, хизматрасонии ин системаҳо ва он ки чорабиниҳо дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии вилояти Хатлон кадом нақшро бозидаанд, ба таври амиқ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи сарчашмаҳои зиёд муаллиф ба хулосае меояд, ки рушди воситаҳои алоқаи вилояти Хатлон дар якчанд марҳила бо тасмими ҳаллу фасл кардани вазифаҳои гуногун, ки аз тарафи барномаҳои сохтмони ҷомеаи коммунистӣ гузошта шудаанд, ҷараён гирифтааст.

Солҳои 20-30-юми асри XX аксаран ба масъалаҳои иҷтимоӣ ба мақсади таъмини воситаҳои алоқа дар ҷумҳурӣ марбут мебошанд. Дар солҳои 40-50-ум бошад, аллакай ҳамчун масъалаи иқтисодӣ ба мақсади таъмин кардан ба мисли солҳои 20-30-юм таъмини воситаҳои алоқа инкишоф ёфтаанд. Дар солҳои 70-80-ум бошад, ҳамчун сиёсат аз татбиқи Барномаҳои созандагони коммунизм ва ҳамзамон беҳтар кардани шароити ҳаёти деҳот, кам кардани фарқияти байни шаҳру деҳот, меҳнати фикрӣ ва ҷисмонӣ, сохтани пойгоҳи моддию техникии сотсиализми мутараққӣ ва бо ин роҳ асос гузоштан барои ҷомеаи коммунистӣ иборат мебошад. Ба

[1]История таджикского народа. Т.VI. Новейшая история (1941-2010 гг.). – Душанбе, 2011. – 687 с.

кадоме аз нишондиҳандаҳои боло ҷомеа омада расид, бахше аз ҷавобро дар тадқиқоти мо пайдо кардан мумкин аст[1].

Ҳамин тариқ, чи тавре ки таҳлили гузаронидашудаи адабиёти мавҷуда доир ба мавзуи тадқиқот гувоҳӣ медиҳад, то ба ҳол дар таърихнигории ҷумҳурӣ кори мукаммали илмӣ доир ба рушди воситаҳои алоқаи вилояти Хатлон дар қарни XX мавҷуд намебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Маводҳо ва натиҷаи таҳқиқоти диссертатсиониро барои татбиқи нақшаи дурнамои кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав", таҳти унвони «Таърихи халқи тоҷик, қонуниятҳои умумӣ ва хусусиятҳои хоси раванди таърихӣ» барои солҳои 1924- 1991 истифода кардан мумкин аст.

**Мақсад ва вазифаҳои тадқиқот.** Ҳадафи асосии тадқиқоти диссертатсионӣ таҳлили маҷмӯии таърихи рушди воситаҳои алоқаи вилояти Хатлон дар тӯли солҳои 1924-1991 ба ҳисоб меравад. Таҳқиқот аз соли 1924 оғоз меёбад, чунки дар ин соли таърихӣ Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Анҷоми таҳқиқотро мо соли 1991 интихоб кардем. Соли 1991 давлати абарқудрати Иттиҳоди Шуравӣ аз байн рафт ва дар ҷумҳурӣ сохти нави соҳибистиқлолӣ оғоз гардид. Бинобар он соли 1991 барои миллати тоҷик соли бениҳоят таърихии бузург аст, чунки миллати тоҷик Истиқлолияти давлатӣ ба даст овард.

Барои расидан ба ин ҳадаф иҷрои вазифаҳои зерин зарурат дошт:

- ҷамъбаст намудани тадқиқот ва таълифоти осори муҳаққиқон ва донишмандони соҳа, ки оид ба мавзуи мазкур анҷом дода шудааст;

---

[1]Абулхаев Р.А. Вопросы новейшей истории таджикского народа. Т.4. – Душанбе, 2019. – С.23.

- таҳлили асарҳои илмии таърихнигории ба таърихи рушди воситаҳои алоқаи вилояти Хатлон бахшидашуда;

- аз ҷиҳати назариявӣ ошкор намудани аҳамияти мавзуи тадқиқот;

-таҳлил ва баррасии ҷараёни сохтмон, барқароршавӣ ва рушди воситаҳои алоқаи минтақа (почта, радио, телефон, телеграф);

- пажӯҳиш оид ба рушди минбаъдаи воситаҳои алоқаи вилояти Хатлон дар давраи Шуравӣ;

- аз ҷиҳати илмӣ таҳлил намудани аҳамияти воситаҳои алоқа доир ба баланд бардоштани шароити ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ, маданӣ-маишӣ ва фарҳангӣ дар вилояти Хатлон;

- баррасӣ ва таҳлили илмии барнома ва қарорҳои Ҳукумати кишвар ҷиҳати баланд бардоштани вазъи иҷтимоӣ, таъмини амнияти дохилӣ ва рушди босуръати воситаҳои алоқаи минтақа;

- инъикос намудани саҳми воситаҳои алоқа дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиву сиёсии вилояти Хатлон.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ** фаъолияти воситаҳои шабакаҳои алоқаи вилояти Хатлон, инчунин ҷараёни барқароршавӣ ва рушди воситаҳои шабакаи алоқаи минтақа дар солҳои Шуравӣ, яъне дар солҳои 1924-1991 асри XX ба шумор меравад.

**Предмети таҳқиқот** муайян намудани дараҷаи таҳқиқи таърихи барқароршавӣ ва рушди минбаъдаи воситаҳои шабакаи алоқаи вилояти Хатлон, сохтмони объектҳои алоқа ва намудҳои воситаҳои алоқа ба ҳисоб меравад.

**Доираи хронологии таҳқиқот** солҳои 1924-1991-ро фаро мегирад, ки

соли 1924 воқеаи бузурги таърихӣ барои халқи тоҷик ба вуҷуд омад, яъне Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Аз ҳамин давра халқи тоҷик дар масири таърих соҳиби ҷумҳурии худ ва давлату давлатдории худ гардид. Давраи ниҳоии таҳқиқот соли 1991-ро интихоб намудем, ки худи ҳамин сол боз як воқеаи таърихӣ – Тоҷикистон истиқлолияти комилро ба даст овард. Агар тамоми воқеа ва ҳодисаҳои

таърихии ташаккул ва рушди низоми алоқаро давра ба давра баҳогузорӣ намоем дар он маълум мегардад, ки: а) дар ҳудуди вилояти Хатлон, дар ноҳияҳо ва марказҳои он, дар қишлоқҳои аҳолинишин солҳои 20-30-юми асри XX давраи ташаккулёбии низоми алоқа ва унсурҳои он чун почта, радио, телефон ва телеграф мебошад; б) барномаи барқароршавии баъдиҷангии воситаҳои алоқаи вилояти Хатлон то охири солҳои 50-ум идома меёфт; в) дар солҳои 60-70-уми қарни XX корҳои ҳаҷман калони рушди воситаҳои алоқаи вилояти Хатлон амалӣ карда шуд; г) дар солҳои 80-уми асри XX рушди минбаъдаи воситаҳои алоқаи вилояти Хатлон ба анҷом мерасад.

**Асоси назариявию методологии таҳқиқот.** Дар диссертатсия муаллиф усулҳои илмии омӯзишро доир ба таърихи барқароршавӣ ва рушди сохтмонҳои асосии воситаҳои алоқаи вилояти Хатлон дар солҳои 1924-1991 ба роҳ мондааст. Бахусус, ба истифодаи усули объективияти илмӣ-ҳамчун яке аз дастурҳои асосии илмҳои муосири таърихӣ ва таърихнигорӣ диққати ҷиддӣ додааст. Ба сифати асоси методологии таҳқиқот маҷмӯи усулҳое истифода шудаанд, ки дар байни онҳо усулҳои таърихӣ, аз қабили муқоисавӣ– таърихӣ, масъалагузорӣ – солномавӣ, инчунин усулҳои таҳлили иҷтимоӣ – таърихӣ мавқеи асосиро ишғол менамоянд. Дар усули муқоисавӣ-таърихӣ рушди воситаҳои алоқаи вилояти Хатлон дар муқоиса бо дигар вилоятҳои кишвар, хусусиятҳо ва методҳои хоси воситаҳои алоқаи минтақа дар идоракунии давлат, нисбат ба дигар соҳаҳо истифода шудааст. Тавассути усули масъалагузорӣ–солномавӣ ҳудудҳои таҳқиқи масъалаи мазкур муайян шудаанд ва равандҳои солномавии ба марҳилаҳои аз паси ҳам оянда, ки фаъолияти воситаҳои алоқаи минтақаро инъикос кардаанд, ҷой дода шудаанд. Яке аз омилҳои асосӣ назари интиқодӣ–объективӣ ба таълифоти муҳаққиқони давраи соҳибистиқлолӣ мебошад.

**Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот** маводи бойгонӣ, аз ҷумла Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (БМД ҶТ), Бойгонии давлатии таърихи навтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон (БДТН ҶТ), Бойгонии

давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Бохтар (БДВ Хатлон дар ш. Бохтар), Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Кӯлоб (БДВ Хатлон дар ш. Кӯлоб), бойгониҳои ҷории ноҳияҳо, Бойгонии ҷории идораи «Почтаи тоҷик» ва «Тоҷиктелеком» - и вилояти Хатлон дар шаҳрҳои Бохтар ва Кӯлоб ба ҳисоб меравапд. Ба мисоли Ҳисоботи воситаҳои техникии алоқаҳои телефонҳои шаҳрии ҶТ барои солҳои 1951-1956, Ф.42, Р.10, П.14, Бойгонии Ҷамъияти Саҳомии Шакли Кушодаи «Тоҷиктелеком», вилояти Хатлон, ш. Бохтар. Ҳисоботи ҶСШК «Тоҷиктелеком» барои соли 2000. – В.13-20, Бойгонии Ҷамъияти Саҳомии Шакли Кушодаи «Почтаи тоҷик», вилояти Хатлон, ш. Бохтар. Ҳисоботи ҷамъбастӣ барои моҳи декабри соли 1961, Ф.281, Р.11, П.15, В.2, Бойгонии ҶСШК «Почтаи тоҷик», вилояти Хатлон, ш. Бохтар. Ҳисоботи ҷамъбастӣ барои моҳи декабри соли 1987, Ф.281, Р.11, П.15, В.4, Мукотибот бо КМ ҲК Тоҷикистон, Шурои Вазирони Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва Вазорати алоқа оид ба фаъолияти асосӣ (БМД ҶТ, Ф.397, Р.11, П.4), Фармонҳо ва қарорҳои Вазорати алоқа (БМД ҶТ, Ф.369, Р.2, П.10), Ҳисоботи раёсати алоқаи ш. Қӯрғонтеппа (Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар ш. Бохтар (БДВХ дар ш. Бохтар), Ф.369, Р.1, П.2), Фармонҳо ва қарорҳои Вазорати алоқа дар солҳои 1964-1965 (БМД ҶТ, Ф.369, Р.2, П.8), Мукотиба бо КМ ҲК Тоҷикистон, Шурои Вазирон ва Вазорати алоқа оиди фаъолияти асосӣ дар солҳои 1966-1970 (БМД ҶТ, Ф.369, Р.11, П.1), Фармонҳо ва қарорҳои Вазорати алоқа дар соли 1978 (БМД ҶТ, Ф.369, Р.5, П.4), Фармонҳо ва қарорҳои Вазорати алоқа дар соли 1981 (БМД ҶТ, Ф.369, Р.4, П.18), Фармонҳо ва қарорҳои Вазорати алоқа (БМД ҶТ, Ф.369, Р.2, П.10). Махсусан, дар рафти тадқиқот маводҳои дасти аввал, аз ҷумла ҳисоботи солонаи "Почтаи тоҷик" – и ноҳияҳо, васоити минтақавии ахбори омма дастрас шудааст. Санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ, Конститутсия, қонун, қарорҳо ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи воситаҳои алоқа, Низомнома, Оиннома, барномаҳои давлатӣ низ пойгоҳи сарчашмашиносии тадқиқотро ташкил медиҳад. Инчунин ба пойгоҳи

сарчашмашиносии тадқиқоти мазкур маводи оморӣ, аз он ҷумла Маҷмӯаи омори намояндагони Кумитаи давлатии омори кишвар дар ноҳияҳо низ шомил мешавад.

Инчунин маводҳои пурқимат аз рӯзномаҳои зерин: «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа», «Курган-Тюбинская правда», «Болшевики Қӯрғонтеппа», «Ҳақиқати Кӯлоб», «Кулябская правда», «Зафар» (н. Ҳамадонӣ), «Мубориз» (н. Восеъ), «Гулистон» (н. Фархор), «Субҳи меҳнат» (н. Муъминобод), «Красний хлопкороб» (ш. Қӯрғонтеппа), «Рӯзномаи муаллимон», «Маориф ва маданият», «Азия-Плюс», «Садои мардум», «Тоҷикистони Шуравӣ», «Комсомоли Тоҷикистон», «Коммунист Таджикистана», «Вечерний Душанбе», «Ҷумҳурият», «Ҳақиқати Хатлон», «Хатлон», «Роҳи Ленинӣ», «Советский Таджикистан», «Народная газета» ва маҷаллаҳои «Коммунист Таджикистана», «Вестник связи», «Занони Тоҷикистон», «Илм ва ҳаёт», «Агитатори Тоҷикистон», «Телевидение. Радиовешание», «Тоҷикистон» ва ғайраҳо ба даст оварда шуд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки:

- дар шакли рисолаи илмӣ бо истифода аз маводҳои бойгонӣ, тадқиқоте пешниҳод мегардад, ки масъалаҳои ҷараёни сохтмон, барқароршавӣ ва рушди воситаҳои алоқаро дар вилояти Хатлон инъикос менамояд;
- ба равиши инкишофи воситаҳои алоқа дар солҳои 1924-1991 дар минтақаи омӯзиш баҳои аниқ дода, инчунин хусусиятҳои хос ва мушкилии ҳар як давраро муайян менамояд;
- аз мавқеи давлати соҳибистиқлол дақиқона масъалаҳои сохтмон ва рушди воситаҳои алоқаи як минтақаи кишварро шарҳ медиҳад;
- дар рисола ба таври муфассал, бо дарназардошти комёбиҳои илми таърихнигории муосир, моҳияти масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва маданӣ-маиширо кушода, рушди минбаъдаи ниҳодҳои давлатии воситаҳои алоқаро таҳлил менамояд;

- дар ҷанбаи аниқи таърихӣ ба ҷараёни сохтмон ва рушди воситаҳои алоқа равшанӣ меандозад.

Дар баробари ин довталаб ба далелҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҷуғрофӣ ва хусусияти демографидошта, ки нуқтаи назари онро ба тадқиқот тасдиқ менамояд, такя мекунад.

Бинобар ҳамин, дар рисоли мазкур аз рӯйи нақшаи таърихӣ бори аввал ҷараёни сохтмон, барқароршавӣ ва рушди воситаҳои алоқаи вилояти Хатлон ба таври маҷмӯъ таҳқиқ мегардад. Вобаста ба ин дар давраи муосир таҳқиқи масъалаҳои сохтмон, барқароршавӣ ва рушди воситаҳои алоқаи яке аз минтақаҳои кишвар, бениҳоят масъалаи мубрам ба ҳисоб меравад.

**Ба ҳимоя муқаррароти зерин пешниҳод мегарданд:**

- таҳлили адабиёти илмии ба мавзуи мазкур бахшидашуда ба хулосае меорад, ки ба таърихи сохтмон, барқароршавӣ ва рушди воситаҳои алоқаи вилояти Хатлон шумораи зиёди тадқиқоти муаррихон, муҳаққиқон ва сиёсатшиносон мансуб аст. Онҳо ба манбаъҳои бойгониҳо, низомномаҳо, қарорҳои қабулнамудаи ҳизб ва дигар маъхазҳои дасти аввал рӯ овардаанд;

- корҳои тадқиқотӣ тасдиқ менамоянд, ки ҷараёни сохтмон, барқароршавӣ ва рушди воситаҳои алоқаи вилояти Хатлон дар солҳои барқароршавии Ҳукумати Шуравӣ дар Тоҷикистони Ҷанубӣ барои миллати тоҷик аҳамияти бениҳоят калон дошта ва дар давраи соҳибистиқлолӣ ҳаматарафа ташаккул ёфта, имрӯз дар ҷумҳурӣ ба яке аз соҳаҳои пешрафта табдил ёфтааст;

- муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ муътақиданд, ки дар рушди ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёни сохтмон, барқароршавӣ ва рушди воситаҳои алоқа нақши басо бузург гузоштааст;

- дар рафти тадқиқот муайян карда шуд, ки дар инкишофи сохтмон, барқароршавӣ ва рушди воситаҳои алоқа маҳз ёрии мутахассисони Шуравӣ хеле назаррас мебошад;

- диссертант ба хулосае омадааст, ки маҳз бо туфайли ҷараёни сохтмон, барқароршавӣ ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлон, сатҳи маданӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии сокинони минтақа баланд гардида, дар кишвар як минтақаи аз ҷиҳати иқтисодӣ-иҷтимоӣ пешрафта ба вуҷуд омадааст;

- дар ҷараёни рушди воситаҳои алоқа дар минтақа имкониятҳои васеъ барои некуаҳволии аҳолии минтақа, беҳтар намудани шароити зисту зиндагонӣ, тарбияи ғоявӣ-сиёсӣ, зебопарастӣ ва маънавӣ фароҳам омада, шумораи муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ афзудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар он ифода меёбад, ки:

- муаллиф маводҳои зиёди бойгонӣ ва дигар сарчашмаҳоро оид ба ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлон ба муомилоти илмӣ ворид намудааст;

- муаллиф шахсан дар озмоиши натиҷаҳои тадқиқот дар конфронсҳо, таҳияи монография оид ба мавзуъ иштирок кардааст;

- натиҷаҳои илмии таҳқиқоти мазкур, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда, инчунин тавсияҳои хислати амалидошта бевосита аз ҷониби худи муаллиф мустақилона таҳия, баррасӣ ва исбот шудаанд;

- саҳми бевоситаи муаллиф дар навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ҳалли масъалаҳои мубрам ва баррасии комили ҷанбаҳои мушаххаси ҷараёни сохтмон, барқароршавӣ ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлон возеҳан мушоҳида мешавад.

**Аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Диссертатсия дорои аҳамияти илмӣ–назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои бадастомада метавонанд, дар корҳои илмӣ-тадқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон ҷиҳати муайян намудани роҳҳои инкишофи минбаъдаи барқароршавӣ ва рушди воситаҳои алоқа кӯмаки воқеӣ расонанд. Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссертатсияро зимни таълифи асарҳои маҷмӯӣ роҷеъ ба барқароршавӣ ва рушди воситаҳои алоқаи вилояти Хатлон дар солҳои

1924-1991 ҳангоми хондани курсҳои лексионӣ ва махсусан аз фанҳои «Таърихи халқи тоҷик», «Таърихнигории таърихи халқи тоҷик» метавон истифода намуд. Аҳамияти амалии диссертатсия инчунин аз истифодаи эҳтимолии натиҷаҳои бадастомадаи тадқиқот дар ниҳодҳои илмӣ-тадқиқотӣ, кафедраҳои гуманитарии мактабҳои олӣ иборат аст.

Хулосаҳои умуминазариявии тадқиқоти диссертатсионӣ ба маърифати амиқи зарурати нигоҳдошти муттасил ҳангоми банақшагирии барномаҳои рушди воситаҳои алоқаи кишвар имкон медиҳанд. Маводи дар диссертатсия овардашуда барои маърифати воқеии масъалаҳои мубрами ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат, махсусан фаъолияти воситаҳои алоқаи кишвар имконият медиҳанд.

Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби Тоҷикистон дар заминаи сохтмон ва рушди воситаҳои алоқаи муосир хело ҳам муфиданд.

**Тасдиқи кор. (Апробатсияи диссертатсия.)** Ғояҳо, муқаррарот, натиҷаҳои назариявии асосӣ ва пешниҳодот ва тавсияҳои амалӣ доир ба диссертатсия дар 20 интишороти муаллиф, аз ҷумла 1 монография, 11 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, китобу брошюраҳо ва мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавии дар дигар нашрияҳо ба табъ расида, таҷассум ёфтаанд. Диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (протокол № 7 аз 27 сентябри соли 2022) мавриди муҳокима қарор гирифта, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 176 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида аз муқаддима, ду боб, чор зербоб, хулоса, феҳристи манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

# БОБИ I. ТАШАККУЛ ВА РУШДИ КОРХОНАҲОИ АЛОҚАИ ПОЧТА ВА РАДИО ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

## 1.1. Ташаккул ва рушди минбаъдаи алоқаи почта дар ноҳияҳои вилояти Хатлон

Калимаи «почта» аз «porta»-и лаҳистонӣ гирифта шуда, ба забонҳои мардуми кишварҳои собиқ Шуравӣ ворид гардидааст, ки маънои хизматрасонӣ ба аҳолӣ, яъне қонеъгардонии талаботи онҳо ба хабару гузоришҳо, дастраскунии муросилоти вориду содиршавандаро дорад.

Дар Рими қадим солҳои 200-и то мелод воситаи огоҳкунии алоқаи почта оташ буд, ки он ба дигаргунсозии алоқа мусоидат намуд ва барои фаврӣ расонидани хабарҳо аҳамияти хос дошт[1].

Ҳар сол кормандони почтаи мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла ҷумҳурии мо 9-уми октябрро чун Рӯзи умумиҷаҳонии почта таҷлил менамоянд.

Дар асоси шартномаи Берн 9 октябри соли 1874 Иттифоқи умумиҷаҳонии почта таъсис дода шудааст. Иттифоқи умумиҷаҳонии почта баъд аз Иттифоқи умумиҷаҳонии алоқаи барқӣ яке аз қадимтарин ташкилотҳои умумиҷаҳонӣ ба шумор меравад[2].

Мувофиқи маълумотҳои бадастомада ва сарчашмаҳои давраи ҳукмронии Сомонӣ, набераи ӯ Насри II (с.914-943) дар инкишофи соҳа нақши бузург бозидааст. Замони салтанати Насри II дар атрофи Регистони Бухоро даҳ бинои бузург сохта шуд, ки дар ҳар кадоми онҳо девонҳо - идораҳои марказӣ ҷой гирифта буд ва яке аз он Девони соҳиб-ул-борид идораи алоқа буд[3]. Маълумотҳои парокандаи сарчашмаҳо ва таҳлили онҳо имконият медиҳанд, бигӯем, ки почта дар инкишофи ҷомеа ва пойдор гаштани марказҳои сиёсӣ баробар аҳамият доштааст.

Сокини Англия Роуланд Хилл соли 1836 таклиф кард, ки барои ҳамаи мактубҳои вазни муайян дошта нархи якхела муқаррар карда шавад. Дигар

---

[1]Шарипов Ҷ.Х. Танзимгари алоқаи почта. – Душанбе, 2011. – С.9.
[2]Қайюмов Т. Пайвандгарони дилҳо // Садои мардум. – 2002. – 9 окт.
[3]Ҳотамов Н., Довудӣ Д., Муллоҷонов С., Исоматов М. Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе, 2011. – С.118.

сокини Англия Чалмерс таклиф кард, ки барои нархи ҳамаи мактубҳо нишоне муқаррар шавад. Ҳамин тавр, дар соли 1840 якумин дар ҷаҳон маркаи почта пайдо шуд, ки дар он сурати маликаи Британияи Кабир акс ёфта буд. Чунин маркаҳо баъдтар дар дигар мамлакатҳо низ пайдо шуданд. Масалан, дар Швейтсария соли 1843, дар ШМА соли 1845, дар Россия соли 1858-ум[1].

Солҳои 1837-1869 дар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла, Осиёи Миёна, шаҳрҳои соҳили Балтика, Закавказия ба хизматрасонии алоқаи почта диққати ҷиддӣ дода шуд[2]. Соли 1866 паҳншавӣ ва инкишофи почта дар ҳама мавзеъҳои аҳолинишини шаҳру ноҳияҳои номбаршуда, ки қад - қади роҳҳои муросилотӣ ҷойгир буданд, суръат гирифт. Инкишофи соҳаи алоқа, дар маҷмуъ, дар ҳудуди Осиёи Миёна аз ҳамин давраҳо оғоз ёфтааст, ки он соли 1922 пурра мегардад[3].

Аввалин воситаву таблиғи соҳаи алоқа бо ҳар гуна роҳҳои ибтидоӣ, яъне дилежансҳо ба роҳ монда мешуд. Дилежансҳо бори аввал дар Англия соли 1600 пайдо шуда буданд, ки онҳо ба мисли фойтунҳои ҳозира буданд[4].

Яке аз омилҳои мусбии ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия ин ташкил намудани почта мебошад. Дар қаламрави генерал-губернатори Туркистон округи телеграфӣ-почтавии кишвари Туркистон таъсис дода шуд. Аммо дар давраҳои аввал алоқаи почта ба қӯшунҳо, намояндагони буржуазияи рус ва одамони бойи маҳаллӣ хизмат мерасонид. Баъдтар ба аҳолии шаҳрҳо имконияти истифодаи алоқаи почта дода шуд. Соли 1865 дар Хуҷанд нахустин шуъбаи почта кушода шуд[5].

Барои кашонидани мактубҳои почтавӣ нукарҳо ва муҳофизон дар ҳар бекигарӣ бо шумораи аз 200 то 300 нафар бо унвони қаровулбегӣ мавҷуд

---

[1]Нақли Обид // Машъал. – 1989. – №12. – С.1.
[2]Фармонҳо ва қарорҳои Вазорати алоқа // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.10. – В.122.
[3]История таджикского народа. Т.V. Новейшая история (1917-1941 гг.). – Душанбе, 2004. – С.670; Из истории культурного строительства в Таджикистане (1917-1977 гг.). Сб.докум. Т.1. – Душанбе: Дониш, 1979. – С.420.
[4]Барсук В.А., Мацнев В.П., Тихонова А.Ф. Организация и планирование почтовой связи. Учебник для вузов связи. – М.: Связь, 1977. – С.23.
[5]Фармонҳо ва қарорҳои Вазорати алоқа // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.10. – В.122.

буд. Дар байни онҳо хизматчиёни хурд, яъне саисон низ буданд. Дар назди ҳар як амлокдор 10-20 нафар нукар барои кашонидани почта мавҷуд буд, ки онҳо мактубҳои почтавиро аз номи бек ба амир мерасониданд.

Аввалин шоҳроҳи почтавӣ дар қаламрави Тоҷикистони имрӯза соли 1866 байни Хуҷанд ва Тошканд кушода шуд. Моҳи марти соли 1867 аввалин хабаррасонии почтавӣ байни Хуҷанд ва Нов, Ӯротеппа ва Ҷиззах, охири соли 1868 ин амал то шаҳри Самарқанд расонида шуд[1].

Ба кормандони почта иҷозат дода шуда буд, ки дар вақти зарурӣ ба воситаи оқсақолон аз қишлоқи наздиктарин шумораи муайяни аспҳо, уштурҳо ва аробаҳоро барои кашонидани бори почта гиранд. Баъзе истгоҳҳо ва шоҳроҳҳои почта аз ҳисоби бойҳои маҳаллӣ ва оқсақолон нигоҳубин карда мешуд ва онҳо бо губернатори ҳарбӣ шартнома мебастанд.

Солҳои 1900 муносибатҳои нави ҷамъиятиву сиёсӣ, тараққиёти воситаҳои истеҳсолӣ дар ҳудуди Осиёи Миёна тағйир мееёбанд.

Яке аз мавзеъҳои ақибмондаи Аморати Бухоро ин Бухорои Шарқӣ буд, ки аҳолии он дар бораи почта ягон маълумот надоштанд. Танҳо соли 1913 дар қишлоқи Саройкамар (н. Панҷ) нахустин шуъбаи почта кушода шуд. Ҳамин тариқ, як шуъбаи почта дар қаламрави 130 ҳаз. км мураббаъ ва аҳолии беш аз 600 ҳазор нафар рост меомад[2].

Аввалан, муросилоти почта тавассути велосипед амалӣ мегардид. Баъдан велосипед яке аз воситаҳои асосии интиқоли почта шуд. Дар бағоҷдони велосипед қуттии почтаро ҷойгир мекарданд, ки ҳангоми дар мавзеъҳои аҳолинишин пайдо гаштани он мардум мефаҳмид, ки ба касе навиштае омадааст ва дар навбати худ онҳо метавонанд мактубҳои худро бо ёрии велосипед дастраси суроға намоянд. Ҳамин тавр, фаъолияти соҳаи алоқа аз почта оғоз шуд.

---

[1]Фармонҳо ва қарорҳои Вазорати алоқа // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.10. – В.123.
[2]Кабиров Х. Развитие средств связи в Таджикистане. – Душанбе: Ирфон, 1965. – С.13.

Ҳамин тариқ, агар то Инқилоби Октябр (с.1917) дар мавзеъҳои марказии Аморати Бухоро ва ноҳияҳои шимоли Тоҷикистони имрӯза алоқаи телеграфӣ инкишоф ёфта бошад ҳам, дар Бухорои Шарқӣ ягон километр хатҳои телеграфӣ ва телефонӣ вуҷуд надоштанд.

Пеш аз инқилоб дар қаламрави Тоҷикистони ҳозира алоқаи почта умуман вуҷуд надошт. Танҳо баъди ғалабаи Инқилоби Октябр ва дар Тоҷикистон барпо гардидани Ҳокимияти Шуравӣ меҳнаткашони тоҷик дар бораи чӣ будани алоқаи почта тасаввурот пайдо карданд[1].

Аввалин бор дар таърихи халқи тоҷик моҳи июни соли 1922 экспедитсияи почтаи ҳарбӣ ташкил карда шуд, ки вай ба қисмҳои ҳарбӣ ва аҳолӣ хизмат мекард.

Дар Аморати Бухоро то Инқилоби Октябр барои 3 миллион аҳолӣ ҳамагӣ 10 муассисаи алоқа ва 10 қуттии почтавӣ вуҷуд дошт[2]. Техникаи алоқаи почта сода буда, нақлиёти бурдани почта асосан аз ҳисоби ҳайвоноти боркаш буд.

То ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия дар қаламрави васеи вай қариб, ки воситаҳои алоқа мавҷуд набуданд. Бо роҳҳои аз назди ҷойҳои зичи аҳолӣ саворагон бо фармонҳои хонҳо ва ҳукуматдорон ҳаракат менамуданд.

Гарчанде қуттиҳои почтавӣ аз ҳисоби аҳолии таҳҷойӣ маблағгузорӣ мешуд, аммо халқ аз ин намуди алоқа истифода бурда наметавонист. Ҳамаи шабакаи почтавӣ ба ҳукмронони марказӣ итоат менамуданд.

Дар солҳои ҷанги шаҳрвандии 1920-1926 вазифаи асосии алоқачиёни Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро (ҶХШБ) аз он иборат буд, ки воситаҳои алоқаи мавҷудбударо аз босмачиён муҳофизат намоянд. Чунки босмачиён тез-тез ҳуҷум намуда, барои сохтмони ҳаёти маданӣ ва хоҷагидории нав халал мерасониданд[3].

---

[1]Кабиров Ҳ. Дар хизмати аҳолӣ // Тоҷикистони Советӣ. – 1964. – 3 дек.
[2]Ҳакимов Н. Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 2008. – С.43.
[3]Кабиров Ҳ. Дар хизмати аҳолӣ // Тоҷикистони Советӣ. – 1964. – 3 дек.

Баъди таъсисёбии Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро дар назди Назорати халқии (комиссариат) корҳои дохилии ҷумҳурӣ, идораи алоқаи халқӣ таъсис дода шуд. Дар назди шуъбаи алоқаи халқӣ Раёсати нақлиёти почта таъсис дода шуд, ки вазифаи вай ташкил ва кашонидани почта дар Бухорои Шарқӣ буд.

Аз ҳамин вақт таърихи воситаҳои алоқаи почта дар Бухорои Шарқӣ (Тоҷикистони имрӯза) оғоз мегардад.

Бо барқарор гардидани Ҳокимияти Шуравӣ дар қаламрави Бухорои Шарқӣ талабот дар бораи хизмати воситаҳои алоқа барои муассисаҳои давлатӣ ва коргару деҳқон афзуд.

Моҳи апрели соли 1922 дар Бухорои нав ҷаласа дар бораи ташкил ва муҳайё кардани воситаҳои алоқа дар қаламрави Бухорои Шарқӣ шуда гузашт[1]. Ҷаласаро сардори поезди 1-уми алоқа И.А. Слегфокт ва комиссари поезд П.С. Аллилуев гузарониданд. Дар ҷаласа аъзоёни Реввоенсовет иштирок намуданд. Иштирокчии ин ҷаласа яке аз ташкилкунандагони алоқаи почта дар Тоҷикистон Павличев В.А. буд. Бо қарори Реввоенсовети фронт ва ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро Раёсати алоқаи ҳарбӣ-халқӣ таъсис дода шуд, ки ба Назорат (Комиссариат) итоат менамуд[2]. Якумин маркаи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ соли 1923 пайдо шудааст[3].

Ибтидои интишори матбуот дар ҷумҳурӣ ба соли 1924, яъне соли ташкилёбии Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон рост меояд.

Ҳоло алоқаи почтавӣ воситаи алоқаи дастрастарин гардида, нақши он дар кори иқтисодӣ ва маданию маърифатӣ афзудааст.

Бо фармони Комиссариати халқии Бухорои Шарқӣ 10-уми сентябри соли 1923 хатти ҳаракати почтаи Қаршӣ - Ғузор - Душанбе ба масофаи 340

---

[1]Кабиров Х. Развитие средств связи в Таджикистане. – Душанбе: Ирфон, 1965. – С.16.
[2]Дар ҳамон ҷо.
[3]Нақли Обид // Машъал. – 1989. – №12. – С.1.

км ташкил карда шуда ва барои кашонидани бори почта 201 сар маркаб, 250 сар асп ва 54 сар уштур вобаста гардида буданд[1].

Дар аввали соли 1923 аз Қаршӣ то Душанбе дар масофаи 340 километр роҳи почтагарди аспӣ ташкил ёфт, ки он ибтидои алоқаи доимии почтавии Тоҷикистон гардид. Почтаро бо уштур, аспу хар мекашонданд. Худи ҳамон сол дар Душанбе, Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа муассисаи почтаи ҳарбӣ кушода шуд. Дар ҳамон вақт сардори ин роҳи алоқа Н.М. Тихомиров буд. 10 сентябри соли 1923 ҳаракати мунтазами почта сар шуд. Дар Душанбе, Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа се муассисаи ҳарбии почта ба кор сар кард, ки онҳо постҳои сайёри рақамҳои 10, 11 ва 12 номида мешуданд[2]. Дар ин шоҳроҳ ҳамагӣ 13 истгоҳи аспӣ-почтавӣ буд, ки дар мавзеъҳои Киршоҳ, Танги Хурам, Дарбанд, Бойсун, Қаротоғ ва Душанбе ҷойгир буданд.

Дар Душанбе дар ҳайати чор кас Раёсати қитъаи нақлиётии Қаршӣ – Душанбе ва дар ҳайати 23 нафар истгоҳи почта - нақлиёт ташкил карда шуда буданд. Дар ҳамон вақт ба ихтиёри ин муассисаҳои алоқа 20 сар асп, 25 сар шутур ва 100 сар маркаб дода шуда буд[3]. Дар як вақт дар байни Душанбе ва марказҳои вилоятӣ алоқаи почта барқарор карда, ду маротиба дар як моҳ ба воситаи хаткашонҳои махсус мактубҳои меҳнаткашон ва ҳуҷҷатҳои идоравӣ ба ш. Душанбе оварда мешуданд.

Почта дар канори (қишлоқи) Душанбе ташкил карда шуда буд. Почта дар хоначаи пасти лойин ҷойгир буд. Толори коркарди почта ҳамагӣ 7 метри мураббаъро ташкил медод ва қабули равонаҳо (посилкаҳо) дар саҳни ҳавлӣ гузаронида мешуд[4].

Бисёр вақтҳо ҳангоми омада расидани шумораи зиёди почта, марсулаҳо (посилкаҳо) ва чизҳои қиматбаҳо шабона дар ҳавои кушод меистод. Он вақтҳо шуъбаи алоқа ва телеграф набуд.

---

[1]Ҳисоботи солонаи истеҳсолии Раёсати алдоқа дар соли 1925 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.3. – П.1. – В.18-20.
[2]Ҳисоботи солонаи истеҳсолии ноҳияҳои вилоятҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа дар соли 1930 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.4. – П.1. – В.10-16.
[3]Ҳамон ҷо.
[4]Ҳамон ҷо.

Почтаи шаҳри Душанбе маркази таъсисёбии ҳамаи корҳои почта ба шумор мерафт ва дар рушди алоқаи почтаи Тоҷикистон нақши асосиро мебозид. Бо кушода шудани почта фавран мукотиботи почтавӣ зиёд гардид.

Соли 1924 дар ш. Душанбе аввалин шуъбаи почта ташкил карда шуд, ки вай 7 нафар коркунони штатӣ дошт ва ба Ревкоми Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон итоат менамуд. Баъдан ҳамин гуна шуъба дар ш. Кӯлоб ташкил ёфт. Почтаи ш. Душанбе дар хонаи похсагин ҷой гирифта, ягон асбобу анҷом ва таҷҳизот надошт. Сарфи назар аз душвориҳои зиёде, шуъбаи почтаи ш. Душанбе минбаъд ба маркази тамоми кори алоқаи Тоҷикистон мубаддал гашт. Дар ҳамон вақт як муассисаи алоқа ба 60 ҳазор километри мураббаъ ва ба 350 ҳазор нафар аҳолӣ рост меомад ва муносибати зиёд шудани ҳаҷми кор дар моҳи майи соли 1925 дар пояи почтаи Душанбе идораи почтаю телеграф барпо карда шуд. Баъдтар дар Саройкамар, Ғарм ва Ҳисор шуъбаҳои алоқаи почтаю телеграф ва дар Ҷиликӯл, Қӯрғонтеппа, Файзобод ва Қаратоғ агентиҳои ғайриштатии почтаю телеграф ташкил карда шуданд.

Соли 1924 дар Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро аввалин маркаҳои почтавӣ бо расмҳои гуногун бо арзиши 1, 3, 5, 10, 15, 25, 50 и 75 рубл баровarda шуда буд. Бо ин маркаҳои почтавӣ мактубҳо дар дохили Тоҷикистон ва мактубҳои берун аз ҷумҳурӣ бо маркаҳои почтавии Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия (РСФСР) равон карда мешуданд.

Танҳо дар соли 1924 қариб 30 ҳазор мактуб қабул карда шуд. Даромади шуъбаи почтаи Душанбе 3800 рублро ташкил медод.

То охири соли 1924 дар шаҳри Кӯлоб боз як шуъбаи алоқаи почта кушода шуд[1]. Ҳамин тариқ, дар соли 1924 дар қаламрави Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ҳамагӣ ду муассисаи алоқаи почта вуҷуд дошт. Ҳар яки он ба 300 ҳазор аҳолӣ хизмат мерасонид.

[1]Кабиров Х. Развитие средств связи в Таджикистане. – С.20.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки пешрафти ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ, иқтисодиёт ва маданияти ҷумҳурӣ бо тараққиёти босуръати алоқа, ки яке аз омилҳои муҳимтарини тезонидани ҷараёни техникӣ мебошад, зич алоқаманд аст. Соли 1923 роҳи хаткашони Қаршӣ - Душанбе (масофааш 340 км) кушода мешавад, ки он ибтидои алоқаи доимии почтавии Тоҷикистон гардид. Почтаро бо уштур ва аспу хар мекашонданд. Худи ҳамон сол дар Душанбе, Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа муассисаи почтаи ҳарбӣ кушода шуд.

Дар соли 1924 дар пойтахти ҷумҳурӣ аввалин муассисаи муқимии почтавӣ кушода шуд, ки ба мардум хизмати гуногун мерасонд, баъд ба хонаҳои шаҳрвандон расондани мактубу нашрияҳо ба роҳ монда шуд.

Дар аввали соли 1924 роҳҳои почта ҳамагӣ 340 километрро ташкил медод ва муросилот бо ин роҳҳо тавассути маркабҳо дар моҳе 2-3 маротиба интиқол дода мешуд[1].

Аз соли 1925 сар карда, соҳаи алоқаи почтаи Тоҷикистон инкишоф меёбад. То он даме ки Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон шуъбаи почта надошт, муросилоти аҳолӣ ба воситаи уштур, асп дастрас гардонида мешуд. Муҳлати дастрас намудани муросилоти почта аз Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон то ш. Москва 42 шабонарӯз, то Ӯзбекистон 12 шабонарӯз, то Қазоқистон - Алмаато 16 шабонарӯз буд, лекин почтаи сайёр он давра тамоман вуҷуд надошт, ки онро дар ташкилоту муассисаҳои ҳарбӣ то солҳои 1886 -1890 ҳамчун почтаи саҳроӣ медонистанд[2].

Соли 1925 дар Тоҷикистон 2000 нафар обуначиён мавҷуд буданд, соли 1964, ба ҳисоби миёна ҳар сол ҳар нафари дуюми аҳолӣ ба рӯзнома ва маҷаллаҳо обуна мешавад.

Аввалин ташкилкунандагони системаи алоқа дар шароитҳои мураккабу мушкил кору зиндагонӣ мекарданд. И.С. Середин сардори

---

[1]Сайко В. Большие перемены // Коммунист Таджикистана. – 1964. – 20 нояб
[2]Ҳисоботи солонаи истеҳсолии Раёсати алдоқа дар соли 1925 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.3. – П.1. – В.14-15.

қитъаи тафқиқ ва ирсоли почтамти Душанбе, иштирокчии мубориза бар алайҳи босмачиён бобати меҳнати бисёрсола ва софдилона дар идораҳои алоқа бо орденин Ленин мукофотонида шудааст. А.В. Успенский, муҳандиси алоқа кори хешро дар мақомоти алоқа ба ҳайси монтёр дар соли 1926 оғоз карда буд. П.Ф. Карпенко сардори шуъбаи алоқаи Исфара дар соли 1932 фаъолияти хешро ба ҳайси шогирд дар почтамт оғоз кардааст. Хаткашони куҳнатарини почтамти Душанбе М. Шарипова аз соли 1926, монтёри радиоузели Ленинобод, зарбдори меҳнати коммунистӣ А.Б. Исмоилов аз соли 1932 дар мақомоти алоқа кору фаъолият мекунанд. Дар қатори алоқачиёни хизматнишондодаи ҷумҳурӣ сардори шуъбаи алоқаи Қӯрғонтеппа (ш. Бохтар) И.С. Шаталов, шуъбаи алоқаи Восеъ Н.Ф. Плаксин, телеграфисити куҳнатарини Тоҷикистон, ҳоло нафақахӯр Р.Ф. Юфриков, аввалин телефонисткаи истгоҳи телефони Душанбе Т.П. Ефимова, ва даҳҳои дигар бо ордени Ленин мукофтонида шуданд[1]. Ҳазорҳо алоқачиён, садҳо бригадаҳо, бастҳо, шуъбаҳо вориди мусобиқаи иктишофчиёни оянда шуданд. 52 басти бригадаҳо, 29 шуъбаи алоқа, 1030 нафар корманд сазовори унвони зарбдори меҳнати коммунистӣ шуданд.

Рӯзномаҳои маркизии «Правда» ва «Известия» ба Душанбе ва Ленинобод дар рӯзи нашрашон расонида мешаванд, ба шаҳрҳои дигари ҷумҳурӣ бошад, дар рӯзи баъд расонида мешаванд. Рӯзномаҳои ҷумҳуриявиро аксарияти меҳнаткашони ҷумҳурӣ дар рӯзи нашрашон дастрас мекунанд. Хизматрасонии почта комилан тағйир ёфта, беҳтар шуд, агар дар соли 1927 як муассисаи алоқа бештар ба 16 ҳазор нафар хизмат мерасониданд, дар соли 1964-ум бошад, танҳо ба 5 ҳазор нафар хизмат мерасониданд.

Моҳи майи соли 1925 шуъбаҳои алоқаи почтавӣ-телеграфӣ дар ноҳияҳои Саройкамар, Панҷ, Ғарм ва Ҳисор кушода шуданд. Дар ноҳияҳои Ҷиликӯл (н. Дӯстӣ), Қӯрғонтеппа (ш. Бохтар), Файзобод, Қаратоғ,

---

[1]Фармонҳо ва қарорҳои Вазорати алоқа // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.10. – В.31.

Помир (Мурғоб) ва дигар мавзеъҳо агентиҳои ғайриштатии почтавӣ-телеграфӣ таъсис дода шуд[1].

Соли 1925 давраи нави рушди шабакаҳои алоқаи Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон буд. Барои кашонидани почта нақлиёти суръатнок истифода мегардид. Дар охири соли 1925 хатти авиатсионии Душанбе - Кировобод - Кӯлоб кушода шуд.

18 апрели соли 1925 қарори Ревкоми Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон «Дар бораи беҳтар намудани паҳнкунии матбуот» баромад ва бо мақсади ба тамоми қаламрави ҷумҳурӣ паҳн намудани матбуоти даврӣ, бурда расонидани он ба зиммаи кормандони милитсия, комитетҳои иҷроияи маҳаллӣ ва паҳнкунандаҳои инфиродии матбуот гузошта шуда буд[2].

Соли 1925 барои кашондани бори почта ба самтҳои Душанбе - Кӯлоб, Душанбе-Саройкамар, Душанбе - Ленинобод аз тайёра ва чархболҳо истифода бурда мешуд. Худи ҳамон сол барои тараққиёти почта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зиёде ба анҷом расонида шуд. Аввалин хаткашон ба фаъолият шурӯъ намуд[3].

20 майи соли 1925 нахустин роҳи ҳавоии Душанбе ва Когон кушода шуд. Аз ҳамон вақт самолёту алоқа, ки «Добнақлиёт» ном дошт, почтаи авиатсиониро ба Душанбе мекашонд. Аз охири соли 1925 бошад, воситаи нақлиёти ҳавоии боркаш дар роҳи ҳавоии Душанбе - Саройкамар - Кӯлоб истифода бурда мешуд[4].

Почтаи аввалин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз як моҳи ташкилёбии Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба фаъолият оғоз кардааст. Почта ҳангоми фаъолияти дохилисохтории худ 30 ҳазор мактуб

---

[1]Фармонҳо ва қарорҳои Вазорати алоқа // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.10. – В.73.
[2]Шарипов Ҷ.Х. Танзимгари алоқаи почта. – С.10.
[3]Ҳисоботи ноҳияҳои вилоятҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа дар соли 1925 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.15. – В.24.
[4]Кабиров Ҳ. Дар хизмати аҳолӣ // Тоҷикистони Советӣ. – 1964. – 3 дек.

гирифт. Даромади почтаи аввалини Тоҷикистон соли 1925 3,8 ҳазор танга (монет)-ро ташкил медод[1].

Бо вуҷуди ҳамаи ин, дар ҷумҳурӣ воситаҳои алоқа ниҳоят кам буданд. Аз ин ҷост, ки Кумитаи инқилобии Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон 1 апрели соли 1926 «Дар бораи ташкили алоқаи мунтазам дар Тоҷикистон ва беҳтар кардани кори ба қишлоқҳо фиристодани почта» қарор қабул кард. Ин ҳуҷҷат дар роҳи пурзӯр намудани инкишофи воситаҳои алоқа нақши калон бозид.

Бюрои ташкилии КМ ҲК (б)-и Ӯзбекистон дар Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва Шурои Комиссарони Халқии Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба кори алоқа диққати махсусан калон дода, ба деҳқонон ва мақомотҳои дар маҳалҳо будаи Ҳокимияти Шуравӣ муроҷиатнома қабул карда, онҳоро даъват мекарданд, ки дар сохтмон ва ташкили воситаҳои алоқа дар ҷумҳурӣ фаъолона иштирок намоянд. Дар муроҷиатнома қайд карда мешуд, ки почта ва телефон бояд дастраси оммаи васеъ гардад.

Дар асоси қарори Ревкоми Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 22 марти соли 1926 «Дар бораи ташкил намудани алоқаи почта» шоҳроҳҳои нави почтавии Душанбе - Колхозобод - Кировобод - Кӯлоб (масофааш 408 км) ва Душанбе - Файзобод - Ғарм (масофааш 184 км) кушода шуд[2].

Ноҳияи Файзобод маркази роҳи тиҷоратии Ғарм ва Кӯлоб ба шумор мерафт. То ин ҷо роҳи мошингард ба охир мерасид ва давомаш роҳҳои нақлиёти ҳайвоноти боркаш оғоз мегардид, ки дар ин ҷо дарёҳои пурталотуми кӯҳӣ ҳамдигарро бурида гузашта, дараҳои чуқури беш аз 200 м арзи вуҷуд доштанд. Дар баъзе ҷойҳо кӯпрукҳои майда вуҷуд доштанд. Ин мавзеъҳо мушкилгузар буданд ва баъзан корвонҳо аз ин маконҳо

[1]Фармонҳо ва қарорҳои Вазорати алоқа // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.10. – В.121.
[2]Кабиров Х. Развитие средств связи в Таджикистане. – Душанбе: Ирфон, 1965. – С.22.

барнамегаштанд. Аз чапу рости ин водӣ кӯҳҳо ҷойгир буда, байни онҳо дарёчаи кӯҳӣ буд, ки ҳангоми ягон ҳодиса ҷойи гурез набуд.

Бо мақсади иҷроиши қарори Ревком оид ба рушди минбаъдаи воситаҳои алоқа ва ташкил намудани роҳҳои аниқи алоқаи мунтазам рӯзи 1-уми январи соли 1926 дар пойтахти Тоҷикистони Шуравӣ дар пояи идораи почтавӣ-телеграфӣ, идораи почтавӣ-телеграфии Душанбе кушода шуд. Ба ин муассиса тамоми корхонаҳои алоқаи ҷумҳурӣ итоат мекард. Худи ҳамон сол вазифаи вакили округи алоқаи Комиссариати халқии Шуравии Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Шумораи муассисаҳои алоқа дар охири соли 1927 назар ба солҳои 1924-1925 бештар аз 12 баробар афзуд. Дар ҳамон вақт дар байни хизматчиёни почтаю телеграфи ҷумҳурӣ бисёр намояндагони миллати маҳаллӣ кор мекарданд. Аз байни онҳо хаткашон М. Шарифов ва нахустин алоқачизани тоҷик М. Ҳасановаро номбар кардан мумкин аст, ки ба таъқиби босмачиёни ғоратгар нигоҳ накарда, вазифаи худро бошарафона иҷро мекарданд[1].

Дар моҳи майи соли 1928 дар Хонаи деҳқони шаҳри Душанбе Анҷумани умумитоҷикистонии коркунони алоқа барпо гардид. Анҷуман муваффақиятҳои инкишофи алоқаро ҷамъбаст карда ва вазифаҳои минбаъдаро муайян намуд. Дар ин вақт дар ҷумҳурӣ 39 муассисаи алоқа кор мекард[2].

Округи алоқаи Осиёи Миёна барои барқарор намудани воситаҳои алоқа дар Тоҷикистон 210 ҳазор рубл ҷудо намуд, ки аз ин 70 ҳазор рубл барои рушди алоқаи почта ҷудо карда шуда буд. Ғайр аз ин, аз тарафи идораи ҳарбӣ 100 ҳазор рубл барои барқароршавии алоқа ҷудо карда шуд[3].

Барои беҳтар намудани кашонидани почта ва барқарор намудани алоқаи байни ноҳияву ҷамоатҳо ва алоқаи онҳо бо мавзеъҳои серодам

---

[1]Кабиров Ҳ. Дар хизмати аҳолӣ // Тоҷикистони Советӣ. – 1964. – 3 дек.
[2]Ҳамон ҷо.
[3]Кабиров Х. Развитие средств связи в Таджикистане. – С.23.

барои ҳафтае 2-3 маротиба алоқа барқарор кардан шоҳроҳҳои почтавии зерин: Душанбе – Файзобод – Ғарм, Файзобод – Кангурт, Ҷиликӯл – Бандар, Саройкамар - Кӯлоб, Саройкамар – Бандар роҳандозӣ карда шуданд.

Байни Тирмиз ва Саройкамар почта ба воситаи қаиқ (бо роҳҳои обии Амударё) кашонида мешуд. Почта мунтазам ҳафтае 2 маротиба равон карда мешуд.

Барои беҳтар намудани алоқаи почта ва якҷоя намудани ҳамаи воситаҳои алоқа дар идораи округӣ (почта, телеграф, телефон, радио) бинои таъмиршудаи барҳаво ҷудо карда шуд. Дар назди бинои идора аввалин бор сутуни телефонӣ рост намуда, сим кашида шуд. Дар биноҳои шуъбаҳои почтавӣ-телеграфии ноҳияҳои Саройкамар, Ҷиликӯл ва дигар ноҳияҳо таъмири асосӣ гузаронида шуд.

Муассисаҳои алоқа дар чунин ноҳияву вилоятҳои Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон вуҷуд доштанд: шуъбаҳои почтавӣ-телеграфӣ дар маркази вилояту ноҳияҳои Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Ҷиликӯл, Саройкамар, намояндагиҳои почтавӣ-телеграфӣ дар ноҳияҳои Файзобод, Кангурт ва Қаратоғ, штатҳои намояндагиҳои почтавӣ дар ноҳияҳои Ховалинг, Балҷувон, Муминобод, Қизилмазор, Чӯбек, Фархор, Уялӣ, Қубодиён ва якто дар назди КИМ-и ш. Душанбе[1].

Хаткашонҳои деҳотӣ ҳамаи мактуб ва муросилотро қабул намуда, ба фурӯши маркаву лифофаҳо машғул буда, почтаро мекашониданд. Дар округи Душанбе 9 нафар хаткашони деҳотии аспсавор мавҷуд буданд, ки онҳо ҳафтае як маротиба ба минтақаҳои зерин хизмат мерасониданд: Душанбе – Ёвон, Кӯлоб – Ховалинг, Ховалинг – Кангурт, Кангурт – Қизилмазор – Кӯлоб, Кӯлоб – Фархор, Ҷиликӯл - Қубодиён, Саройкамар – Фархор.

---

[1]Ҳисоботи ноҳияҳои вилоятҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа дар соли 1931 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.16. – В.15-21.

Дар солҳои 1927-1928 ҳаракати почта аз рӯйи ҷадвали муайян ба роҳ монда шуда буд, шоҳроҳҳои нави алоқаи Хоруғ – Мурғоб ва Душанбе – Кӯлоб кушода шуданд[1].

Моҳи июни соли 1928 дар пойтахти Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистони дар Хонаи деҳқон Анҷумани умумитоҷикии алоқачиёни округи Душанбе шуда гузашт. Дар анҷуман намояндагони кишварҳои Туркманистон, Ӯзбекистон ва ш. Новосибирск иштирок намуданд[2]. Анҷуман қайд намуд, ки баъди ба идораи почтавии округии Душанбе табдил додани идораи почтаи шаҳрӣ як қатор пешравиҳо дар мавзеъҳои деҳот дида мешавад.

Соли 1928 почта бо шоҳроҳи Душанбе – Қӯрғонтеппа ҳафтае 2 маротиба ба воситаи уштур равон карда мешуд.

Моҳи октябри соли 1929 сохтмони биноҳои идории шуъбаҳои алоқаи почта дар ноҳияҳои Ғарм, Кӯлоб, Саройкамар ва дигар мавзеъҳо оғоз гардид. Мувофиқи нақша дар солҳои 1928-1929 барои сохтмони биноҳои идории шуъбаҳои алоқа 550 ҳазор рубл ҷудо карда шуда буд[3].

Ба шароити вазнини ҳамон давра нигоҳ накарда, бисёр кормандони алоқа меҳнати ҷасурона менамуданд. Соли 1929 хаткашони идораи алоқаи округи Душанбе Очилов И. зимистон ҳангоми кашонидани почта дар шоҳроҳи Душанбе – Қӯрғонтеппа дар ағба гарчанде ҳарду пояшро сармо зада бошад ҳам, аммо почтаро напартофта ба ҷойи муайян расонид. Очилов И. якчанд маротибаи дигар низ дар наздикии қишлоқи Қарамандӣ почтаро аз ҳуҷуми босмачиён наҷот дода буд.

Сохтмони роҳи оҳани Тирмиз - Душанбе, ки дар соли 1929 ба анҷом расид, дар роҳи тараққиёти воситаҳои алоқа нақши калон бозид. Ин роҳи оҳан Тоҷикистонро бо марказҳои калони саноатӣ ва мадании Иттиҳоди Шуравӣ пайваст намуд.

---

[1]Ҳисоботи ноҳияҳои вилоятҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа дар соли 1931 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.16. – В.28.
[2]Кабиров Х. Развитие средств связи в Таджикистане. – С.29.
[3]Фармонҳо ва қарорҳои Вазорати алоқа дар соли 1929 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.10. – В.27.

Дар омӯзишгоҳи алоқаи ш. Душанбе монтёрҳои радио, телеграфу телефон ва коркунони почта тайёр мекарданд. Омӯзишгоҳ дар давоми мавҷудияти худ садҳо нафар мутахассисон тайёр намуда аст.

Яке аз нахустин поягузорони алоқаи почта дар водии Вахш П.С. Середин буд, ки соли 1929 сардори идораи алоқаи Қӯрғонтеппа шуда кор мекард. Барои меҳнати бенуқсон бо ордени Ленин сарфароз гардида буд[1].

Соли 1929, яъне дар соли ташкил ёфтани Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, дар ҷумҳурӣ 46 муассисаи алоқаи почтавӣ вуҷуд дошт ва адади онҳо солҳои 70-уми асри XX ба 800-то расида буд.

Ин нуқта низ хеле ҷолиб аст. Агар дар соли 1929 дар Тоҷикистон 150 табличкаи почта насб карда шуда бошад, пас соли 1964 ин теъдод ба 2850 адад расидааст.

Дар соли 1930 матбуот ва муросилоти почтаро наздики 100 нафар хаткашонҳо бурда мерасониданд. Дар соли 1964-ум бошад, ба аҳолии ҷумҳурӣ 1654 нафар хаткашонҳо хизмат мерасониданд Ҳамарӯза онҳо ба соҳибони мактубҳо бештар аз 60 ҳазор мактубу равонак, бештар аз 400 ҳазор нусхаи рӯзномаю маҷалла, 5 ҳазор ҳаволаҳои пулӣ, кӯмакҳо ва нафақаҳоро бурда мерасонданд[2]. Ба ғайр аз ин, хаткашонҳо обунаро барои рӯзномаю маҷаллаҳо оварда, ба аҳолӣ марка, лифофа, кортҳои почтаро мефурӯхтанд. Дар бисёр ноҳияҳои кӯҳӣ онҳо пиёда ва савори асб бо пайроҳаҳои кӯҳӣ почтаро ба нуқтаҳои дурдасти аҳолинишин бурда мерасониданд.

Моҳи октябри соли 1930 дар ҳайати 10 нафар Раёсати алоқаи ҷумҳурӣ таъсис ёфт, ки ба он 27 шуъбаи алоқаи ноҳиявӣ дохил гардид. Ноябри ҳамон сол Анҷумани 1-уми коркунони алоқаи ҷумҳурӣ барпо шуд, ки он вазифаҳои асосии соҳаи алоқаро муайян карда дар тараққиёти ин соҳа нақши муайян бозидааст[3].

---

[1]Ҳисоботи раёсати алоқаи ш. Қӯрғонтеппа // Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар ш. Бохтар (БДВХ дар ш. Бохтар). – Ф.369. – Р.1. – П.2. – В.5.
[2]Ҳамон ҷо.
[3]Шарипов Ҷ.Х. Танзимгари алоқаи почта. – С.11.

Соли 1930 мунтазам пояи моддию техникии алоқаи почта дар ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон беҳтар мегардид. Дар солҳои панҷсолаи якум (с.1928-1932) 10 бинои муассисаи идоравии почта сохта шуда буд, ки 7-тои он дар деҳот ҷойгир буд. Дар вилояти Хатлон барои кашонидани почта хатҳои ҳавоии Душанбе – Қӯрғонтеппа – Кӯлоб васеъ истифода бурда мешуд. Солҳои панҷсолаи якум нахустин бор дар вилояти Хатлон почта ба воситаи автомашина бо шоҳроҳи Душанбе – Қӯрғонтеппа – Саройкамар кашонида шуд.

Алоқачиёни вилояти Хатлон солҳои 30-юм ба сохтмони зарбдори шабакаи обёрии Вахш хизмати бенуқсон расониданд.

5 октябри соли 1934 Раёсати ваколатдори Комиссариати халқии почта ва телеграфи назди Шурои иқтисодии Осиёи Миёна барҳам дода шуд. Раёсати Осиёимиёнагӣ ба Комиссариати халқии алоқаи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ итоат намуда, шуъбаҳои алоқаи ноҳияҳо ба идораи алоқаи ноҳия табдил дода шуда буданд.

Соли 1935 ҳаҷми кори алоқаи почта чунин тарз буд: кашонидани мактубу муросилот – 5700,8 ҳаз. рубл, равонаҳо (посилкаҳо) – 155,0 ҳаз. рубл, муросилоти пулӣ – 201,3 ҳаз. рубл, нашриёти даврӣ – 23173,8 ҳазор нусха иҷро гардид. Даромади алоқаи почта ба 2042,5 ҳазор рубл расид[1].

Дар солҳои панҷсолаи дуюм (с.1933-1937) дар баробари тараққиёти хоҷагии халқ ва маданият коркунони алоқа ҳам муваффақиятҳои калон ба даст оварданд. То охири соли 1937 дар Тоҷикистон шумораи муассисаҳои алоқа ба 158 адад расид. Аз он ҷумла, ба он як идораи почтаю телеграф, 67 идораи алоқаи ноҳиявӣ ва 21 шуъбаи алоқа дохил мешуд. Дар назди муассисаҳои алоқаи ҷумҳурӣ 39 хазинаи амонатӣ кор мекард[2].

Соли 1938 дар шаҳрҳои Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб, ноҳияҳои Вахш ва Шаҳритӯс шуъбаҳои алоқаи почта арзи вуҷуд дошт[3].

---

[1]Фармонҳо ва қарорҳои Вазорати алоқа дар соли 1929 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.10. – В.31.
[2]Ҳамон ҷо. – П.10. – В.32.
[3]Ҳамон ҷо. – П.9. – В.12.

Соли 1940 Раёсати алоқаи Тоҷикистон ба Раёсати ваколатдори Комиссариати халқии алоқаи ИҶШС дар назди Шурои Вазирони Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон табдил дода шуд[1].

Соли 1940 дар ҳамаи шоҳроҳҳои ҷумҳуриявӣ, байниноҳиявӣ ва дохилиноҳиявӣ почта ба воситаи нақлиёти автомобилӣ ҳар рӯз ба чунин миқдор: барои мактубу муросилот – 6789,0 ҳаз. адад, муросилоти пулӣ – 293,6 рубл, равонаҳо (посилкаҳо) – 248,0 адад, нашриёти даврӣ – 40897,0 нусха кашонида мешуд.

Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 ба алоқачиёни ҷумҳурӣ мушкилотҳо ва талаботҳо зиёдро пеш овард. Бо даъвати Ҳукумати кишвар алоқачиён ҳамаи корҳои почтавиро ба роҳи ҳарбӣ мутобиқ гардониданд, то ин ки ғалаба бар душман тезтар ба даст ояд.

Дар бисёр шаҳру ноҳияҳои кишвар мактубҳо аз қуттиҳои почтавӣ рӯзе 3-4 маротиба гирифта шуда ба суроғаҳо ирсол карда мешуданд. Диққати махсус ба қисмҳо ва госпиталҳои ҳарбӣ дода мешуд. Танҳо дар соли 1943 зиёда 10 ҳазор равонаҳои (посилкаҳо) солинавии тухфадор ба ҷанговарони ҷабҳаҳо равон карда шуда буданд.

Дар рафти Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) алоқачиёни ҷумҳурӣ ватандӯстии олӣ нишон дода, тахти шиори “Ҳама барои ҷабҳа, ҳама барои ғалаба!” ғайрат намуда, аз субҳ то шом дар ҷойҳои кории худ меҳнати босамар менамуданд. Масалан, бригадири ба навъ ҷудокунандаи идораи почтаи Душанбе Никулина Е.Н., ба навъ ҷудокунандаҳо (сортировшики) Медведева О.М., Шунко М.И., Разоренсева А.С. ва Эткина С.М. дар як баст нақшаи ду-се рӯзаро иҷро менамуданд. Хаткашонҳои идораи алоқаи Қӯрғонтеппа Курносова М.С., Обуденова А.Л., Вихватен П.И. ва дигарон ба се – чор кӯчаҳо хизмат мерасониданд.

Аз оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) то 1 январи соли 1944 аз идораи алоқачиёни ҷумҳурӣ ба ҷабҳа барои ҳимояи Ватан 1150 нафар сафарбар карда шуда буд, ки ин 61 фоизи ҳамаи коргарони почтаро

[1]Кабиров Х. Развитие средств связи в Таджикистане. – С.35.

ташкил медод. Ғайр аз ин, аз идораи почтаи Душанбе назоратчии шуъбаи бурдарасонӣ Галкин И.Н., кормандони почта Андриес М.Е., Першин В.В., сардори шуъбаи алоқаи №12 Середин П.С., сардори шуъба Трофимова А.И., хаткашон Квасов М.А., ба навъ ҷудокунанда Юртагин Н.А., ҳамроҳикунандаи почта Парпиев Х., морзистка Арефева А.И., аз идораи алоқаи Қӯрғонтеппа хаткашонҳо Азимов С., Сабуров Ш., ба навъ ҷудокунандаҳо Ҳусейнов П., Муродов Ҷ. ва дигарон ба таври ихтиёрӣ ба ҷабҳа рафта буданд.

Дар соли 1945 ҳаҷми кори алоқаи почта нисбат ба соли 1940 зиёда аз 2 маротиба афзуд. Танҳо дар соли 1943 муросилоти мактубҳо ба 7914,6 ҳазор адад, муросилоти пулӣ – 493,6 ҳаз. рубл расонида шуда, даромади почта бошад, ду баробар афзуд[1].

Дар замони ҷанг 16 муассисаи алоқа ба таври иловагӣ кушода шуд. То охири соли 1945 шумораи онҳо ба 279 адад расид[2].

Баъди солҳои ҷанг дар ноҳияҳои вилоят корхонаҳои почта таъсис дода шуданд. Мисол, идораи почтаи ноҳияи Москва (н. Ҳамадонӣ) соли 1952 ташкил шуд. Вазифаи асосии идораи почта сари вақт ба аҳолӣ расонидани рӯзномаву маҷаллаҳо буд. Роҳбари он Ҷ. Табаров, сарҳисобчӣ Х. Амралиева, сароператор А. Абдуҷалолов, оператор Ч. Улчаров, сардори шуъбаи алоқа Б. Давлатова буданд. Ҳамагӣ 17 шуъбаи алоқа вуҷуд дошт: Москва-1, Москва-2, Дараи Калот, Файзобод, Меҳнатобод, Метинтуғай, Давлатобод, Чапаев, Чӯбек, Сайроб, Тагинамак, Сафедоб, Советобод, Тагноб, Дашти гуло, Оқмазор ва Гулобод[3].

Дар солҳои 50-ум алоқаи почта хеле рушд кард ва дар бисёр марказҳои вилоятҳо ва ноҳияҳо муросилот ба таври истисноӣ тавассути ҳавопаймо,

[1]Фармонҳо ва қарорҳои Вазорати алоқа дар соли 1945 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.3. – П.13. – В.38.
[2]Шарипов Ҷ.Х. Танзимгари алоқаи почта. – С.11.
[3]Ноҳияи Москва: 50 сол, таърих, тараққиёт, одамон ва имрӯзу фардои ноҳия. – С.201-202.

роҳи оҳан, нақлиёти автомобилӣ ва фақат дар 12 ноҳияи дурдасти бе роҳ тавассути маркабҳо интиқол дода мешуд[1].

Коркунони алоқаи ҷумҳурӣ дар солҳои баъди ҷанг, хусусан дар давоми даҳ соли охир муваффақиятҳои барҷаста ба даст оварданд. Дар давоми солҳои 1953 - 1963 дар ҷумҳурӣ 110 муассисаи нави алоқа кушода шуд. Дар соли 1963 дар ҷумҳурӣ 394 муассисаи алоқа, аз ҷумла дар қишлокҷойҳо 266 почта ва 2850 қуттии почтагӣ мавҷуд буд, 141 автомашинаи почтакашонанда низ мавҷуд буд[2].

Дар солҳои 1933, 1938, 1940, 1949, 1957, 1963, 1964 маркаҳои почтавӣ бо расмҳои корхонаҳои калони саноатии ҷумҳурӣ, сохтмонҳои азим, биноҳои мактабҳои олӣ, бо расмҳои С. Айнӣ, Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ ва майдонҳои шаҳри Душанбе бароварда мешуданд.

Дар солҳои 30-юм дар ҷумҳурӣ аввалин бор сад адад лампаҳои барқӣ фурӯзон шуданд. Дар қаламрави Бухорои Шарқӣ муросилоти хусусӣ тавассути корвонҳо амалӣ карда шуда, алоқаи почтавии аҳолӣ хеле ба қудрат ба чашм мерасид. Он замон як шуъбаи алоқа ба 600 ҳазор нафар аҳолӣ дар минтақа рост меомад[3].

Соли 1963 дар муқоиса ба соли 1933 интиқолҳои почта афзоиш ёфт: ирсоли номаҳо се маротиба, интиқоли пулӣ 8 маротиба, равонак (посилка) 5,2 маротиба. Агар дар соли 1933 ба обуначиён 8,5 млн нусха рӯзнома ва маҷаллаҳо дастрас карда шуда бошад, пас дар соли 1963 ин рақам ба 136 млн нусха расидааст[4].

Соли 1964 роҳҳои почта аллакай бештар аз 6500 километрро ташкил медод, ки 86% он тавассути автомобилҳо хизмат расонида мешуд. Барои интиқоли муросилот дар он давра наздики 200 мошин машғули кор буданд. Соли 1964 тавассути ҳавопаймоҳо 2596 тонна муросилот интқол дода шудааст.

[1]Соловьев А. Сталинской пятилетке // Коммунист Таджикистана. – 1946. – 5 июл.
[2]Кабиров Ҳ. Дар хизмати аҳолӣ // Тоҷикистони Советӣ. – 1964. – 3 дек.
[3]Сайко В. Большие перемены // Коммунист Таджикистана. – 1964. – 20 нояб.
[4]Ҳамон ҷо.

Фаъолияти алоқаи почтаи ҷумҳурӣ дар асоси Қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 1964 "Дар бораи чорабиниҳои беҳтар намудани алоқаи почта ба аҳолӣ" ба роҳ монда шуда, вазифаҳои мушаххас оид ба рушди алоқаи почта муайян карда шуда буд.

Соли 1964 дар ҷумҳурӣ 3147 қуттии почта вуҷуд дошт, ки ин дар соли 1953 ҳамагӣ 940 қуттӣ буд, аз инҳо дар деҳот шумораи қуттии почта аз 563 то 2130 адад расид. Нисбат ба солҳои 1925-1926 шумораи қуттиҳои почта 253 маротиба афзуд[1].

Фақат дар деҳот ба ҳар ҳазор нафар одам 400 нусха рӯзнома ва маҷалла рост меояд. Соли 1964 дар мо бештар аз 2400 номгӯйи матбуоти даврӣ паҳн карда шудааст. Тиражи як мартабаи онҳо 1140 ҳазор нусха ё бар сари ҳар ҳазор нафар аҳолӣ 503 нусхаи рӯзнома ва маҷалла рост меомад.

Минбаъд соҳаи алоқаи почта хеле тараққӣ кард. Миқдори муросилоти он соли 1965 ба 26 миллион адад расид. Солҳои 1965-1970 бошад 169 шуъбаи нави алоқаи почта кушода шуд[2].

Соли 1965 дар Тоҷикистон дар 98 қуттиҳои почта гузошта шуданд ва даромади солонаи шуъбаҳои почта ба 520 ҳазор рубл, соли 1966 бошад, ба 750 ҳазор рубл расид.

Дар солҳои баъдиҷангӣ сохтмони 15 бинои идораи алоқа ва 18 шуъбаҳои алоқа дар ноҳияву мавзеъҳои зерин: Куйбишев (н. А. Ҷомӣ), Данғара, Регар (ш. Турсунзода), Москва (н. Ҳамадонӣ), Ленин (Рӯдакӣ), дар деҳоти Носири Хусрав, Гумбулоқ, Навобод ва дигар мавзеъҳо сохта ба истифода дода шуд. Дар панҷсолаи чорум (с.1946-1950) маблағи сармоягузории рушди воситаҳои алоқа дар ҷумҳурӣ ба 2 млн рубл расид.

Соли 1965 ҳар рӯз аз почтамти Душанбе бо автомашинаҳои махсуси почта ба воситаи шоҳроҳҳои Душанбе – Қӯрғонтеппа, Душанбе -

---

[1]Фармонҳо ва қарорҳои Вазорати алоқа дар солҳои 1964-1965 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.8. – В.25.

[2]Ҳамон ҷо. – П.8. – В.26.

Орджоникидзеобод – Норак ба масофаи 6500 км почта равон карда мешуд, масофаи умумӣ бошад 3776,0 ҳазор км – ро ташкил медод.

Аввалин воситаи механикунонии почта ин насб кардани мошинаи нимавтоматии штемпелӣ буд, ки дар як соат зиёда аз 20 ҳазор мактубро коркард мекард, дар ҳолате ки дастӣ дар як соат 1540 мактуб коркард мешуд. Ин хел мошинаҳои нимавтоматии штемпелӣ дар шуъбаҳои алоқаи шаҳрҳои Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва дигар шаҳру ноҳияҳо низ насб карда шуданд.

Дар кори фаъолонаи хизмати почта дар ҷумҳури таҷрибаи пешқадами бригадири хаткашонҳои шуъбаи алоқаи шаҳри Кӯлоб Лоиқов С. ва дигарон қобили қайд буд.

Дар ҷумҳурӣ номҳои пешқадамони собиқадори почта, ки ба рушди почта саҳми бузург гузоштанд ба монанди П.Ф. Кириенко, И.И. Анишенко, В.В. Карманов, И.И. Привознов, Н.А. Юртагин, А.П. Иванников, Г.Н. Кобринский, М.Е. Андриетс, И.Ф. Кучма, А.Я. Береславетс, А.В. Суворов, П.А. Душина машҳур аст. Барои рушди почта ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ саҳми кормандони почта В.В. Травин, Н.А. Садовников, Т.Б. Пояров, М.И. Крилов, Х.Ш. Собиров, М.М. Мирмуҳаммадов, С.Т. Очелдиев, А.Я. Филиппов, П.И. Романов, М.Л. Лисичний, Л.М. Тибаровский ва дигарон бениҳоят калон мебошад. Яке аз аввалин ташкилкунандагони почта дар кишвар П.Д. Еферина ва М.Д. Глухова ба ҳисоб мерав官.

Дар асоси нақшаи рушди панҷсолаи ҳафтум (соли 1966-1970) сохтмони 10 шуъбаи намунавии алоқаи шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, 50 шуъбача, почтамти роҳи оҳан дар пойтахт, дар шаҳрҳои Кӯлоб, Қӯрғонтеппа (ш. Бохтар), Панҷ, инчунин дар маркази ноҳияҳои Восеъ, Колхозобод (Ҷ. Балхӣ), Шаҳритӯс ва дигар ноҳияҳо ба анҷом расонида шуданд. Маблағгузории

умумӣ барои рушди алоқаи почта дар панҷсола 4226,0 ҳаз. рублро ташкил медод[1].

То соли 1970 иловатан 240 шуъбаи алоқа дар назди раёсати колхозҳо ва дар маҳаллаҳои калону хурд кушода шуда буданд. Шумораи муассисаҳои алоқаи почта дар соли 1964 ба сари 10 ҳазор аҳолӣ бо нишондоди 1,8 адад ва дар соли 1970 бошад ин шумора ба 2,2 адад афзуд. То соли 1970 дар ҳама ҷойҳо хаткашонҳои колхозӣ бо хаткашонҳои штатии Вазорати алоқа иваз карда шуданд. Дар ҳар як маҳаллаи аҳолинишини 15-20 ҳавлидошта қуттии почтавӣ барои мактубҳо гузошта шуда буд[2].

Солҳои 70-уми асри XX дар шаҳри Кӯлоб биноҳои нави почта, телеграф сохта шуданд. Маҳсулоти алоқаи почта дар солҳои 1971-1980 дар ҳаҷми 50% боло рафта, мубодилаи мукотиботи хаттӣ ба 52 млн. дона афзуд. Инчунин шумораи мактубҳои мухбирон афзуд[3].

Дар солҳои 70-уми асри XX дар бисёр шуъбаҳои алоқа мошинаҳои нимавтоматии мактубҷудокунандаи тамғаи МСП-66, ки дар як соат 3000 мактубро дар 184 самт ҷудо мекунад, насб карда шуда буданд.

Дар муассисаҳои алоқаи вилояти Хатлон 50 мошинаи электромеханикии «Онега-3» барои автоматикунонии ҳамаи амалиётҳои молиявӣ дар шуъбаҳои почтавӣ-телеграфии алоқа гузошта шуданд. Шумораи шабакаҳои алоқаи почта аз 583 адади соли 1970 ба 883 адад дар соли 1980 расонида шуд, ки ин 1,5 маротиба афзудани онро нишон медиҳад.

Анҷумани XXIV Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ (ҲКИШ) ба марҳалаи нави сохтмони коммунистӣ дар мамлакатамон ибтидо гузошт. Дар Директиваи анҷуман оид ба нақшаи панҷсолаи тараққиёти хоҷагии халқи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ барои солҳои 1971-1975

[1]Мукотиба бо КМ ҲК Тоҷикистон, Шӯрои Вазирон ва Вазорати алоқа оиди фаъолияти асосӣ дар солҳои 1966-1970 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.11. – П.1. – В.1-25.
[2]Кабиров Х. Развитие средств связи в Таджикистане. – С.138.
[3]Бекматов М. Симои нави Кӯлоби бостонӣ // Кит.: Шаҳрҳои мо. – Душанбе: Ирфон, 1974. – С.64.

барномаи бузурги сохтмони иқтисодӣ, ҳалли муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар давраи ҳозираи тараққиёти ҷамъиятамон муайян карда шудаанд[1].

Мувофиқи Директиваҳо дар панҷсолаи нуҳум воситаи алоқаи ҷумҳурии мо ҳам хеле тараққӣ мекунанд. Ҳаҷми маҳсулоти алоқа дар солҳои 1971-1975 назар ба панҷсолаи ҳаштум 69%, ҳосилнокии меҳнат назар ба соли 1970-ум 30,6%, даромади алоқа 55% зиёд шуда, арзиши аслии кори алоқа 8,3% арзон карда мешавад. Умуман, даромади хоҷагиҳои алоқаи ҷумҳурӣ (аз рӯи даромади тарифӣ) дар соли 1975 назар ба соли 1970 5% меафзояд.

Барои тараққиёти воситаҳои алоқаи ҷумҳуриамон ҳаҷми маблағгузории асосии марказонидашудаи давлат дар панҷсолаи нав назар ба панҷсолаи гузашта (с. 1971-1975) 49% зиёд пешбинӣ карда шудааст.

Самтҳои асосии инкишофи соҳаҳои алоқаи ҷумҳурӣ дар давоми солҳои 1971-1975 чунинанд:

Ҳаҷми хизмати алоқаи почтавӣ ва даромади ин соҳа дар панҷсолаи ҳаштум (с. 1971-1975) 50 фоиз зиёд мешавад.

Ҳаҷми умумии доду гирифти почтаи ҷумҳурӣ дар соли 1975 ду баробар зиёд шуда, бештар аз 1,5 миллиард мактубу равонаҳои (посилкаҳо) ба воситаи почта фиристода мешудагиро ташкил медиҳад. Дар соли 1975 сохторҳои почта қариб як миллиард сӯм нафақапулӣ ва пулҳои ба воситаи почта фиристодашударо ба соҳибонаш бурда мерасонанд. Бо мақсади ба аҳолӣ наздик кардани хизмати почта то соли 1975 кушодани 120 шуъбаи нави алоқа пешбинӣ карда буд[2].

Дар солҳои панҷсолаи ҳаштум (с. 1971-1975) барои ба воситаи роҳҳои ҳавоӣ кашондани почта дар назди фурудгоҳҳои Душанбе ва Ленинобод шуъбаҳои почтакашонӣ, дар шаҳру ноҳияҳои Конибодом, Нов (н. Спитамен), Орҷоникидзеобод (ш. Ваҳдат), Файзобод, Восеъ, Қумсангир (н.

---

[1]Кабиров Ҳ. Инкишофи воситаҳои алоқаи ҷумҳурӣ дар панҷсолаи нав // Коммунисти Тоҷикистон. – 1971. – №8. – С.16-20.

[2]Ҳамон ҷо.

Ҷайҳун) инчунин дар шаҳри Хоруғ хонаи алоқа ва дар қишлоқҳо 7 шуъбаи алоқа сохта шуд. Инчунин биноҳои як қатор шуъбаҳои алоқа аз нав сохта, барои кори муътадил ва ба таври маданӣ хизмат расондан мувофиқ кунонда шуда буданд.

Дар соҳаи алоқаи почтавии ҷумҳурӣ механиконидан ва автоматӣ кунонидани ҷараёнҳои истеҳсолот оид ба ҷудо кардани мактубҳо, равонаҳо, бандеролҳо ва матбуот минбаъд инкишоф ёфт, ки ин рафти ба соҳибонашон бурда расондани почтаро хеле тезонид ва ҳосилнокии меҳнатро баланд .

Дар почтаҳои ҷумҳурӣ барои қабули мактубҳои супоришӣ автоматҳо гузошта мешуданд. Барои зуд қабул кардану додани пулҳо ва нафақапулӣ дар почтаҳо мошинаҳои электронии системаи “Онега” истифода бурда мешуданд.

Дар солҳои 1971-1975 бо усули фототелеграфӣ дар шаҳри Душанбе чоп кардани рӯзномаҳои марказии «Правда», «Известия» пешбинӣ шуда буд, ки ин ба аҳолии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон бурда расондани рӯзномаҳои марказиро хеле тезонид.

Бо мақсади беҳтар кардани хизмати почта ба аҳолии қишлоқ дар давоми панҷсола дар қишлоқҷойҳо 110 шуъбаи нави алоқа кушода, дар мавзеъҳои аҳолинишин то 100 ва аз ин зиёдтар хонавода қуттиҳои почта гузошта мешуданд. Дар соли 1971 кори иваз кардани хаткашонҳои колхозҳо бо хаткашонҳои идораи почта анҷом ёфта, ба мавзеъҳои аҳолинишини шуъбаи алоқа надошта, шуъбаҳои алоқаи сайёр ё хаткашонҳо хизмат мерасонданд.

Дар давоми панҷсолаи ҳаштум (с. 1971-1975) дар вилояти Хатлон матбуот боз ҳам бештар паҳн мегардад, ки дар ин бобат хизмати «Союзпечат»-ро махсус қайд кардан лозим аст. Мувофиқи нақшаи панҷсола дар солҳои 1971-1975 гардиши моли «Союзпечат» назар ба соли 1970-ум 43,5 фоиз меафзояд. Рӯзномаву маҷаллаҳо дар байни аҳолӣ торафт зиёдтар паҳн карда мешуданд. Агар соли 1970 ба ҳар ҳазор нафар аҳолии

ҷумҳурӣ 858 нусха рӯзномаву маҷалла рост омада бошад, соли 1975 906 нусха рост меомад. Дар як қатор шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ соли 1971 обуна ба рӯзномаву маҷаллаҳо хеле муташаккилона гузашт ва дар натиҷа ба ҳар ҳазор нафар аҳолӣ дар шаҳрҳои Чкалов – 1133 нусха, Норак – 1145 нусха ва дигар шаҳру ноҳияҳо рӯзномаву маҷалла рост меомад. То охири панҷсолаи ҳаштум (с. 1971-1975) нашри яквақтаи паҳншавии рӯзномаву маҷаллаҳо дар ҷумҳурӣ зиёда аз 3,5 миллион нусхаро ташкил мекард[1].

Нуқтаҳои савдои «Союзпечат» дар охири панҷсола назар ба соли 1970 35,8 фоиз зиёд шуд. Аз ҷумла 86 дӯкон ва 11 мағозаи махсусгардондашудаи «Союзпечат» кушода шуд. Ба ҳамин тариқ, шабакаи савдои чаканафурӯшии «Союзпечат» дар соли 1975 аз 348 дӯкон ва 12 мағоза иборат буд.

Аз ҳисоби гузоштани 98 мошин барои механиконидани кори хазинаҳои почта ҷорикунии системаи «Онега» меҳнати операторонро сабук мегардонд. Бо ҷорӣ карда шудани он зарурати дастӣ пур кардани квитансияю реестрҳо, ҳисоб кардани маблағҳо аз миён меравад. Кори ҷорӣ намудани усули бо контейнерҳо кашондани почта оғоз ёфта, азхуд намудани воситаҳои механизатсия ва ташкили муассисаҳо, сеххо, қитъаҳои механиконидашудаи комплексӣ давом дода шуда буданд[2].

Мухбири маҷаллаи "Занони Тоҷикистон" Ибронов М. дар мақолаи худ "Қосиди хушпаём" оиди яке аз занҳои меҳнатӣ чунин менависад: «Зулфат-хола чашми рӯз накафида, роҳи шуъбаи алоқаро пеш гирифт. Ӯ дафтари худро кушода ба он чашм андохт. Қайдҳои худро як-як аз назар гузаронида, дар лабонаш табассум нақш баст. Ӯ ҳар субҳ кӯлбори хаткашонии худро аз рӯзномаю маҷаллаҳои навомада пур карда бо табъи болида ба роҳ мебарояд. Зани хоксору меҳнатдӯст З. Саидова тез-тез меҳмони деҳқонону механизаторон шуда, ба онҳо рӯзномаю маҷаллаҳои

[1]Кабиров Ҳ. Инкишофи воситаҳои алоқаи ҷумҳурӣ дар панҷсолаи нав // Коммунисти Тоҷикистон. – 1971. – №8. – С.16-20.
[2]Мукотиба бо КМ ҲК Тоҷикистон, Шӯрои Вазирон ва Вазорати алоқа оиди фаъолияти асосӣ дар солҳои 1966-1970 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.11. – П.1. – В.1-25.

рӯзмараро дастрас менамояд. Паёми хуш ба меҳнатдӯстони саҳро рӯҳияи тоза мебахшад. Сокинони деҳаи «Қаҳрамон» ноҳияи Москва барои сари вақт дастрас намудани рӯзномаю маҷаллаҳои нав аз З. Саидова қаноатманд мебошанд ва доимо дар ҳаққаш суханони нек мегӯянд.

Аз он рӯзе, ки З. Саидова ба шуъбаи алоқаи «Дараи Калот» -и колхози «Правда» -и ноҳияи Москва ба кор омад, солҳои зиёд гузашт. Дар ин муддат ӯ тавонист ба кори шоистааш дар байни сокинони деҳаи номбурда соҳибэҳтиром гардад»[1].

Мухбири дигари маҷаллаи "Занони Тоҷикистон" Набиев Н. оиди телефончидухтар чунин менигорад: "Раҷаббӣ Замбурова баъди хатми мактаби миёнаи № 2-и ноҳияи Ленинград ба шуъбаи алоқа ба кор омад. Ҳамон сол дар назди шуъбаи алоқаи ноҳия курси думоҳаи коркунони алоқа кушода шуд. Баъди хатми курс Раҷаббӣ дар назди телефонисти кордон Раҳмон Табаров шогирд истода, дар як муддати кутоҳ асрори ин ҳунарро омӯхта, ба кори мустақилона гузашт.

Солҳост ки Р. Замбурова ҳамчун коммунист аз сидқи дил ба аҳолӣ хизмат мерасонад. Нақша ва уҳдадориҳои шахсии худро ҳамеша барзиёд ба иҷро расонда, дар қатори беҳтаринҳо меҳнат мекунад.

Сарвари кордон Раҷаббӣ на танҳо дар арсаи меҳнат, балки ҳамчун агитатор низ ном баровардааст. Ӯ дар байни ҷавонони шуъбаи алоқа корҳои агитатсионӣ бурда, дар беҳтар шудани кори шуъбаи алоқаи ноҳия саҳми худро мегузорад»[2].

То 1-уми январи соли 1984 дар муассисаҳои алоқаи кишвар 5900 нафар коргар мавҷуд буд. 1863 нафар коргарони алоқаи кишвар барои гирифтани номи зарбдори меҳнати коммунистӣ сазовор гардиданд.

Ҳаҷми мубодилаи почтавӣ аз тараққиёти воситаҳои алоқа, пешрафти иқтисодиёту маданияти Тоҷикистон шаҳодат медод. Соли 1986 беш аз 1,3

---

[1]Ибронов М. Қосиди хушпаём // Занони Тоҷикистон. – 1984. – №4. – С.5-6.
[2]Набиев Н. Телефончӣ // Занони Тоҷикистон. – 1984. – №4. – С.8-9.

миллиард дона муросилот ва матбуоти даврӣ фиристода ва ба манзил расонда мешуд[1].

Барои кашондани почта ва рӯзномаву маҷаллаҳо поезду мошин ва самолёт ҳамаҷониба истифода бурда мешуд. Почтаро дар ҳамаи роҳҳои дохиливилоятӣ ва байниноҳиявӣ, ғайр аз маҳалҳои роҳашон душворгузар, бо наҷлиёти автомобилӣ мекашонданд. Мошинҳои почтакашон дар як сол беш аз 15 миллион километр роҳро тай мекарданд. Ҳаҷми бо самолёт кашондани почта аз 0,5 тоннаи соли 1924 ба 5,5 ҳазор тоннаи соли 1987 расидааст[2].

Дар панҷсолаи дувоздаҳум (с.1986-1990) ҳар рӯз тақрибан 4 миллион рӯзномаву маҷалла ба обуначиён расонида ва дар дӯконҳо фурӯхта мешавад. Соли 1987 муомилоти пул аз 1 миллиард сӯм гузашт, беш аз 120 ҳазор тонна муросилаҳои почтавӣ кашонда шуд[3].

Солҳои 80-ум соҳаи алоқаи почта боз ҳам рушд ёфт, аз рӯи лоиҳаҳои ягона ва муосир дар шаҳру ноҳия ва маҳалҳои аҳолинишини дурдасти кишварамон биноҳои муассисаҳои алоқа бунёд шуданд, механиккунонӣ ва автоматикунонии иҷрои корҳои қабул, коркард ва фиристодану дастрас намудани муросилот амалӣ гардид. Пойгоҳи моддию - техникии соҳа хеле қавӣ гардид, ҷиҳати инкишофи алоқа, дигар соҳаҳо ба маблағгузорӣ ҷалб карда шудаанд. Дар ин давра 30 бинои бисёрошёнаи идора, шуъбаҳои алоқаи шаҳру ноҳияҳо, аз он ҷумла дар Хуҷанд, Хоруғ, Восеъ, Файзобод, Ваҳдат ва ғайра бунёд гардиданд. Аз ҳисоби маблағҳои вазорату идораҳои дигар дар Турсунзода, Ёвон, Мастчоҳ, Ҷиргатол (н. Лахш), Норак ва ғайра биноҳои нав сохта шуданд. Соли 1990 механиккунонии корҳои соҳаи алоқа ба 80-90% фоиз расид, ки имкон шуд, соле то 150 тонна муросилот мубодила карда шавад[4].

---

[1]Набиев Н. Телефончӣ // Занони Тоҷикистон. – 1984. – №4. – С.8-9.
[2]Попов Д. Бубин тафовути роҳ // Агитатори Тоҷикистон. – 1987. – №12. – С.5-7.
[3]Попов Д. Вазифаи олии алоқачиён // Агитатори Тоҷикистон. – 1988. – №18. – С.7-9.
[4]Ҳисоботи раёсати алоқаи вилояти Хатлон, соли 1990 // БДВХ дар ш. Бохтар. – Ф.369. – Р.1. – П.2. – В.5.

Ташкили алоқа дар гузаштаи давлатдории мо таърихи қадима дошта, аҷодони мо номаю фиристодаҳои давлатиро пиёдаву савора аз маконе ба макони мерасониданд.

Ҳангоми ташкилёбии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳудуди он қариб панҷоҳ муассисаи алоқа кор мекард, ки шумораи мубодилоти муросилот ва маҷаллаю рӯзномаҳо беш аз ҳаштсад ҳазор буд. Солҳои сиюми асри XX бошад, бинои идораи алоқаи шаҳри Душанбе бунёд ёфт. Идораи алоқа ба идораи намояндаи Комиссариати халқии алоқаи Иттиҳоди Шуравӣ дар назди Ҳукумати Тоҷикистон табдил дода шуд.

Бояд гуфт, ки кормандони алоқа дар инкишофи иқтисодиёт, сохтмонҳои муҳимму бузург аз қабили сохтмони роҳи автомобилгарди Помир, канали Фарғона, канали Ҳисор, ки ҳазорҳо нафар иштирок мекарданд, саҳми арзанда гузоштаанд.

Соҳаи алоқа минбаъд тараққӣ карда, шуъбаҳои нави алоқа кушода шуд. Хизматрасонии ба хона бурда расонидани муросилот, қабули ҳаволапулиҳо (маблағҳо), пардохти ҳаққи истифодаи барқ ва ғайра ҷорӣ гардиданд. Дар бисёр шаҳру ноҳияҳо биноҳои нави ҳозиразамони идораҳои алоқа сохта шуданд.

Муассисаҳои алоқа солҳои навадум хеле пеш рафта, мувофиқи лоиҳаҳои ягона ва муосир дар шаҳру ноҳия ва гӯшаҳои дурдасти кишварамон биноҳои муассисаҳои алоқа бунёд шуданд, механиконӣ ва автоматиконии иҷрои корҳои қабул, коркард, фиристодану дастрас кардани муросилот амалӣ гардид. Пойгоҳи моддию техникии соҳа хеле қавӣ гардид, маблағгузории дигар соҳаҳо ҷиҳати инкишофи алоқа ҷалб карда шуданд. Дар ин давра қариб сӣ бинои бисёрошёнаи идора, шуъбаҳои алоқаи шаҳру ноҳияҳо дар кишвар бунёд гардиданд. Аз ҳисоби маблағҳои вазорату идораҳои алоқа биноҳои нав сохта шуда, механиконии корҳои соҳаи алоқа боло рафт, ки ин имкон дод соле то 150 саду панҷоҳ ҳазор тонна муросилот мубодила карда шавад. Дар муассисаҳои алоқа қариб се

ҳазор таҷҳизоту асбобҳои коркарди муросилот насб карда шуда мавриди истифода қарор дода шуд. Шароит фароҳам омад, ки ба мизоҷон муросилоту нашрияҳо дар шаҳри Душанбе рӯзе се маротиба ва шаҳру ноҳияҳо ду маротиба бурда расонда шавад. Қариб ба тамоми муштариён матбуоти ҷумҳуриявӣ дар рӯзи ба табъ расиданаш дастрас мегардид. Ҳамин чиз қобили қайд аст, ки солҳои навадум соҳаи почта аз нигоҳи маблағситонӣ фоидаовар шуда буд.

Бояд гуфт, ки дар солҳои баъдина, дар натиҷаи канда шудани робитаҳои иқтисодӣ ва ноороміҳои сиёсӣ дар кишварамон тараққиёти соҳаи алоқа низ чун дигар соҳаҳои иқтисодиёт коста гардид. Дар натиҷаи кашмакашиҳои сиёсӣ мубодилаи муросилоти почта зиёда аз дусад маротиба кам шуд, дараҷаи обуна ба нашрияҳо низ хеле поён рафт. Қариб панҷоҳ фоизи шуъбаҳои алоқа аз кор монд ва шумораи кормандон аз шаш ҳазор ба якуним ҳазор омада расид.

Ҳамин тариқ, бояд қайд намуд, ки почта дар минтақаи вилояти Хатлон бо мушкилотҳои зиёде рушд намуд. Аз ҷумла, набудани роҳҳои аспгузару маркабгузар, инчунин маҳдуд будани роҳҳои автомобилгард ба пешравии почта монеаҳо эҷод менамуданд.

Ҳамин тавр, яке аз омилҳои мусбии хизмати почтавӣ ин ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия буда, округи телеграфӣ-почтавии кишвари Туркистон низ ҳамон давра таъсис дода шуд. Дар Тоҷикистон нахустин шуъбаи почта дар қисми ҷанубӣ дар шаҳрҳои Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб солҳои 20-ум ба фаъолият оғоз намуд.

Қабули обуна ба рӯзномаю маҷаллаҳо боиси пешрафти ҳаёти фарҳангии аҳолии вилояти Хатлон гардид.

Бояд қайд намуд, ки маҳз рушди почта яке аз омилҳои асосии таърихии пешрафти тамоми соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ноҳияҳои ҷануби Тоҷикистон гардид. Ва ин албатта, боиси беҳ гардидани зисту зиндагии меҳнаткашони минтақа гардид.

Хулоса рушди хизмати почтавӣ ба пешрафти ҳамаи соҳаҳои минтақаи вилояти Хатлон таъсири мусбӣ расонида, барои рушду нумуи вилоят шароити мусоид фароҳам овард.

Дастрас кардани нашрияҳо як соҳаи фаъолияти алоқаи почта мебошад ва мо бо ин кор дар тарбияи маънавии одамон ва паҳн кардани фарҳангу маърифат саҳми худро мегузорем. Лозим ба ёдоварист, ки дар тамоми ҷаҳон рушду нумуи почта яке аз сабабҳои баланд гардидани дараҷаи маданиятнокии шаҳрвандон мебошад ва ин албатта ба минтақаи таҳқиқшаванда низ тааллуқ дорад.

## 1.2. Таъсис ва фаъолияти шабакаҳои радио дар вилояти Хатлон

Ҷашнгирии рӯзи радио бо номи олим ва физики барҷастаи рус А.С. Попов сахт марбут аст. Маҳз бо ташаббуси ин олими забардаст ҳанӯз соли 1895 радио ихтироъ шудааст. А.С. Попов дар ин бора 7 май соли 1895 дар Петербург ба олимони Россия маълумот дода буд[1].

Баъзе таърихшиносони хориҷӣ ихтирои радиоро ба олими италиянӣ Маркони маҳсуб медонанд. Мувофиқи гуфтаҳои онҳо радиоро якумин маротиба Попов не, балки Марконӣ ихтироъ карда бошад. Албатта, Марконӣ ҳам олими намоён буд. Вай соли 1896 ба Англия омада, дар байни коркунони почта доир ба асбобе, ки ба воситаи он сигналҳоро бо ёрии ноқил ба масофаи дур фиристонидан мумкин аст, ҳикоят мекунад. Ин асбобро тамоман махфӣ нигоҳ дошта ба сомеон нишон надода буд. Баъди ин баромади Марконӣ барномаҳои гуногуни Англия ва дигар мамлакатҳои ҷаҳон дар атрофи ихтирои Марконӣ овоза паҳн намуда, номи ӯро дар олам машҳур карданд. А.С. Попов кори худро доир ба кашфи радио пештар ба охир расонида бошад ҳам, дар ин бобат ҳанӯз ба матбуоти хориҷӣ хабар надода буд. А.С. Попов дертар аз таҷрибаи Марконӣ шунида, январи соли 1897 ба редаксияи рӯзномаи «Котлин» чунин навишта буд: «...Ин гуна

---

[1]Эшматов С. Дирӯз ва имрӯзи радио // Комсомоли Тоҷикистон. – 1972. – 7 май.

асбобро ман соли 1895 сохта будам»[1]. Сипас, июли соли 1897 А.С. Попов дар мақолаи ба рӯзномаи «Новое время» навиштааш гуфта буд: «Қабулкунандаи Марконӣ аз ҷиҳати сохташ қариб ба қабулкунаки ман, ки онро соли 1895 сохта будам, монанд аст»[2].

Доир ба ихтирои А.С. Попов маҷаллаи «Русское физико-химическое общество» хабари муфассал дарҷ карда буд.

Барномаҳои кӯтоҳ, асосан иттилоотӣ, ки кормандони се рӯзномаи ҳизбии ҷумҳуриявӣ – “Тоҷикистони Сурх”, “Коммунист Таджикистана” ва “Совет Тожикистони” ба се забон омодаю пахш менамуданд, чун радиорӯзнома ё радиомаҷалла асосан аз ду жанри радиоӣ – хабар ва шарҳи воқеот иборат буданд[3].

Он вақт аудиторияи барномаҳо маҳдуд буд, мардуми шаҳру ноҳияҳо имкони дастрасӣ ба ин расонаро надоштанд, ҳамагӣ 20 дастгоҳи қабул омодаи кор буд, ки дар ҷойҳои серодам – майдонҳо, бозорҳо, хиёбонҳои марказӣ насб гардида буданд. Баъдтар насби боз як фиристанда, ки дар мавҷи кӯтоҳ кор мекард, барои тақвияти амвоҷи радио мусоидат намуд. Садои радио аз фазои пойтахт берун омад ва дар навоҳии наздики он шунида мешуд. Дар баробари нашри «Радиорӯзнома» ва барномаҳои мусиқӣ гуфторҳои радиои Маскав дар соатҳои муайян пахш мегардиданд[4].

То муқаррар гардидани Ҳокимияти Шуравӣ дар ҳудуди Бухорои Шарқӣ воситаҳои алоқа аслан вуҷуд надоштанд. Соли 1913 дар Бухорои Шарқӣ (ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистони имрӯза) ба ҳар як шуъбаи почта 600 ҳазор аҳолӣ рост меомад, аз одитарин намудҳои алоқаи электрикӣ ному нишоне набуд[5].

Дар қаламрави Тоҷикистон то инқилоби Октябр (с.1917) радиоалоқа тамоман вуҷуд надошт. Танҳо бо шарофати инқилоб дар ин гӯшаи

---

[1]Ҳамон ҷо.
[2]Ҳамон ҷо.
[3]Хоҷазод С. Ҳақиқати таърих – ҳақиқати ҳаёт // Садои мардум. – 2007. – 12 май.
[4]Ҳамон ҷо.
[5]Попов Д. Бубин тафовути роҳ // Агитатори Тоҷикистон. – 1987. – №12. – С.5-7.

кӯҳистони тоҷик воситаҳои алоқа рушд ёфт. Барои дар вазъи душвори ҷуғрофӣ ҷойгир будани ҷумҳурӣ рушди радиоалоқа аҳамияти махсус дошт.

Аз таъсиси радиои тоҷик муддати зиёде нагузашта бошад ҳам, пайдоиши он барои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ воқеаи фараҳбахш буд. Таъсиси он аз тараққиёту пешрафти илму техникаи давру замон гувоҳӣ медод. Ҳанӯз дар соли 1919 аз радиолабораторияи шаҳри Нижний Новгород (ФР) гуфторҳои радио бори нахуст шунавонида шуд[1].

Нахустин декрети ленинӣ оид ба рушди радиоалоқа 3 апрели соли 1918 қабул гардида буд, ки он аз ҳисоби идораҳои ҳарбӣ радиостансияҳои пурқудратро ба ихтиёри Комиссариати халқии почта ва телеграф супорида буд[2]. Бо ҳамин барои рушди шабакаҳои радиостансияи шаҳрвандӣ ва бо радио таъмин намудани хизматрасонии хоҷагии халқ асос гузошт.

В.И. Ленин ба воситаҳои алоқа чун ба яке аз комёбиҳои маданияти инсонӣ баҳо дода, аҳамияти калони онҳоро барои бунёди бомуваффақияти сохти нави сотсиалистии ҷамъият махсусан қайд карда буд. Вай 29 апрели соли 1918 дар маҷлиси ВСИК (ВЦИК) аз вазифаҳои навбатии Ҳокимияти Шуравӣ сухан ронда, қайд намуд, ки «Сотсиализм бе почта, телеграф, мошинҳо ибораи хушку холист» [3].

Дар давраи барқароршавии Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистон танҳо дар қисмҳои ҳарбӣ радиоалоқа вуҷуд дошт. Барои ин радиостансияи шуълавии 2 кВт- и дар ароба васл карда шуда, дар шаҳри Душанбе истифода бурда мешуд, ки алоқаро бо Бухоро ва Саройкамар таъмин менамуд.

“Аввалин маротиба дар таърихи 7 ноябри соли 1917 дар нуқтаи радиоии киштӣ «Аврора» муроҷиатномаи В.И. Ленин «Ба шаҳрвандони Россия» тавассути радиостансияи Сарскоселское дар наздики Петроград ва маҳаллаи Хадинск дар наздикии шаҳри Москва пахш карда шуд. Бо

---

[1]Фармонҳо ва қарорҳои Вазорати алоқа дар соли 1978 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.5. – П.4. – В.16.
[2]Фармонҳо ва қарорҳои Раёсати алоқа дар соли 1925 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.7. – В.13.
[3]Попов Д. Бубин тафовути роҳ // Агитатори Тоҷикистон. – 1987. – №12. – С.5-7.

пешниҳоди В.И. Ленин дар ҳамаи губернияҳо ва шаҳрҳои уездӣ, ки дар фосилаи 1000-1200 км аз ш. Москва ҷойгир буданд, насби истгоҳҳои мустақими радиотелеграфӣ оғоз карда шуда буд. Ҳамагӣ дар соли 1918 алоқачиён бештар аз 100 адад истгоҳҳои мушобеҳ насб карданд, ки аҳолиро аз хабарҳои дохили мамлакат ва хориҷ аз он огоҳ месохтанд. Аммо дар он солҳо радиотехника он қадар ҳам такмилёфта набуд. Соли 1919 В.И. Ленин ба олимон супориш дод, ки радиотелефонро бисозанд ва ба дунболи он декрет «Дар бораи радиолабораторияи Нижегород»-ро ба имзо расонид (онро Бонч-Бруевич роҳбарӣ мекард), он бояд ҳамаи қувваҳои илмию техникии Россияро, ки дар соҳаи радио кор мекарданд, муттаҳид мекард.

Дар Тоҷикистон радио аввалин маротиба дар миёнаи солҳои 20- уми қарни XX пайдо шуда дар муҳлати нисбатан хеле кӯтоҳ ба дурдасттарин нуқтаҳои мамлакат роҳ пайдо кард.

Ба шарофати ғамхории хастанопазири ҲК ва Ҳукумати Шуравӣ радио ва телевизион ба бахши ҷудонопазири ҳаёти маънавии мардуми мо табдил ёфтанд. Онҳо соҳиби қувваи зерпояи ҳизб дар кори идеологии он дар мубориза бобати амалӣ намудани хатти генералии ҳизб ва барномаҳои бузурги тарҳрезишудаи он гаштанд. 15 марти соли 1921 соати 14. 30 дақиқа Кӯлоб дубор тавлид шуд[1].

Дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ барномаҳои доимии радио 23 ноябри соли 1924 оғоз ёфт.

Аввалин радиостансия дар шаҳри Душанбе дар соли 1924 насб карда шуда буд[2]. Барои ба Душанбе оварда расонидани он маҷбур шуданд, ки 50 адад ароба ва 80 сар асп харидорӣ намоянд. Бори аробаро гурӯҳи сарбозон ҳамроҳӣ мекарданд ва онҳо борро тавассути пайроҳаҳои кӯҳӣ ба макони лозима расониданд. Пас аз 26 рӯзи дар роҳ будан ва якчанд маротиба

[1]Азизов М., Хасанов С. Куляб: время, события, люди // Кулябская правда. – 1987. – 11 дек

[2]Шагалов Л.Е. Книга о связи // Коммунист Таджикистана. – 1966. – 17 февр.

даргир шудан бо босмачиҳо билохира бор ба шаҳри Душанбе расид. Дар поёни ҳамон сол насбу васли радио ба итмом расид.

Соли 1924 ҳукумат радиостансияи 5 кВт-ро харидорӣ намуд. Радиостансияро аз Қаршӣ ба Душанбе интиқол додан лозим буд, аммо бо роҳҳои душворгузари бекӯпрук ва ағбаҳо онро овардан номумкин гардид. Радиостансия моҳи августи соли 1924 ба Душанбе расонида шуд. Ҳукумати ҷумҳурӣ қарори фаврӣ қабул намуда, барои насб кардани радиостансия ҳамаи чораҳоро андешида, шабнарӯз кор мекарданд ва моҳи сентябри соли 1924 радиостансия ба кор омода шуд. Инчунин аз пояи 13 кВт-и радиостансия хатти барқ кашида шуда, барои гузаронидани Анҷумани якуми умумитоҷикон зиёда аз 100 лампочкаҳоро фурӯзон намуданд. Лампочкаҳоро аввалин сардори радиостансия А.Г. Базилёв фурӯзон намуд.

Дар асоси қарори Ревкоми Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон радиостансия аз шуъбаи ҳарбӣ-халқии алоқа қабул карда шуд. Аз ин вақт сар карда, радиостансия ҳамчун муассисаи алоқаи мустақил ба итоати идораи почтавӣ-телеграфии шаҳри Душанбе дохил карда шуд.

Агар гап аз тараққиёти алоқаи электрии Тоҷикистон равад, дар солҳои Ҳокимияти Шуравӣ дар ин бобат дигаргуниҳои боз ҳам ҳайратангез рух додаанд.

23 ноябри соли 1924 радиостансяи Москва барномаи радиоии маърӯзаи В.И. Луначарскийро бо номи «Фарҳанги ИҶШС ва аҳамияти радио», аввалин нашри радиорӯзнома ва консертро пахш кард. Аз ҳамин рӯз эътиборан дар малакати мо рушди оммавии радиошунавонӣ оғоз шуд. Дар худи ҳамин сол радиостансияи Нижний Новгород (Горкий) ба фаъолият оғоз намуд ва солҳои минбаъда бошад, истгоҳҳои пахши барномаҳои радио дар шаҳрҳои Ленинград, Боку, Минск ва дигар шаҳрҳои Иттиҳоди Шуравӣ ба фаъолият оғоз карданд.

Агар соли 1924 дар ҷумҳурӣ тақрибан 50 коркуни алоқа меҳнат карда бошад, дар ибтидои солҳои 40-ум шумораи онҳо ба 2500 кас расид. Соли

1929 фақат 3-нафар коркуни алоқа маълумоти миёнаи махсус доштанд, баъд теъдоди онҳо ба зиёда аз 1230 нафар расонида шуд.

“Барои дар ш. Кӯлоб демонтажи радиостансия барои мо паймонкореро бо номи Усмонбой пайдо карданд, ки ӯ дар Ҳисор корвонсарой худашро доштааст. Мутобиқ бо аҳде, ки бо ӯ бастем, вай 5 нафар галабонро аз синни 17 то 25 сола ба мо вобаста кард. Барои муҳофизати корвон бо амволи радиостансия командири ситоди саҳроӣ як эскадронро ҷудо кард. Вазифаи эскадрон аз он иборат буд, ки корвонро то омадани сарбозони фиристодаи қумондон Н.Д. Томин аз Кӯлоб ҳифз мекард”[1].

Дар Тоҷикистон алоқаи радиоӣ бори аввал соли 1924 оғоз ёфтааст. Дар ин муддати нисбатан кутоҳи таърихӣ радио ва радиошунавонӣ ба чунин дараҷае инкишоф ёфтанд, ки на танҳо радиошунавонӣ дохили ҷумҳуриро таъмин менамоянд, балки ба мамлакатҳои хориҷа низ барномаю консертҳои алоҳида мешунавонанд.

“Субҳи 16 июни соли 1924 корвон аз шаҳри Душанбе ба самти Файзобод ба роҳ баромад. 65 километри аввал бе муҳофизон паси сар шуд. Шабона як нафар аз галабонон бо 4 сар маркаб (хар) ғайб зад. Дар Норак ба Кумитаи иҷроияи ҷамоат муроҷиат кардем, аммо онҳо тарсиданд ва ба мо машварат доданд, ки аз сафар худдорӣ кунем. Пас аз ба даст овардани телефонограмма аз ситоди низомӣ барои мо ҳам асп ва ҳам роҳбалад пайдо карданд. Бо мушкилоти зиёде аз болои купрӯки дарёи Вахш гузаштем ва ба деҳаи Кӯли Сӯфиён расидем. Пас аз чанд рӯз мо ба шаҳри Кӯлоб расидем”[2].

Соли 1924 радиостансияи аввалин дар шаҳри Душанбе гуфторҳои нахустини худро пахш намуд ва аз навгониҳои ҷумҳурии ҷавони

---

[1]Мельников Н.А. Незабываемое. По горным тропам // Комсомолец Таджикистана. – 1973. – 7 дек.
[2]Ҳамон ҷо.

Тоҷикистон хабарҳо медод. Ҳамин тавр, баробари таҷлили 80-солагии пойтахти азизамон - шаҳри Душанбе кормандони алоқа низ ҷашн доранд[1].

“Чор рӯз барои тафтиши деталҳои радиостансия гузашт. Корҳо аз субҳи барвақт то нимашаб идома ёфтанд. Насби пурраи радиостансия дар муҳлати таъиншуда ба анҷом расонида шуд, аммо мо фақат қабул карда метавонистем, фиристодани барномаҳо дар бораи ҳодисаҳои калонро наметавонистем: аз моҳи октябри соли 1925 то ташкилишавии Ҷумҳурии Худмухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон интизорӣ мекашидем. Пас аз итмоми муваффақонаи корҳои радиотехникӣ дар моҳи июни соли 1925 бо дастури роҳбарияти алоқаи ҳарбии халқӣ ба самти шаҳри Тошканд ба роҳ баромадем”[2].

Бо қарори Ревкоми Ҷумҳурии Худмухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 18 апрели соли 1925 №37 баҳри рушди радиоалоқа дар ҷумҳурӣ радиостансияи Душанбе ба худмаблағгузорӣ гузашт. Худи ҳамон сол Раёсати Шурои меҳнат ва мудофиаи ҷумҳурӣ дар бораи насб намудани истгоҳҳои қабулу фиристодани тавонои муайян дар шаҳри Душанбе ва ВМКБ ва истгоҳҳои қабул дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Ховалинг, Қалъаи-Хумб ва дигар мавзеъҳои сераҳолии ВМКБ қарор қабул намуд. Барои ин чорабиниҳо 52 ҳазор рубл ҷудо шуда буд[3].

Соли 1926 дар Тоҷикистон аллакай истгоҳи қабулу фиристодан (ш.Душанбе) вуҷуд дошт ва алоқаро бо Тошканд, Самарқанд, бо радиостансияи ҳарбии Хоруғ ва Мазори Шариф, инчунин ба воситаи истгоҳи 2 кВт бо Кӯлоб пайваст менамуд.

---

[1]Аскар А. Алоқа – пайвандгари дилҳо // Ҷумҳурият. – 2004. – 8 май.
[2]Аскар А. Алоқа – пайвандгари дилҳо // Ҷумҳурият. – 2004. – 8 май.
[3]Ҳисоботи ноҳияҳои вилоятҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа дар соли 1931 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.16. – В.19-23.

Соли 1927 аз ноҳияҳои кӯҳӣ ба Фархор 500 хоҷагӣ муҳоҷир омад. Дар маркази ноҳия сохтмони биноҳои почта ва телеграф ба анҷом расиданд[1].

Солҳои 1927-1928 Комиссариати халқии почта ва телеграф барои рушди радиоалоқаи ҷумҳурӣ 307 ҳазор рубл ҷудо намуд, аз он ҷумла барои ҷиҳозонидан ва таъмири радиостансияҳои қабули Ӯротеппа (Истаравшан), Панҷакент ва Қӯрғонтеппа (Бохтар) 75 ҳазор рубл ҷудо намуд[2].

Дар ин рӯз дар шаҳри Кӯлоб Ҳукумати Шуравӣ барқарор карда шуд. Аммо кӯлобиҳо маҷбур шуданд, муддати тӯлоние шона ба шона бо дигар халқҳои бародар барои пойдорӣ ва устувор шудани ҳукумати халқӣ мубориза баранд. Намунаҳои возеҳи ин муборизаҳо ҷангҳои дифоие буданд, ки солҳои 1921-1923 доир шуда буданд. Дастаҳои аскарони сурхи гарнизони шаҳр дар якҷоягӣ бо дастаҳои ихтиёрӣ бо сарварии С. Назаров аксар вақт бо неруи бештари босмачиён меҷангиданд ва шаҳрро аз таллаву тороҷ шудан ҳимоят мекарданд. Ба ин дастаҳо аҳолии маҳаллӣ кӯмак мерасониданд. Кӯлобиҳои шукргузор ҳеҷ вақт номи онҳоеро, ки барои барқарор шудан ва устувор гаштани Ҳокимияти Шуравӣ дар Кӯлоб ҷонбозиҳо кардаанд, ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунанд.

Радиофикатсия дар Тоҷикистон аз соли 1929 оғоз шуд. Дар ин сол дар шаҳри Сталинобод аввалин радиоузел барои 17 репродуктор сохта ба истифода дода шуд, ки дар кӯчаҳои шаҳр насб карда шуда буданд[3].

«Ин ҷо Кӯлоб аст» — ин суханон 90 сол муқаддам (яъне соли 1932) аввалин маротиба тавассути радиои маҳаллӣ садо доданд. Онҳо аҳолии шаҳр ва вилоятро дар бораи оғози барномаҳои радио иттилоъ доданд[4].

---

[1]Асадуллоев Р. Нигоҳе ба таърих (Бахшида ба 70-солагии барқароршавии Ҳокимияти Шӯравӣ дар Фархор) // Гулистон. – 1991. – 18 апр.
[2]Ҳисоботи ноҳияҳои вилоятҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа дар соли 1931 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.16. – В.27.
[3]Яровая З. Слушая позывные // Кулябская правда. – 1982. – 7 мая.
[4]Ҳамон ҷо.

Дар оғози солҳои 30-юми қарни XX бо ном «Радиорӯзнома» вуҷуд дошт, яъне аз тариқи радио мундариҷаи рӯзномаҳо ба аҳолӣ пешниҳод карда мешуд. 19 ноябри соли 1932 КМ ҲК Тоҷикистон «Дар бораи таҷдиди системаи радиошунавонӣ» қарор қабул мекунад. Дар ин қарор омадааст: - «Мутобиқ ба таҷдиду азнавсозии радиошунавонии умумиитифоқӣ, ҳамаи корҳои радиошунавонӣ бозсозӣ карда шавад». Қарор дода шуда буд, ки аз таърихи 25 ноябри соли 1932 радиорӯзномаи «Тоҷикистони Сурх», «Коммунист Таджикистана» барҳам дода шаванд. Системаи радиошунавониро дар асоси истифодаи васеи пахши барномаҳои мусиқию бадеӣ ва адабию бадеӣ таҷдид намуда, ба мавҷ дар ин шаклҳо маводи сиёсию оммавӣ пахш карда шавад.

Ин қарор ба таври якуякбора кори радиоро тағйир дода диапазони радиошунавониро васеъ кард. Акнун аҳолӣ имкон доштанд на танҳо ахбори рӯзномаҳоро субҳгоҳон ва шабона гӯш кунанд, балки дар тӯли рӯз ҳунарпешагони дӯстдоштаи худ, барномаҳои адабию ҳунарӣ ва спектаклҳоро бишнаванд.

Дар вилояти Кӯлоб радиошунавонӣ аввалин маротиба дар шаҳри Кӯлоб дар моҳи феврали соли 1932 ташкил карда шуда буд[1]. Чунин тасмим дар ҷаласаи кумитаи фарҳанги Радиошунавонӣ гирифта шуда барномаҳо дар шакли радиорӯзнома гузаронида шуда, дар доираи як синфхона маҳдуд мешуданд. Шунавандагони радиорӯзномаҳо аз роҳбарони муассисаҳо, ташкилотҳо, корхонаҳо, пешқадамони истеҳсолот иборат буданд. Ба хотири он ки аз тариқи радио масъалаҳои муҳимтарини хоҷагӣ ва сиёсӣ ба таври пурра муаррифӣ ва шарҳу тафсир карда шаванд, радиоколлега сохта шуд. Коллегия аз намояндагони ҳизби ноҳия, корхонаи пахтатозакунӣ, иттифоқи касаба, комсомоли ноҳия, иттифоқи нақлиёт ва почта иборат буд. Минбаъд ба коллегия намояндагони дигар ташкилотҳо шомил шуданд. Ахборот барои радиорӯзнома чанд рӯз қабл омода карда мешуд ва аз тарафи на як ровии доимӣ, балки ровиён ва наттоқони гуногун, балки

---

[1]Яровая З. Слушая позывные // Кулябская правда. – 1982. – 7 мая.

худи намояндагон қироат карда мешуд. Қисмати бештари ин барнома аз шарҳи мақолаҳо аз рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ ва ноҳиявӣ иборат буд. Бо радиорӯзнома ба таври мусовӣ боз барнома барои аъзоёни ҳизб (радиопартпрос) низ пахш мешуд. Шунавандагони радиопартпрос асосан аз аъзоёни ҳизб иборат буданд.

То соли 1931 дар қаламрави Тоҷикистон ягон фиристандаи радиошунавонӣ мавҷуд набуд. Фақат дар ин сол радиостансияи камқудрати дарозмавҷ насб карда шуда буд. Сипас дар шаҳрҳои Душанбе, Ленинобод ва Исфара аввалин радиоузелҳо насб ва дар майдонҳои шаҳрҳо ва бошишгоҳҳои коргарон 50 адад нуқтаи радои кушода шуд[1].

Мутобиқ бо қарори котиботи КМ ҲК Тоҷикистон аз 4-уми майи соли 1933 дар назди шуъбаи сиёсии совхоз ва МТС-ҳо радиопартаудиторияҳо (Синфхонаҳои ҳизбии радиоӣ) сохта шуданд. Шунавандагони ин маконҳо коммунистони МТС, совхозҳо, раисон, механизаторон, бригадирҳо буданд. Радиопартпрос ва радиопартаудитория аксаран дар шакли гӯш додани барномаҳои радиои Тоҷикистон доир карда шуда, аз тариқи радиоузелҳои маҳаллӣ пахш карда мешуданд. То поёни соли 1933 ва оғози соли 1944 репродукторҳои радиошунавонӣ дар райком, раисполком, парк, ИМТ (МТС), дар бозор ва дигар маҳаллаҳои шаҳр насб карда шуда буданд.

Радиоузели Кӯлоб соли 1934 бо тавоноии пурра ба кор даромад[2]. Дар ин бораи рақамҳои зерин гувоҳӣ медиҳанд: агар дар соли 1934 ҳамагӣ радионуқта дар шаҳр 68 –то буд, пас аз як моҳ теъдоди он то ба 100 адад афзоиш ёфт. Аз ин рӯ, ҳизби ноҳия дар таърихи 25 июли соли 1934 ахбори сардори почта Журбаро «Дар бораи кори радиоузел» шунид. Дар қарори қабул кардашуда, дар бораи суръати пасти радиофикатсия ва зарурати афзоиши минбаъдаи радиомаҳсулотҳо дар қаламрави ноҳия қайд карда шуда буд. Дархости колхозҳоро ба назар гирифта, ба почта супориш дода

[1]Сайко В. Большие перемены // Коммунист Таджикистана. – 1964. – 20 нояб.
[2]Яровая З. Слушая позывные // Кулябская правда. – 1982. – 7 мая.

шуда буд, ки 10 радионуқтаи эфирӣ дар колхозҳои пешқадами ноҳия насб карда шавад. Соли 1934 радиостансияи хурд дар МТС низ насб карда шуда буд.

Ҳамин тариқ, солҳои 1933-1934 радио ба ҳаёти ҳамарӯзаи аҳолии ноҳия ва тадриҷан тамоми ноҳияҳои вилояти ояндаи Кӯлоб ворид гашт.

Радиофикатсияи қаламрави вилоят бавежа дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ нақши бузург бозид. Аҳолӣ имкон дошт сари вақт ахборҳои Совинформбюроро гӯш дода, дар бораи вазъият дар фронтҳо хабардор шавад. Мақомоти ҳизбӣ ва шуравӣ тавассути радио саривақт аҳолиро ба маъракаҳои муҳимтарини сиёсӣ сафарбар мекарданд.

Дар ин солҳои 1926-1930 барномаҳон доимӣ дар радиошунавонии ҷумҳуриҳои миллӣ ташкил карда мешавад. Моҳи ноябри соли 1925 радиостансияи Белорусия ба кор оғоз кард. Баъди як сол (с.1926) дар мавҷ суханони (калимаи) «Ин ҷо Боку!» паҳн шуданд, дар ин ҷо барномаҳо ба забонҳои русӣ, озорбойҷонӣ ва арманӣ шурӯъ гардиданд. Моҳи декабри соли 1926 дар Харков нашри аввали умумиукраинии «Рӯзномаи коргарӣ доир ба радио» баромад. Январи соли 1927 редаксияи (идораи) рӯзномаи «Правда Востока» («Ҳақиқати Шарқ») дар Тошканд шумораи нахустини радиорӯзномаро баровард. Марти соли 1927 бошад, радиостансияи Тошканд бо чор забон: ӯзбекӣ, тоҷикӣ, туркманӣ ва қазоқӣ барномаҳоро оғоз намуд. Дар моҳи майи соли 1927 якумин гузориш аз шаҳрҳои Ленинград, Киев, Харков ва Тбилисӣ оғоз гардид»[1].

Бо қарори Шурои Комиссарони Халқии ҶШС Ӯзбекистон аз 31 октябри соли 1927 №24 пешниҳод гардида буд, ки приёмникҳои тамғаи «Радиостандарт» ва репродукторҳои тамғаи «Рекорд» бо антеннаҳои якнура дар бурҷҳои дугонаи радиостансия дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Конибодом, Ашт, Исфара, Душанбе, инчунин дар Ҳисор, Кӯлоб, Ҷиликӯл,

---

[1]Основы радиожурналистики / Под. ред. Э.Г. Багирова и В.А. Ружникова. – М.: МГУ, 1964. – С.9.

Саройкамар ва Ғарм васл карда шаванд. Барои радиокунонии ҶМШС Тоҷикистон 5450 рубл ҷудо гардида буд[1].

Дар асоси қарори ҳукумат радиотехникҳои корхонаи «Стандарт» барои иҷроиши радиокунонии амалии Тоҷикистон корро оғоз намуданд. Радиоприёмникҳо дар майдонҳо ва клубҳо васл карда мешуданд. Моҳи марти соли 1928 Шурои Коммисариати Халқии Ҷумҳурии Худмухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз ҳисоби фонди захиравӣ барои ҷумҳурӣ 6 адад радиоприёмникҳо ба даст овард. Бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон ин приёмникҳо дар ш. Душанбе, дар Хонаи деҳқон ва чойхонаи сурх, Кӯлоб, Саройкамар ва Ҳисор васл карда шуданд. То ин дам дар кишвар 17 радиоустановкаҳо мавҷуд буданд[2].

Бо табдил ёфтани Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз мухторият ба иттифоқӣ бар зиммаи алоқачиён масъулияти бузург овард. Алоқачиён бояд ба рушди минбаъдаи воситаҳои алоқа, хизмати мақомотҳои давлатӣ, хоҷагии халқ ва меҳнаткашон ҷидду ҷаҳд менамуданд. Соли 1929 бо қарори Конференсияи ҳизбии 2-юми Тоҷикистон масъалаи радиокунонии ҷумҳурӣ, инчунин радиокунонии мунтазами шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Саройкамар ва Қубодиён ба нақша гирифта шуда буд[3].

Соли 1929-ум 87 нуқтаи радио мавҷуд буд[4]. Воситаҳои мавҷудаи техникӣ имкон медиҳанд, ки дар тамоми ҳудуди ҷумҳурӣ ва берун аз он ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, узбекӣ ва ғайра барномаҳои радио шунавонда шаванд.

Дар панҷсолаи якум (с.1928-1932) барои радиокунонии ҷумҳурӣ 265 ҳазор рубл ҷудо гардида буд. Сохтмони 16 радиоузелҳо, васлкунии 4000 репродукторҳо ва дигар чорабиниҳо ба нақша гирифта шуда буд. Соли

---

[1]Фармонҳо ва қарорҳои Вазорати алоқа дар солҳои 1927-1929 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.1. – П.6. – В.27.
[2]Ҳамон ҷо. – П.6. – В.38.
[3]Ҳисоботи ноҳияҳои вилоятҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа дар соли 1931 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.16. – В.1-4.
[4]Попов Д. Бубин тафовути роҳ // Агитатори Тоҷикистон. – 1987. – №12. – С.5-7.

1930 масъалаи радиокунонӣ дар Анҷумани Шурои IV умумитоҷикон муҳокима гардид.

Бо мақсади иҷроиши қарорҳои Конференсияи ҳизбии 2-юми Тоҷикистон ва қарорҳои ҳукумат оид ба радиокунонии ҷумҳурӣ дар се соли панҷсолаи якум сохтмони 9 радиоузел ба анҷом расонида шуда, 843 радионуқтаҳо васл гардиданд, ки аз онҳо 53-тоаш кооперативӣ буданд. Радиоузелҳо дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Қӯрғонтеппа ва Саройкамар сохта шуданд[1].

Роҷеъ ба тобеияти комиссиюни радиошунавонӣ ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд. Муҳаққиқон А. Азимов, В. Шарифов ва В. Волков комиссиюни радиошунавониро марбут ба Комиссариати маориф медонанд. Чунончи, муаллифи китоби «Таърих ва ташаккули радиои тоҷик» Аъзамҷон Азимов бо истинод ба ақидаи В. Шарифов ва В. Волков менигорад, ки «Комиссариати маорифи Тоҷикистон вазифадор карда шуд (он вақт радиошунавонӣ тобеи ин вазорат буд), ки асосан аз солҳои 1929-1930 сар карда, ҳар сол аз ҳисоби буҷети худ барои пешрафти радиофикатсия маблағи зарурӣ ҷудо кунад»[2].

Аммо дар китоби «50 соли радиои Тоҷикистон» чунин омадааст: «Аз 10-уми апрел комиссия оид ба радио дар назди идораи алоқаи Комиссариати почта ва телеграф радиошунавонии муттасилро дар тамоми шаҳр муқаррар намуд»[3]. Ҳамин нуқта дар китобҳои «Ошёни булбулон» ва «Минбари савту калом» низ таъкид шудааст. Яъне, ба ақидаи гурӯҳи дуюми муҳаққиқон комиссиюни радиошунавонӣ ба идораи алоқа тобеъ буд. Ба ақидаи мо, комиссиюни радиошунавонӣ ҳанӯз аз замони таъсисаш ба идораи алоқа марбут буда, бевосита ба Шурои Комиссарони халқ итоат менамуд. Ин ба се омил вобаста аст. Аввалан, сохтори радиошунавонӣ аз ибтидо ба ду қисмати муҳим- эҷодӣ ва техникӣ ҷудо мешуд. Ба ақидаи мо,

---

[1]Ҳисоботи ноҳияҳои вилоятҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа дар соли 1931 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.16. – В.12-14.
[2]Азимов А. Таърих ва ташаккули радиои тоҷик. - Душанбе, 2005. – С.7.
[3]50 соли радиои Тоҷикистон. – Душанбе, Ирфон, 1980. – С.12.

ҳарчанд Комиссариати маорифи Тоҷикистон аз ҳисоби буҷети худ барои пешрафти радиофикатсия маблағи зарурӣ ҷудо карда бошад ҳам, вале усули фаъолияти техникии ин ниҳод ба идораи алоқа наздик аст, аз ҷумла насби фиристандаҳо, тақвияти онҳо, расонидани гуфторҳо ба шунавандаҳо ва тадриҷан комилсозии фазои иттилоотӣ ба ин идора марбут буд, Комиссариати маорифи Тоҷикистон на ба Комиссиюни радиошунавонӣ, балки бобати пешрафти радиофикатсия маблағи зарурӣ пешбинӣ намудааст. Чунки радио яке аз воситаҳои муҳимми таблиғу ташвиқ, саводомӯзӣ, ҷалби омма ба мактабу маориф маҳсуб шуд ва барои мардуми бесавод чун чароғи раҳнамои илму дониш хидмат менамуд Ба ин хотир, Комиссариати маориф ин расонаи муқтадирро ҳамчун василаи муҳимми амалисозии аҳдофи худ истифода мекард ва табиист, ки бобати тақвияти нуқтаҳои радио (радиофикатсия) саҳм мегирифт.

Дуввум, аз ҷониби дигар, дар солҳои 1930-1935 таваҷҷуҳи асосӣ бештар ба ҷанбаи техникии ин ниҳод дода мешуд, зеро таъмини аҳолӣ бо нуқтаҳои радио вазифаи аввалиндараҷа буд, ки онро идораи алоқаи Комиссариати почта ва телеграф амалӣ менамуд. Яъне, қисмати техникии радиошунавонӣ пурра ба идораи алоқа марбут буд ва ин амал 77 сол (ҳарчанд Кумитаи телевизион ва радио тобеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, аммо қисмати техникии он- бахши шабакаи пахши барномаҳои телевизион ва радио (телерадиоком) ба Вазорати алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон то моҳи феврали соли 1991 итоат мекард, идома ёфт. Тибқи асноди бойгонӣ дар соли 1932, то таъсисёбии Кумита комиссияи радиошунавонии назди ШКХ ба Раёсати алоқа марбут буд[1].

Саввум, дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ сохтори вазорату идораҳои марказиро дигар ҷумҳуриҳо айнан нусхабардорӣ мекарданд ва аз 13- уми июни соли 1928 Комиссияи радиошунавонӣ ба зиммаи Комиссариати халқии почта ва телеграф вогузор шуда буд. Аз 10-уми сентябри соли 1931 Кумитаи радиои умумииттифоқ дар назди Комиссариати почта ва

[1]БМД ҶТ. – Ф. 18. – Р.1. – П.448. – В.11- 12.

телеграфи Иттиҳоди Шуравӣ ташкил шуд. Аз ин лиҳоз, Комиссиюни радиошунавонии Тоҷикистон наметавонист хилофи ин сохтор тобеи Комиссариати маориф бошад.

Масъалаи дуюми мавриди баҳс санаи таъсиси Кумитаи радиошунавонӣ аст. Зеро оид ба таърих ва ташаккули радиои Тоҷикистон то кунун китоби мукаммали илмӣ-тадқиқотӣ мунташир нашудааст, вале роҷеъ ба қисматҳои ҷудогонаи он маҷмӯаҳо чоп шудаанд. Дар ҳамаи онҳо санаи таъсиси Кумитаи радиошунавонӣ 29- уми январи соли 1932 нишон дода шудааст. Чунончи, муҳаққиқ А. Азимов менависад: «баъди муҳокимаҳои зиёд КИМ ва ШКХ 29-уми январи соли 1930 оид ба таъсиси Комитети радиошунавонӣ қарор баровард»[1]. Дар китобҳои «50 соли радиои Тоҷикистон» ва «Ошёни булбулон» низ ин маънӣ таъкид шудааст. «29 январи соли 1932 КИМ ва ШКХ-и Тоҷикистон оид ба таъсиси Комитети радиошунавонӣ қарор баровард»[2]. Шояд муаллифон «на аз рӯи асноди бойгонӣ, балки аз рӯи шуниди худ ва хотироти собиқадорони соҳа ба иштибоҳ роҳ дода бошанд, вале ҳуҷҷатҳои бойгонӣ собит менамоянд, ки Кумитаи радиошунавонии Ҷумҳурии Шуравии Тоҷикистон 13- уми январи соли 1932 таъсис шудааст. Ҳоло матни қарори мазкурро айнан меорем:

«Совети Комиссарони халқи ҶШС Тоҷикистон қарор мекунад: Кумитаи радиошунавонии ҶШС Тоҷикистон ташкил карда шавад.

Раиси СКХ ҶШС Тоҷикистон А. Ҳоҷибоев,

Котиби СКХ ҶШС Тоҷикистон А. Нарзуллоев.

ш. Сталинобод, 13-уми январи соли 1932, №29»[3].

Воситаҳои ҳозираи алоқаи Тоҷикистонро бо солҳои бистум, яъне бо давраи ташкилёбии ҷумҳурӣ қиёс кардан амри маҳол аст. Воситаҳои имрӯзаи алоқаи ҷумҳурӣ аз телевизион ва радиошунавонӣ, радиокунонӣ ва радиоалоқа, телеграф ва фототелеграф, алоқаи телефонии деҳот, шаҳр ва

---

[1]Азимов А. Таърих ва ташаккули радиои тоҷик. - Душанбе, 2005. – С.11.
[2]Ошёни булбулон. – Душанбе: Ирфон, 1990. – С.7.
[3]Қарори СКХ РСС Тоҷикистон “Оиди таъсиси Кумитаи радиошунавонии РСС Тоҷикистон” // БМД ҶТ. – Ф. 18. – Р.8. – П.92. – В.20.

байнишаҳрӣ, алоқаи почтагии гуногунсоҳа ва паҳнкунии матбуот иборатанд.

Масъалаи ташкил кардани нуқтаҳои радио ва радиошунавонии оммавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нахустин бор 10 январи соли 1928 мавриди баррасӣ қарор гирифта буд. 19 январи соли 1928 кумитаи вилоятии ҲК(б) Тоҷикистон оид ба радиошунавонӣ қарори дахлдор қабул кард. ШКХ Ҷумҳурии Худмухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон мувофиқи қарори мазкур амал намуда, 19 октябри соли 1928 лоиҳаи нақшаи панҷсолаи ба радиошунавонӣ таъмин кардани ҷумҳуриро тасдиқ намуд. «Дар нақша барои хароҷоти радиофикатсия 213,5 ҳазор сӯм ҷудо карда, боз сохтани 53 дасттоҳи радиошунавонӣ пешбинӣ карда шудааст. Комиссариати маорифи Тоҷикистон вазифадор карда шуд (он вақт радиошунавонӣ тобеи ин вазорат буд), ки асосан аз соли таҳсили 1929-1930 сар карда ҳар сол аз ҳисоби буҷети худ барои пешрафти радиофикатсия маблағи зарурӣ ҷудо кунад»[1].

16 октябри соли 1929 Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис гардид. Яке аз воситаҳои маърифатбахш ба оммаи меҳнаткашон ба ҳаёти ҳаррӯза ворид будани радио буд. Радиоро дар олами ахбор бо номҳои «гирдиҳамоиҳои миллионҳо», «театри дорои як курсӣ», «донишгоҳи сартосарӣ», «ҳамдами зиндагӣ» ва ҳатто «маҳрами рӯз», мегуфтанд, ки дар ҳар яке аз ин мафҳумҳо маъниҳои зиёде маҳфуз аст[2].

Соли 1929 рӯзномаи «Коммунист Таджикистана» дар сармақолаи худ навишта буд: «Яке аз воситаҳои асосии ҷорӣ намудани маданияти сотсиалистӣ барои умум ва дар як вақт нишондиҳандаи баландравии маданияти меҳнаткашон ин инкишофи радио аст. Шароити мусоид барои радиогузаронӣ ба таври васеъ дар ҷумҳурӣ баъди ташкил ёфтани ҶШС Тоҷикистон фароҳам омад.

---

[1]Шарифов В., Волков В. Парвози сухан. – Душанбе: Ирфон, 1967. – С.16.
[2]Саъдуллоев А., Гулов С. Жанрҳои журналистикаи радио. – Душанбе, 1997. – С.3.

Соли 1929 узели радиошунавонӣ ба кор даромад ва кашонидани нуқтаҳои радиои симӣ дар шаҳри Душанбе вусъат ёфт. Ногуфта намонад, ки радиои симӣ то соли 1990 ба ҳар як хонаю ҳавлии сокинони ҷумҳурӣ рафта расид ва хизмати худро ба ҷо овард[1].

Рӯзномаи “Советский Таджикистан” дар шумораи 11-уми апрели соли 1930 дар саҳифаи чорумаш бори нахуст ҷадвали пахши барномаҳои радиоро интишор намуда буд.

Он замон Кумита ҳанӯз вуҷуд надошт, аз ин рӯ комиссияи радиошунавонӣ ташкил шуд. Дар байни муҳаққиқон оид ба се масъалаи тобеияти комиссияи радиошунавонӣ, санаи таъсиси Кумита ва аввалин раиси он баҳсҳо вуҷуд доранд.

Дар пойтахти Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон шаҳри Душанбе 10 апрели соли 1930 нахустин маркази радиошунавонӣ ба кор шурӯъ кард. Садои ин радиоро он замон 20 радиоприёмник ба маҳаллаҳои атроф пахш менамуд. Яке аз чунин радиоприёмникҳо дар «Хонаи деҳқон» (театри Маяковский) насб карда шуда буд. Он рӯз дар майдони назди «Хонаи деҳқон» сокинони шаҳр, кормандони давлатӣ, зиёиён, деҳқонон, журналистон, меҳнаткашони атрофи Душанбе, хулоса аз ҳамаи гӯшаю канори ҷумҳурӣ гирд омада буданд, то дар воқеаи пуршукӯҳ – оғози расмии кори радиои Тоҷикистон иштирок намоянд. «Онҳо нахустин суханон: Диққат! Диққат! «Ин ҷо Душанбе!» – ро бо нидоҳои пур аз шодиву фараҳ ва ҳаяҷони “Урра!” ва “Офарин!” истиқбол гирифтанд»[2].

Як аз собиқадорони радио, аввалин диктор, муҳаррир ва роҳбари радиои Тоҷикистон С. Зоҳиров чунин ҳикоя мекунад; «Вақте ки радиошунавонӣ сар шуд, мо хизматчиёни радио чанд нафар будем, студияи мо дар ду хоначаи рӯи ҳавлии «Хонаи деҳқон» ҷойгир шуда буд, кор барои мо нав ва ношинос буд ва он рӯзҳои серташвиш буданд»[3].

---

[1]Телефонная связь с отдаленным районом // Коммунист Таджикистана. – 1946. – 13 дек.
[2]Ошёни булбулон. – Душанбе: Ирфон, 1990. – С.7.
[3]Шарифов В., Волков В. Парвози сухан. – С.24.

«Натиҷаи корҳо доир ба радиофикатсияи ҷумҳурӣ барои давраи гузашта дар КМ ҲК(б) Тоҷикистон муҳокима шуда, дар натиҷа истгоҳи хуби радиошунавонии ҷумҳуриявӣ сохта, дар 26 ноҳия узелҳои пахшкунӣ ташкил карда, 7 нуқтаи радиотелеграфӣ ва ғайра таъсис карда шуд. Ба ғайр аз ин КМ ҲК(б) Тоҷикистон камбудиҳои ҷиддиеро қайд карда таъкид дошт, ки радиоузелҳои интиқолӣ дар худ нуқтаҳои радиоии хеле кам дорад (Ҷиликӯл-17, Кангурт-16, Янги-Бозор-32) ва ба колхозу совхозҳо хизмат намерасонад, бахусус ба шаҳр ва марказҳои маъмурӣ маҳдуд мешавад»[1].

Радиоузели Душанбе, ки ягона маркази радиошунавонӣ буд, он вақт аз ҷиҳати техникӣ, таҷҳизот ва воситаҳои зарурӣ такмил наёфта буд. Радиои ҷумҳурӣ монанди навниҳоле буд, ки акнун решаҳои нав давонда, нашъунамо мекард. Маҳз аз ҳамин сабаб масъалаи радиофикатсия ва радиошунавонӣ дар Тоҷикистон аз рӯзҳои аввал яке аз масъалаҳои муҳим буд[2].

«Камбудии дигар дар радиошунавонӣ, қайд мекунад КМ ҲК(б) Тоҷикистон,- ин қувваи хеле пасти радиостансияи Душанбе аст, ки шунавоии хуби барномаҳоро барои ноҳияҳои ҷумҳурӣ таъмин карда наметавонад. Зарурати радиофикатсияи нуқтаҳои аҳолинишинро ҳамчун воситаи асосии муносибати ҳизб бо тамоми меҳнаткашон дар шароити Тоҷикистон, ки аз маркази мамлакат ҷудо аст, пурзӯр намуд. КМ ҲК(б) Тоҷикистон нақшаи аниқи радиофикатсияи ҷумҳуриро барои 2-3 соли наздик муайян кард»[3].

«Он айём- навишта буд, муҳаққиқ И. Усмонов, - ҷумҳурии мо 25 шабакаи радио ва 7 радиотелеграфи марказӣ дошт»[4].

«Дар рӯзҳои аввали ташкили радиошунавонӣ ёрии бузургро чунин олимон ва нависандагон, аз ҷумла асосгузори адабиёти муосири тоҷик С. Айнӣ, шоири инқилобӣ А. Лоҳутӣ, шоири халқии Тоҷикистон

---

[1]Бойгонии давлатии таърихи навини Ҷумҳурии Тоҷикистон (БДТН ҶТ). – Ф.3. – Р.1. – П.81. – В.142-143.
[2]Шарифов В., Волков В. Парвози сухан. – С.20.
[3]БДТН ҶТ– Ф.3. – Р.1. – П.81. – В.144-146.
[4]Усмонов И., Давронов Д. Таърихи матбуоти тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1997. – С.147.

М.Турсунзода, Б. Раҳимзода, академикҳо Б.Ғ. Ғафуров, А.М. Баҳовиддинов, И.К Нарзиқулов, А.А. Семёнов, шоирон ва нависандагон А. Деҳотӣ, М. Аминзода ва дигарон расониданд»[1].

Аввалин ровии (диктор)-и радиои Тоҷикистон Агрепина Ржевская, актрисаи театри русии ҷумҳурӣ буд. Ӯ бори аввал соли 1930 гуфторҳои радиоро барои мардуми ҷумҳурӣ қироат кард ва барандагони нахустини «Радиорӯзнома» буд[2]. Музаффара Рустамоваро низ мардум аз солҳои сиюм хуб дар хотир доранд. Наттоқони варзида Файзулло Арабов ва Севарой Қосимова аз ҷумлаи онҳоянд. Мардум барҳақ имрӯз ҳам Файзулло Арабовро «Левитани тоҷикон» (диктори радиои Москва) меномад.

Рӯзи алоқа ҳанӯз аз 7 майи соли 1905 ба таърихи таъсиси соҳа марбут аст[3]. Ва ҳар сол дар мамолики собиқи Иттиҳоди Шуравӣ қайд гардидани он аз он сарчашма мегирад, ки маҳз баъди Инқилоби Октябр рӯ ба инкишоф овард ва ба тамоми гӯшаю канори ин давлати абарқудрат алоқа барқарор шуда буд. Вале таъсиси аввалин шуъбаҳои алоқа расондани номаю телеграф дар ҳудуди имрӯзаи шаҳрҳои Хуҷанд, Истаравшану Панҷакент, Конибодому Исфара ба соли 1865 рост меояд. Соли 1924 баробари пойтахти Тоҷикистон эълон гардидани шаҳри Душанбе дар ин ҷо аввалин шуъбаи алоқа кушода шуд ва то соли 1926 дар ҳамаи марказҳои маъмурии ҷумҳурӣ чунин шуъбаҳо амал мекарданд.

Аҳамияти почта боз дар он зуҳур меёфт, ки маҳз аз ҳамин солҳо расондани рӯзномаю маҷаллаҳо ба аҳолӣ, аз ҷумла рӯзномаи «Овози тоҷик», ки дар Самарқанд чоп мешуд, «Иди тоҷик» (баъдан «Бедории тоҷик») аз соли 1925 дар шаҳри Душанбе дарҷ мегардид, вусъат ёфт.

Соли 1930 барои алоқа бо Кӯлоб ва Ғарм дастгоҳи фиристандаи нави кӯтоҳмавҷи навъи "Қазоқистон" дар Душанбе ва Кӯлоб бо роҳбарии муҳандис Божко-Степаненко васл карда шуд.

---

[1]Таджикскому радио 50 лет. – Душанбе: Ирфон, 1980. – С.15.
[2]Азамов А. Таърихи ташаккули радиои тоҷик. – С.15.
[3]Аскар А. Алоқа – пайвандгари дилҳо // Ҷумҳурият. – 2004. – 8 май.

Соли 1930 аввалин муваффақиятҳо доир ба радиофикатсия дар Тоҷикистон ба мушоҳида расид. Радиоузели ш. Душанбе барои 150 нуқтаи радио ба ҳисоб гирифта, ҷобаҷогузории нуқтаҳои радио дар Кӯлоб, Ғарм, Хоруғ ва дигар округҳо ба охир расида, радиоузелҳои худро доштанд. Радиофикатсия (радиогузаронии) шаҳрҳои Тоҷикистон дар асоси нақшаи панҷсолаи радиофикатсияи ҷумҳурӣ амалӣ мешуд ва тӯл мекашид. Аз сабаби нарасидани дастгоҳҳо дар миёнаи солҳои 30-юми асри XX ба корхонаҳои пахта ва 20 маркази ноҳияҳову деҳаҳои Тоҷикистон радио гузаронида шуд»[1].

10 апрели соли 1930 комиссия оид ба радио таъмини радиошунавонии муттасилро дар тамоми шаҳр муқаррар намуд. Аз 12 апрели соли 1930 сар карда, аз соати ҳафти саҳар то даҳи бегоҳ тавассути радио суҳбату лексияҳо ва барномаи машқи бадан шунавонида мешуданд. Аз 15 апрел бошад, бахши барномаи таълими забони тоҷикӣ шурӯъ гардид. Дар барномаҳои консертии бегоҳирӯзӣ оркестри мусиқии миллӣ, оркестрҳои торӣ ва нафасӣ иштирок менамуданд.

Нахустин анҷумани муассисони ҲК (б) Тоҷикистон, ки 6-15 июни соли 1930 баргузор гардид, ба масъалаҳои муҳими марбут ба иқтисодиёт, сиёсат ва фарҳанг, ба масоили барқарор ва мустаҳкам кардани радиошунавонӣ дар Тоҷикистон диққати махсус дод. Ба ҳамаи шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ бурдани хатти радиошунавонӣ яке аз вазифаҳои асосӣ дониста шуд.

То 1 январи соли 1931 дар Тоҷикистон 7 ратсияҳои қабулу фиристанда амал мекард ва соли 1931 дар Кӯлоб, Фархор, Данғара ва дигар ноҳияҳо радиостансияҳои кӯтоҳмавҷ насб карда шуда буданд. Аммо онҳо аз сабаби энергопоя надоштан номунтазам кор мекарданд. Ҳамон солҳо нарасидани мутахассисони радиотелеграфист ҳис карда мешуд. Мутахассисоне, ки дар курсҳои кутоҳмуддати семоҳаи радиотелеграфистӣ тайёр карда мешуданд, таҷриба надоштанд. Дар байни 36 корманди радиоалоқа ягон муҳандиси радио набуд.

---

[1]Коммунист Таджикистана. – 1929. – 20 мая.

То соли 1931 дар қаламрави Тоҷикистон ягон фиристандаи радиошунавоӣ набуд. Худи ҳамон сол аз Тошканд радиостансияи дарозмавҷ оварда шуд. Радиошунавонӣ дар як шабонарӯз 4 соат, бештар ба забони русӣ давом мекард. Фиристанда тавоноии паст дошт ва доираи таъсири вай бениҳоят кам буд. Дар натиҷа дар мавзеъҳои наздик шунавоии паст буд ва дар гурӯҳи ноҳияҳои Кӯлоб ва ВМКБ тамоман шунида намешуд.

Соли 1931 аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ 94 ҳазор рубл ҷудо гардид. Ғайр аз ин аз ҳисоби маблағҳои ёрии моддӣ 106 ҳазор рубл харҷ гардид. Соли 1933 дар ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна 23 радиоузел, 2368 радионуқтаҳо ва 270 радиоприёмникҳои эфирӣ, аз он ҷумла 247 коллективӣ фаъолият менамуд. Соли 1929 дар деҳоти ҷумҳурӣ ягон нуқтаи радио набуд, соли 1933 аллакай 1200 нуқтаи радио мавҷуд буда, 17 маҳаллаи аҳолинишин бо радио таъмин гардиданд. Сохтмони радиоузелҳо дар Ҷиликӯл (н. Дӯстӣ), Қубодиён, Куктош (н. Рӯдакӣ) ва ноҳияҳои шимоли кишвар ба анҷом расиданд.

Аз соли 1931 бошад, шунавонидани гуфторҳои аввалини радио оғоз ёфтанд.

Баъди муҳокимаҳои зиёд КИМ ва ШКХ 29 январи соли 1932 оид ба таъсиси Комитети радиошунавонӣ қарор баровcovered. 1 феврали соли 1932 бошад, КМ ҲК(б) Тоҷикистон ҳайати комитетро аз 13 нафар коркунони ҳизбӣ ва журналистон тасдиқ кард. Ҳ. Ҳайдаровро раиси Комитети радиошунавонӣ таъйин намуданд[1].

«Радио ҳанӯз аз рӯзҳои нахустини бунёдаш дар ҳаёти маданӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ саҳми арзанда мегузошт»,- навиштаанд муҳаққиқон **А.** Саъдудлоев ва С. Гулов[2]. В.И. Ленин радиоро «рӯзномаи беқоғаз ва бе масофа» номида буд[3].

Муҳаққиқон И. Усмонов ва Д. Давронов рӯ ба факт оварда, менависанд: «Дар деҳот радиоприёмник ва нуқтаҳои радио хеле кам

---

[1]Азамов А. Таърихи ташаккули радиои тоҷик. – С.12.
[2]Саъдуллоев А., Гулов С. Жанрҳои журналистикаи радио. – С.7.
[3]Ленин о радио. – М.: Мысль, 1973. – С.94.

буданд. Соли 1932 дар чанд колхозҳои навбунёди Тоҷикистон ҳамагӣ 1000 нуқтаи радио мавҷуд буду халос. Иқтидори радиои он вақта фақат 30 фоизи ноҳияҳои ҷумҳуриро фаро мегирифт»[1].

Масъалаи сеюми баҳснок оид ба нахустин раиси Кумита мебошад. Дар ин хусус низ муҳаққиқон ва муаллифони китобҳои марбут ба соҳа фикри ягона доранд, вале он аз воқеият дур аст. Чунончи, муаллифон ва масъулони китобҳои «Минбари савту калом», «50 соли радиои Тоҷикистон», «Ошёни булбулон», «Таърих ва ташаккули радиои тоҷик» Ҳ. Ҳайдаровро нахустин раиси Кумита меҳисобанд. «Аз 1-уми феврали соли 1932 КМ ҲК (б) Тоҷикистон Кумитаи радиошунавониро дар ҳайати 13 нафар тасдиқ намуд. Нахустин раиси Комитети радиошунавонӣ Ҳайдаров таъйин шуда буд»[2]. Ин нуқтаро муҳаққиқ А. Азимов низ айнан таъкид намудааст. Ҳангоми ҷустуҷӯи санадҳои бойгонӣ маълум гардид, ки нахустин раиси Кумита Р. Муъминов будааст. Барои исботи ин матлаб Қарори СКХ Тоҷикистонро айнан меорем:

«СКХ ҶШС Тоҷикистон қарор мекунад: Муъминов Р. Раиси Комитети радиошунавонӣ таъин карда шавад.

Раиси СКХ ҶШС Тоҷикистон А. Ҳоҷибоев

Котиби СКХ ҶШС Тоҷикистон А. Нарзуллоев.

ш. Сталинобод, 1-уми феврали соли 1932»[3].

Ҳарчанд Кумитаи радиошунавонӣ 13-уми январи соли 1932 таъсис ёфта бошад ҳам, вале он расман аз 1-уми феврали ҳамон сол ба фаъолият пардохт ва радиошунавонӣ ба низоми муайян даромад. Дар ҷадвали пахш жанрҳои нав, дар барномаҳо рубрикаи тоза ба вуҷуд омаданд. Шаклу услуби нави барномаҳо ба рӯҳияи замон созгор шуд. Тадриҷан ҷойи «Радиорӯзнома»-ро барномаҳои иттилоотии «Хабарҳои охирин» гирифт. Барномаҳои мусиқӣ рӯҳияи миллӣ касб карданд, рубрикаи нави

---

[1]Усмонов И., Давронов Д. Таърихи матбуоти тоҷик. – С.147.
[2]50 соли радиои Тоҷикистон. – Душанбе, Ирфон, 1980. – С.14.
[3]Қарори СКХ РСС Тоҷикистон “Оиди раиси Кумитаи радиошунавонии РСС Тоҷикистон” // БМД ҶТ. – Ф. 18. – Р.8. – П.92. – В.21.

«шунавонидани сиёсӣ», «шунавонидани адабӣ», «шунавонидан барои занон», «шунавонидан барои кормандони хоҷагии қишлоқ», «шарҳи воқеаҳои байналхалқӣ», «нақл дар бораи коммунист» ба вуҷуд омаданд. Тавре қаблан таъкид намудем 13 - уми январи соли 1932 КИМ ва СКХ ҶШС Тоҷикистон дар ҳайати 13 нафар кормандони ҳизбию журналистон Кумитаи радиошунавонии Тоҷикистонро таъсис доданд. Аввалин кормандони радиои ҷумҳурӣ инҳо буданд: Р. Муъминов (аввалин раиси Кумита), С. Зоҳиров (нахустин гӯяндаи радио ба забони тоҷикӣ), Ҳ. Шарифов, С. Бурҳонов, Қ. Дайламӣ, М. Рустамова, А. Ржевская (нахустин гӯяндаи радио ба забони русӣ), А. Глуховский, Қ. Самаров (нахустин гӯяндаи радио ба забони узбекӣ), А. Гарамов, М. Мишин, Е. Герасимов ва С. Вафоев[1].

Охири соли 1933 радиокунонӣ ба ҳисоби худмаблағгузорӣ гузашт, ки рушди минбаъдаи онро таъмин намуд. Маблағгузории радиокунонӣ худи ҳамон сол аллакай ба 168,66 ҳазор рубл расида, даромад аз шабакаи радиошунавоӣ ба 107,77 ҳазор рубл расид.

КМ ҲК(б) Тоҷикистон дар маҷлисҳои худ ба кумитаи радиошунавонӣ дастур медод, ки асарҳои адибон ба воситаи радио тарғибу ташвиқ карда шавад. Дар қарори маҷлиси бюрои КМ ҲК(б) Тоҷикистон аз 23 сентябри соли 1934 омадааст: «Ба Радиосентр таклиф карда мешавад, ки доир ба ҷамъбасти анҷумани нахустини Иттифоқи нависандагон маърӯза ва хониши адабии асарҳои нависандагонро ташкил намояд»[2].

Дар охири панҷсолаи дуюм (с.1933-1937) дар ҷумҳурӣ 35 радиостансия насб карда шуда буд. Аммо бо сабаби тавоноии паст доштани фиристандаҳо алоқаи Душанбе бо маҳаллаҳои аҳолинишин номумкин буд. Барои ин мақсад барои сохтмони радиоалоқаи пойтахт бо ноҳияҳои кӯҳӣ нақшаи шохадор (кустовая) истифода бурда мешуд. Дар он вақт нақшаи шохадор бо шаҳрҳои Хуҷанд, Хоруғ, Қӯрғонтеппа ва Ғарм вуҷуд дошт. Дар

[1]Хоҷазод С. Ҳақиқати таърих – ҳақиқати ҳаёт // Садои мардум. – 2007. – 12 май.
[2]БДТН ҶТ– Ф.3. – Р.2. – П.81. – В.64.

маркази ноҳия радиостансияи тавоноияш баланд барои алоқа бо Душанбе насб карда шуда буд.

Ба вуҷуд омадани воситаҳои алоқа дар ҷаҳон падидаи нав буд. Мавҷудияти аввалин воситаҳои алоқа ба пешрафти соҳаҳои ҳаёти ҷумҳурӣ такони калон дод.

Моҳи ноябри соли 1936 радиоузели ноҳияи Шаҳритӯс ба истифода дода шуд. Сохтмони радиоузелҳо дар ноҳияҳои Балҷувон ва Фархор оғоз гардид[1].

Кормандони радиошунавонӣ нақшаҳои панҷсолаи дуюмро (с.1933-1937) сарбаландона иҷро намуда ба комёбиҳои меҳнатӣ сазовор гардиданд. Дар соли 1937 дар ҷумҳурӣ аллакай 32 радиоузел ва 6606 нуқтаҳои радио вуҷуд доштанд. Радиоузелҳои ноҳияҳои Қӯрғонтеппа (ш. Бохтар), Ҷиликӯл (н.Дӯстӣ), Куйбишев (н. А. Ҷомӣ) ба таъмири асосӣ сар карданд. Шуъбаҳои радиотранслятсионӣ дар 7 шаҳру 30 маркази ноҳияҳо мавҷуд буданд.

Дар охири соли 1938 дар ҷумҳурӣ зиёда аз 10 ҳазор нуқтаҳои радио фаъолият менамуд. Нимаҳои соли 1940 аллакай 42 радиоузел фаъолият менамуд, аз шумораи умумии 65 ноҳия ва шаҳрҳо дар 47 маркази ноҳияҳо ва шаҳрҳо узелҳои радиошунавонӣ ба мардум хизмат мерасонид[2]. Қарори КМ ВКП(б) аз 9 майи соли 1938 "Дар бораи чорабиниҳои рушди хоҷагӣ ва сохтмони маданӣ-маишӣ дар ҶШС Тоҷикистон" Вазорати алоқаи ИҶШС-ро супориш дод, ки дар соли 1938 дар ҶШС Тоҷикистон 75 ҷамоатҳои деҳот ва 104500 нуқтаи радиошунавонӣ барқарор карда шавад[3].

«Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки дар солҳои 30 -юм менависад, - профессор М.Р. Шукуров, - вазифаи радиофикатсия намудани деҳаҳои тоҷикнишин ва махсусан деҳаҳои дурдасти кӯҳӣ, ки дар он ҷойҳои зиёда аз нисфи аҳолии ҷумҳурӣ зиндагонӣ менамуданд, аз сабаби мавҷуд набудани

---

[1]Ҳисоботи фаъолияти телеграфи ноҳияи Кангурт дар солҳои 1930-1934 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.103. – В.12-22.
[2]БДТН ҶТ– Ф.3. – Р.109. – П.135. – В.210.
[3]Медведев Н.И. Становление и развитие радио и телевидения в Таджикистане. – Душанбе, 2005. – С.13.

пояи моддию техникӣ ва инчунин бо сабаби мавқеи мураккаби характери ҷуғрофиаш ҳанӯз ҳалли мусбати худро наёфта буд»[1].

Дар гуфторҳои радиои тоҷик бо мисолҳои мушаххас беҳтар гардидани дараҷаи зисту зиндагонии мардум чунин баён карда мешуд: радио дар бобати инкишофи ташаббусҳои эҷодии меҳнаткашони ҷумҳурӣ, дар ҷамъбаст намудан ва ба таври васеъ паҳн намудани ташаббусҳои ватанпарварона корҳои басо назаррасро ба ҷо овард[2].

Мувофиқи Қарори КМ ВКП(б) аз 9 майи соли 1938 "Дар бораи чорабиниҳои рушди хоҷагӣ ва сохтмони маданӣ-маишӣ дар ҶШС Тоҷикистон" Вазорати алоқаи ИҶШС-ро супориш дод, ки дар соли 1938 дар ҶШС Тоҷикистон 4500 нуқтаи радиошунавонӣ барқарор карда шавад[3]. Инчунин сохтмони РРЛ Душанбе-Кӯлоб (РРЛ-радио-релейная линия) дар солҳои 1960-1962 сохта ба истифода дода шуд[4].

Рушди радиокунонӣ дар соли 1940 чунин аст: дар ш. Душанбе 2618 нуқтаи радио, Ёвон – 37, Куйбишев – 105, Қӯрғонтеппа – 549, Кировобод – 294, Фархор – 91, Шаҳритӯс – 105, Колхозобод – 24, Кӯлоб – 119 ва ноҳияҳои дигар[5]. Дар ҷумҳурӣ 45 радиоузел мавҷуд буд, ки, тавоноии онҳо 465,6 ваттро ташкил медоданд, нуқтаҳои радио 17000 дона, дар деҳот – 5377 дона. Дар ҷумҳурӣ 327 радиоприёмникҳо арзӣ вуҷуд доштанд. Аз 66 маркази ноҳияҳо 51 – тоаш бо радио таъмин гардиданд. Ба 100 нафар аҳолии ҷумҳурӣ 0,8 нуқтаи радио рост меомад.

Соли 1940 маблағгузорӣ барои радиокунонӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ 20 ҳазор рублро ташкил медод, мувофиқи нақшаи давлатӣ барои рушди радиокунонӣ 99,6 ҳазор рубл ҷудо гардида буд, барои радиокунонии

---

[1]Шукуров М.Р. История культурной жизни Советского Таджикистана. – Душанбе: Ирфон, 1970. – С.404.
[2]Таджикскому радио 50 лет. – С.4.
[3]Медведев Н.И. Становление и развитие радио и телевидения в Таджикистане. – С.13.
[4]Таджикскому радио 50 лет. – С.4.
[4]Ҳамон ҷо. – С.80.
[5]Ҳисоботи ноҳияҳои вилоятҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа дар соли 1931 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.16. – В.21-24.

ноҳияҳои Шаҳритӯс, Кировобод, Ворошиловобод, Қӯрғонтеппа[1]. Дарозии хатҳои радио 410 км – ро ташкил медод.

Сарфи назар аз мушкилоти давраи ҷанг алоқачиёни Тоҷикистон кори доимии радиоузелҳо ва фиристандаҳоро таъмин намуда, алоқачиёни гурӯҳи ноҳияҳои Кӯлоб бошад, дар солҳои ҷанг интиқоли тағзияи радиоузел ва радиостансияҳоро ба микрогидроистгоҳҳои маҳаллӣ анҷом доданд. Дар муддати хеле кӯтоҳ дар ноҳияи кӯҳии Сарихосор гидроистгоҳи хурд сохтанд. Ҳамаи корҳо аз ҳисоби захираҳои маҳаллӣ бо харҷи камтарин анҷом дода шуданд. Инчунин гидроистгоҳҳои худӣ дар ноҳияҳои Қизилмазор, Ховалинг, Муъминобод ва Даштиҷум сохта шуданд[2].

Ба кор даровардани микрогидроистгоҳҳо имкон доданд, ки моҳона бештар аз 550 кг бензин ва маводи молиданӣ сарфаҷӯӣ карда шавад, сарфаҷӯйи солона бошад, бештар аз 5 тонна бензинро ташкил дод. Дар солҳои ҷанг ин чиз дорои аҳамияти бузурги давлатӣ буд.

Радиотехники радиоузели шаҳри Кӯлоб рафиқ Чертанов, нозири ҳамин радиоузел рафиқ Морозкина, радиотехники ноҳияи Сарихосор А. Радзевич, радиотехники радиоузели ноҳияи Фархор Ф. Шабанов, ки роҳбарии техникии ин микрогидроистгоҳҳоро бар уҳда доштанд, аз худ ҷидду ҷаҳди асили корӣ нишон доданд. Монтажи истгоҳҳоро муҳандиси алоқаи барқи идораи Кӯлоб Курочкин анҷом дод.

Ташаббуси алоқачиёни Кӯлоб зуд аз тарафи коркунони радиоузели дигар ноҳияҳо ба даст гирифта шуд. Ҳамин тариқ, тайи 2 сол 15 адад гидроистгоҳ (гидротурбина) сохта ба истифода дода шуд.

Кори бузурги радиофикатсия ва тавсеаи радиошунавоӣ дар шароитҳои ҳаёти осоиштаро, Ҷанги Бузурги Ватанӣ хароб кард. Дар таърихи миллати мо ва аз он ҷумла таърихи радиои тоҷик марҳилаи нав оғоз шуд[3].

---

[1]Фармонҳо ва қарорҳои Вазорати алоқаи ҶШСТ дар соли 1930 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.10. – В.1-127.

[2]Ҳисоботи раёсати алоқаи вилояти Кӯлоб дар соли 1940 // БДВХ дар ш. Бохтар. – Ф.369. – Р.2. – П.1. – В.15.

[3]Моргунов А.И. Мобилизующая роль таджикского радио в годы Великой Отечественной Войны (I941-I945 гг.) // В кн.: Таджикистан в братской семье народов СССР. –

«Халқ мунтазири шунидани хабарҳои майдони муҳориба, корнамоиҳои Армияи Шуравӣ, ҷанговарони тоҷик ва меҳнаткашони ақибгоҳ буд», омадааст дар Энсиклопедияи советии тоҷик[1].

Кормандони масъули дастгоҳи КМ ҲК(б) Тоҷикистон, адибон, кормандон, коргарону колхозчиён, зиёиён, публисистон, одамони касбу корашон гуногун ба воситаи радио зуд-зуд баромад мекарданд. Шоирону нависандагони бузурги тоҷик С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Раҳимӣ, М. Турсунзода, Ҷ. Икромӣ, А. Деҳотӣ ва дигарон дар назди микрафони радио бо шеъру публитсистикаи ватандӯстона ва ҳидоятгаронаи худ баромад карда, аскарону афсарони набардгоҳ ва одамони ақибгоҳро ба корнамоиҳои нав ба нави ҷангию меҳнатӣ даъват менамуданд. Маводу навиштаҳои адибони ба фронтрафтаи тоҷик Ҳ. Юсуфӣ, Ҳ. Карим, С. Улуғзода, Ф. Ниёзӣ, А. Пирмуҳамадзода, Л. Бузургзода ва дигаронро ба воситаи радио мешунавонданд. Радиои тоҷик пуле буд байни фронт ва ақибгоҳ. Ҳамаи хабару воқеаҳоро сари вақт ба халқи тоҷик расонида, онро маънан дастгирӣ менамуд. Солҳои ҷанг барномаҳои радио асосан ба ҳамин воқеаҳои мудҳиш бахшида мешуданд, мавзӯи ҳарбию ватандӯстӣ мавқеи асосиро ишғол мекард. Дар ин солҳо ҳамаи 2373 ахбори “Совинформбюро” аз тариқи радиои тоҷик бо забони тоҷикӣ пахш гардидааст.

Ба ғайр аз ин бештар аз ҳашт ҳазор барномаҳои силсилавии «Мактубҳо ба фронт» шунавонида шуданд. Хизмати радио махсусан дар таҳкими ҳамаҷонибаи давлати ягонаи Шуравӣ, тақвияти ғояи меҳанпарастии воқеӣ хеле калон аст. Ин кор хусусан дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ хеле оқилона ба роҳ монда шуда буд.

Дар он солҳо ровиён С. Бурҳонов, И. Раҳматов, Н. Тамилов ва Ф. Арабов барои радиои тоҷик хизмати арзандае карданд. Ровиёни радио Ф. Арабов ва С. Қосимова ҳар пагоҳӣ бо лаҳни хушу гуворо пахши

---

Душанбе: Дониш, 1974. – С.141-146.
[1]Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷ.6. – Душанбе, 1986. – С.510.

барномаҳоро оғоз мекарданд. Садҳо, ҳазорҳо нафар одамон дар саҳрою киштзорҳо, дар мактабу масҷидҳо, чойхонаю бозорҳо, кӯчаву хиёбонҳо, хуллас дар ҳама ҷо ҳушу гӯш мешуданд, бо изтиробу ҳаяҷони бепоён, бо қалбҳои пур аз дард ба садои радио таваҷҷуҳ мекарданд.

3 июли соли 1941 бо супориши КМ ВКП(б) Раиси Кумитаи давлатии мудофиа И.В. Сталин аз тариқи радио баромад кард. Асоси суханони ӯро Директиваи КМ ВКП(б) ва ШКХ ИҶШС аз 29 июни соли 1941 ба ташкилотҳои шуравии вилоятҳои наздифронтӣ ташкил медод.

Дар якҷоягӣ бо бозсозии хоҷагии халқи мамлакат барои ҷанг аз соатҳои аввали оғози ҷанг радиои тоҷик низ ба ҷанг нигаронида шуд. Мубориза барои баланд бардоштани сифати барномаҳои пахшшаванда тақвият ёфт.

Фақат соли 1942 тавассути редаксияи маърифати сиёсӣ бештар аз 300 мавод дар мавзуъҳои истеҳсолӣ, ки аз онҳо 60 ададаш суханрониҳои роҳбарони ҳизбӣ ва ташкилотҳои шуравӣ ва пешқадамони корхонаҳо буд, пахш карда мешуданд.

Дар иртибот бо талаботи замони ҷанг сохтори радиошунавонии тоҷик низ тағйир ёфт. Ба ҷойи 12 адад редаксияи қабл аз ҷангӣ (шаштои он такрор мешуд) ба оғози соли 1942 панҷ редаксия ташкил карда шуд: пахши сиёсӣ, хабарҳои охирин, пахши адабию драмавӣ, барнома барои ҷавонон ва кӯдакон ва редаксияи барномаҳои мусиқӣ

Аз тариқи радиои тоҷик ва радиои шаҳрҳои Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб ду маротиба дар рӯз, саҳар ва бегоҳ хабарҳои Бюрои иттилоотии шуравӣ пахш мешуд, ки дар он ба таври кӯтоҳ фаъолиятҳои оперативии дар фронт буда, лаҳзаҳои хотирмони ҷангӣ баён гашта, дар бораи қаҳрамонии меҳнаткашони ақибгоҳ хабар медод.

Бозсозии Кумитаи радиои ҷумҳуриявӣ бо маром идома дошт. Кумитаҳои ҳизбии вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ба таври системавӣ кори ҳамаи радиоузелҳоро тафтиш карда, мутобиқ ба натиҷаи тафтиш дар бораи беҳтар кардани кори радиошунавонии маҳаллӣ чораҳои фаврӣ

меандешиданд. Ба тақвияти нуқтаҳои коллективонаи гӯш кардани радио – бошишгоҳҳо, чойхонаҳо, гӯшаҳои сурх диққати махсус дода мешуд.

Дар чунин шароитҳо якбора сарбории радиошунавонии ҷумҳуриявӣ зиёд шуд. Аммо радиостансияи тамғаи РВ-47 дар шаҳри Душанбе насб шуда, ҳамагӣ 10 кВт тавоноӣ дошта, дар муқобили ин сарборӣ муқовимат карда натвонист. Дар манотиқи дурдасти ҷумҳурӣ ба монанди вилоятҳои Ленинобод, Кӯлоб ва ВМКБ садои радиоро ба зӯр мешуниданд[1]. Бо таваҷҷӯҳ ба ин вазъият Кумитаи радиои ҷумҳуриявӣ дар охири соли 1942 ба Кумитаи радиои умумииттифоқӣ дар баробари фиристандаи фаъоли тамғаи РВ-47 мавриди баҳрабардорӣ қарор додани РНМ кӯтоҳмавҷ бо тавоноии 15 кВт муроҷиат намуд.

Аз миёнаҳои соли 1943 дар ҷумҳурӣ муҳлати радиошунавонӣ аз 13 соату 10 дақиқа то ба 17 соату 27 дақиқа дар як шабонарӯз зиёд карда шуд[2].

Соли 1943 дар кумитаи радио як қатор чорабиниҳо доир ба беҳтар кардани радиошунавонӣ ва тақвияти таъсири он ба одамон доир карда шуд. Дар ин шабу рӯз бо пешниҳод шунавандагони радио барномаҳои радиои умумииттифоқӣ ҳангоми шаб 3 соат зиёд карда шуд (аз соати 24.00 то 03.00). Дар давраҳои ҷанг дар Тоҷикистон редаксияи пахши барномаҳои сиёсии радио ҷойи пешбарандаро ишғол мекард. Барномаҳои он аз рӯйи се самт: сиёсии дастаҷамъона, саноатӣ ва кишоварзӣ пахш карда мешуданд.

Вақти пахши барномаҳои ин редаксия дар соли 1943 то 4 соату 10 дақиқа дар як шабонарӯз зиёд карда шуданд.

Дар тӯли солҳои ҷанг радистҳои Тоҷикистон ба таври шадид ва содиқона кор мекарданд. Ҳамаи захираҳои худро сафарбар намуда, коллективи шабакаи радиои Душанбе радиоузели нави шаҳриро бо 2500 ватт ва якчанд ҳазор нуқтаи радио насбу роҳандозӣ намуданд. Дар як қатор ноҳияҳои ҷумҳурӣ низ радиоузелҳои нав насб карда шуда буданд.

---

[1]Моргунов А.И. Мобилизующая роль таджикского радио в годы Великой Отечественной Войны (I94I-I945 гг.). – С.141-146

[2]Ҳисоботи фаъолияти радиоузели ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.25. – В.1-13.

Барои мисол, агар соли 1940 аз 72 ноҳияи ҷумҳурӣ 48-тоаш радиофикатсия шуда бошад, пас то миёнаҳои соли 1944 дар хонаи аҳолии 62 ноҳияи ҷумҳурӣ радио насб карда шуда буд. Дар ин давра инчунин теъдоди радиоузелҳо аз 45 адад то ба 68 адад ва нуқтаҳои радио бошад аз 12611 адад то 18865 адад расид. Тайи солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ноҳияҳои ба монанди Панҷ, Даштиҷум, Данғара ва Ҷиргатол радиофикатсия карда шуданд[1].

То оғози соли 1944 гидроистгоҳҳо дар ноҳияҳои Қизилмазор ва Сарихосор пайдо шуданд[2]. Сарфаи солонаи бензин ва маводи сӯзишворию молиданӣ 55 тоннаро ташкил медод.То охири ҷанг 59 адад радиоузелҳо барномаҳои худро мебурданд, аз инҳо 44-тоаш дар деҳот бо тавоноии 5599 ватт буданд. Нуқтаҳои радио дар он замон 18138 ададро ташкил медод, ки аз ин миқдор 6747 адади он дар деҳот қарор доштанд. Соли 1945 ШКХ-и ИҶШС дар бораи ид кардани рӯзи радио (7 май) қарор баровард, ки то имрӯз побарҷост ва ҳар сол коркунони соҳаи радио ин ҷашнро хеле пуршукӯҳ истиқбол мекунанд. Дар солҳои баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) радиои тоҷик хеле инкишоф ёфт ва Ҳукумати ҷумҳурӣ барои инкишофи минбаъдаи радио тадбирҳои амалӣ меандешид. Солҳои 50-уми қарни XX бошад, дар радиои тоҷик дигаргуниҳои фараҳбахш рӯй доданд. Антенаҳои самтнок, мавҷҳои кӯтоҳ ва метрӣ ба кор андохта шуданд. Дар театри опера ва балети ба номи устод С. Айнӣ нуқтаи интиқоли мавҷҳо ба кор шурӯъ кард. Барномаҳои радио ба воситаи магнитафонҳои ғайрисайёр ва репортёрӣ сабт мешуданд. Ин имкон медод, ки сифати садои барномаҳо беҳтар шаванд.

Соли 1946 шуъбаи маданӣ-равшаннамоии ноҳияи Қубодиён барои чойхона як радиоприёмник ҷудо карда буд, вале колхозчиён аз он

---

[1]Ҳисоботи солонаи истеҳсолӣ дар соли 1946 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.4. – П.16. – В.9-23.
[2]Ҳисоботи фаъолияти радиоузели ноҳияи Қизилмазор дар соли 1944 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.10. – В.1-127.

истифода бурда наметавонистанд, чунки раиси колхоз рафиқ Ӯзбеков радиоприёмникро дар хонаи худ гузошта буд[1].

Дар солҳои 50-уми қарни XX тавоноии радиоузелҳо дар қаламрави ноҳия даҳҳо маротиба афзуд. Радиоузелҳои транслятсионӣ акнун дар колхозҳо, совхозҳо, дар корхонаҳои саноатӣ насб карда шуданд. Дар ноҳияи Кӯлоб аввалин шуда, дар колхози ба номи Сталин (ҳоло ба номи Амиршоев) соли 1952 радиоузел насб карда шуд. То моҳи майи соли 1952 ба 17 колхози вилоят радио кашида шуд[2].

Соли 1950 дар вилояти Кӯлоб 12 радиоузели амалкунанда мавҷуд буд, ки онҳо ба тамоми таҷҳизоти зарурӣ муҷҷаҳазонида шуда буданд, ки радиошунавонии маҳаллиро таъмин мекарданд.[3] Аксари радиоузелҳо бо дастгоҳҳои ҷадидтарин муҷаҳҳазонида шуда буданд. Ба ғайр аз ин, дар ҳар як колхоз даҳҳо радиоприёмникҳо мавҷуд буданд. Соли 1950 вилоят ба дастовардҳои назаррас дар ин соҳа ноил шуда буд. Ба ғайр аз репродукторҳои маҳаллӣ дар ҳар як оила, радиоприёмник, транзитор, телевизионҳо бо тасвирҳои сиёҳу сафед мавҷуд буданд.

Нахустин радиоузел дар ноҳияи Муъминобод соли 1950 ба кор даромад[4]. Радиоузел бо ташаббуси Б. Раҷабов, Н. Каримов, Ҷ. Маҳмудов таъсису тармим карда шуд. Ҳар ҳафта як маротиба диктор Ҷ. Маҳмудов ба воситаи радио эълону хабарҳоро мешунавонид. Дар муқоиса ба соли 1950 даромади колхозҳои ноҳияи Чӯбек (Ҳамадонӣ) 3,5 маротиба афзуданд[5]. Радиофикатсия ва телефонизатсияи деҳаҳо анҷом дода шуда буданд[6].

---

[1]Ҳисоботи фаъолияти радиоузели ноҳияи Қубодиён дар соли 1946 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.147. – В.23-28; Радиосвязь в животноводческих совхозах // Коммунист Таджикистана. – 1946. – 6 нояб.

[2]Яровая З. Слушая позывные // Кулябская правда. – 1982. – 7 мая.

[3]Ҳамон ҷо.

[4]Ҳисоботи фаъолияти радиоузели ноҳияи Муъминобод дар соли 1950 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.50. – В.26-30.

[5]Копельчук К. Там, где были тугайные заросли // Коммунист Таджикистана. – 1957. – 16 окт.

[6]Ҳамон ҷо.

Ҳанӯз дар соли 1953 дар мамлакат се адад марказҳои телевизионӣ амал мекарданд, ки теъдоди онҳо ба 120 адад расида буд[1].

Соли 1957 дар Душанбе кормандони радио сабти садои стереофониро ба роҳ андохтанд. Соли 1959 студияи телевизион ба кор шурӯъ кард, дастгоҳ ва таҷҳизоте гузошта шуда буд, ки сабти мавҷҳои радиоро содда ва дар айни ҳол хеле баландсифат мегардониданд.

Теъдоди нуқтаҳои радио то 20 ҳазор адад, аз он ҷумла дар деҳот то 7000 адад афзоиш ёфтанд.

**Таблитсаи №1. Шумораи афзоиши нуқтаҳои радиотранслятсионӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон (воҳид)**

| № | Шаҳру ноҳияҳо | 1938 | Ба 1.07.1944 | 1953 | 1963 |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Қӯрғонтеппа | 549 | 740 | 3234 | 9286 |
| 2. | Кӯлоб | 119 | 608 | 678 | 1912 |
| 3. | Ёвон | 37 | 44 | - | - |
| 4. | Норак | - | 27 | - | 223 |
| 5. | Куйбишев | 105 | 166 | 655 | 6707 |
| 6. | Шаҳритӯс | 105 | 194 | 910 | 9068 |
| 7. | Панҷ | - | 292 | 1717 | 6997 |
| 8. | Колхозобод | 294 | 240 | 1157 | 6449 |
| 9. | Данғара | - | 70 | 500 | 3262 |
| **Ҷамъ:** | | 1209 | 2381 | 8851 | 43904 |

Дар совхози «Қабодиён» - и ноҳияи Микоянобод қаблан барои ирсоли мавод автомобил, ё савора ва ё шахси хабаррасон лозим буд. Баъдтар бошад, дар хоҷагӣ радиостансия муколамаи дуҷониба арзи вуҷуд ва кор кардан осон шуд[2].

Соли 1954 дар ноҳияи Восеъ, масалан дар узелҳои колхозӣ 104 нуқтаи радио мавҷуд буд ва дар соли 1964 ин рақам ба 3539 адад расид, дар ноҳияи Шаҳритӯс бошад, аз 239 то 8383 нуқта афзоиш ёфтааст. Дар ноҳияҳои Москва (ҳоло Ҳамадонӣ) ва Куйбишев (н. А. Ҷомӣ) бошад, дар соли 1953 дар радиоузелҳои колхозӣ ягон нуқта вуҷуд надошт ва то соли 1963 миқдори онҳо дар ҳар як ноҳия то ба 4000 адад расид.

---
[1]День радио // Коммунист Таджикистана. – 1966. – 7 мая.
[2]Ҳисоботи фаъолияти радиоузели ноҳияи Қубодиён дар соли 1946 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.147. – В.23-28; Радиосвязь в животноводческих совхозах // Коммунист Таджикистана. – 1946. – 6 нояб.

Соли 1957 Кумитаи давлатии радиошунавонӣ ва телевизиони назди Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон таъсис дода шуд. Вай аз соли 1962 ба Кумитаи давлатии Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон оид ба радиошунавонӣ ва телевизион табдил ёфт. Дар соли 1959 корҳои равшаннамоӣ-маданӣ хеле беҳтар карда шуд. Умуман, дар ноҳияи Қӯрғонтеппа 25 чойхонаи сурх, 11 китобхона, 10 қироатхона ва 16 клуб мавҷуд буд, ки дар як қисми онҳо кор мувофиқи талаби омма ташкил карда шуда буд[1].

Дар асоси Қарори Ҳукумати Тоҷикистон сохтмони РРЛ Душанбе - Кӯлоб дар солҳои 1960-1962 ба анҷом расонида, ба истифода дода шуд[2].

Соли 1962 ба редаксияҳои радио ва телевизион зиёда аз 15 ҳазор мактуб омада расида буд, ки ин нисбат ба соли 1961 хеле зиёд буд[3].

Дар ноҳияҳое, ки радиофикатсия пурра гузаронида шуда буд, дар соли 1964 ба 100 нафар аҳолӣ нуқтаи радио ба таври зайл дар ноҳияи Восеъ – 9,7, Куйбишев – 9,2, Панҷ -12,3, Шаҳритӯс – 13,1 рост меомад.

**Таблитсаи №2. Ҷараёни зиёдшавии радиоприёмникҳо, телевизорҳо ва нуқтаҳои радиотранслятсионӣ дар солҳои 1924-1964 дар ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон (воҳид)**

| Солҳо | Радиопри-ёмникҳо | | Телевизорҳо | | Шумораи нуқтаҳои радиотранслятсионӣ | | Аз он ҷумла радионуқтаҳо дар деҳот | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Дар ҷумҳурӣ | Дар Хатлон | Дар ҷумҳурӣ | Дар Хатлон | Дар ҷумҳурӣ | Дар Хатлон | Дар ҷумҳурӣ | Дар Хатлон |
| 1924 | 3 | | - | | - | | - | |
| 1929 | 20 | 8 | - | | 87 | 32 | - | |
| 1933 | 270 | 85 | - | | 2368 | 450 | 1200 | 140 |
| 1937 | 262 | 74 | - | | 6606 | 1160 | 2600 | 250 |

[1]Кори маданӣ-равшаннамоӣ боз ҳам беҳтар карда шавад // Большевики Қӯрғонтеппа. – 1949. – 10 март.
[2]Медведев Н.И. Становление и развитие радио и телевидения в Таджикистане. – С.79.
[3]Шарифов В. Аслиҳаи тавонои тарбияи коммунистии меҳнаткашон // Коммунисти Тоҷикистон. – 1963. – №4. – С.23-27.

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1940 | 327 | 89 | - | | 17000 | 3780 | 5377 | 380 |
| 1944 | - | - | - | | 18138 | 3950 | 6747 | 420 |
| 1950 | 18000 | 2450 | - | | 35000 | 7650 | 14000 | 3050 |
| 1955 | 81000 | 18400 | - | | 68000 | 12500 | 49000 | 11500 |
| 1958 | 130000 | 31500 | 300 | 55 | 131000 | 15600 | 81000 | 19500 |
| 1959 | 148000 | 32450 | 2000 | 320 | 145000 | 25600 | 93000 | 22500 |
| 1963 | 232100 | 45500 | 40600 | 980 | 179700 | 35600 | 125400 | 28500 |
| 1964 | 257700 | 46700 | 51000 | 10500 | 194022 | 41560 | 137014 | 31600 |

Тавоноии радиоузели ш. Қӯрғонтеппа то ба 10 кВт ва радиоузели ш. Кӯлоб бошад, то 5 кВт афзоиш ёфт[1].

Аз соли 1959 то соли 1964 281 адад колхоз радиокунонӣ шуда, 65380 адад нуқтаҳои нави радиоӣ дар хонаҳои колхозчиён насб ва 128300 приставкаҳои оҳану бетонӣ ва 58000 пояҳо омода ва насб карда шуда буданд[2].

Дар аввали соли 1959 дар ҷумҳурӣ бештар аз 700 ҳазор радиоприёмник ва телевизор мавҷуд буд ва баъдтар ҳар як оила соҳиби нуқтаи радио, приёмник ва ё телевизор шуданд[3].

Шабакаи радиотранслятсионӣ сол аз сол меафзуд. Дар шаҳрҳои Душанбе, Ленинобод (Хуҷанд), Конибодом, Қӯрғонтеппа (Бохтар) ва Орҷоникидзеобод (Ваҳдат) дастгоҳи радиошунавонии се барномавӣ гузошта шуд, ки ин ба соҳибони нуқтаҳои радио имконият медод бо ёрии баландгӯяки махсус ҳама барномаро шунаванд.

Соли 1959 Маркази телевизион Душанбе мавриди истифода қарор дода шуд. Акнун телесентри пойтахт ба ғайр аз водии Ҳисор пахши барномаҳоро барои водиҳои Вахшу Ёвон, гурӯҳи ноҳияҳои Кӯлоб, Норак анҷом медиҳад[4]. Ба ғайр аз ин, барномаи телестудияи Тошкандро сокинони

[1]Ҳисоботи фаъолияти радиоузели ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.36. – В.1-16.
[2]Кабиров Ҳ. Инкишофи воситаҳои алоқаи ҷумҳури дар панҷсолаи нав // Коммунисти Тоҷикистон. – 1971. – №8. – С.16-20.
[3]История культурного строительства. – С.19.
[4]Сайко В. Большие перемены // Коммунист Таджикистана. – 1964. – 20 нояб.

вилояти Ленинобод тавассути ретранслятори Шуроб тамошо мекунанд. Дар ҳоли ҳозир хатти радиорелеӣ дар масири Душанбе-Тошканд сохта шуда истодааст, ки пас аз ба кор даровардани он пахши барномаҳои Москва ва ҷумҳуриҳои Осиёи Мина имконпазир хоҳад шуд.

Радио ва телевизион ба таври уствор ба маишати аҳолии ҷумҳурӣ ворид шудааст. Аллакай имрӯз дар ҳар як оилаи деҳотӣ радиоприёмник ва ё репродуктор мавҷуд мебошад. Дар ҳоли ҳозир дар ҷумҳурӣ бештар аз 470 ҳазор нуқтаҳои радиои радиоприёмник ва телевизион вуҷуд дорад, яъне ба ҳисоби миёна дар ҳар кадом оила як нуқтаи радио мавҷуд мебошад. Вазифа гузошта шудааст, ки ба ҳар як колхоз кӯмак расонида шавад, ки радиоузели худро ташкил намояд[1].

Дар солҳои 1960-1962 РРЛ Душанбе-Кӯлоб сохта ба истифода дода шуд[2].

Дар соли 1963 ба аҳолии ҶШС Тоҷикистон даҳҳо узелҳои радиошунавонӣ хизмат мерасониданд, ки қариб 170 ҳазор нуқтаҳоро дарбар мегирифт. Меҳнаткашон зиёда аз 90 ҳазор приёмникҳо доштанд. Ҳаҷми кори якшабонарӯзии радиои Тоҷикистон 24,6 соат буда, шунавонидан бо се барнома ба амал бароварда мешуд.

Шабакаи радиои вилояти Хатлон асосан баъди ҷанг тараққӣ кард ва шабакаи радиоавтоматҳо афзуда, дар деҳот қариб 80 истгоҳ амал карда, ба ҳамаи Шуроҳои қишлоқи вилоят сими радио кашида шуда буд.

Сими радиоро дар вилояти Хатлон дар шароити ниҳоят вазнин кашидан лозим омад, зеро роҳи он аксаран қад-қади шаху харсангҳо, аз болои баландтарин кӯҳу ағбаҳо (дар баландии зиёда аз 4 ҳазор м аз сатҳи баҳр) мегузашт.

Соли 1964 ҳуҷҷатҳои тарроҳию харҷномавӣ таҳия шуда, қарордодҳо баста шуда ва корҳо оид ба радиошунавонӣ ва телефонкашии колхозҳои ҷумҳурӣ ба маблағи наздики як миллион рубл бурда шуданд. Наздики

---

[1]Сайко В. Большие перемены // Коммунист Таджикистана. – 1964. – 20 нояб.
[2]Медведев Н.И. Становление и развитие радио и телевидения в Таджикистане. – С.80.

15000 нуқтаҳои радиоӣ дар хонаҳои колхозчиён насб шуда ва 18 радиоузел ва ҳамин миқдор истгоҳҳои телефонии автоматӣ дар колхозҳо бо зарфияти аз 50 то 150 рақам сохта ба истифода дода шуданд. Хатти радиошунавоӣ дар колхози ба номи «Москва»-и ноҳияи Ҷиликӯл (н. Дӯстӣ) ба маблағ 91000 рубл сохта ба истифода дода шуд[1].

Ба оғози соли 1964 дар 49 радиоузел дастгоҳи РДПК – 30, ки бидуни хизматрасонии шахс кор мекунад, насб карда шуданд. Ин радиоузели автоматикунонидашударо дар деҳот ва маконҳои аҳолинишин, муҳандис Г.Н. Ефимов дар асоси дастгоҳи шакли радиоузели ш. Душанбе сохта ва ин кори худро ба муносибати 40-солагии ҶШС Тоҷикистон бахшидааст.

Соли 1964 дар ҷумҳурӣ 264 радиоузел мавҷуд буд. Тавоноии радиоузелҳо бештар аз 205 ҳазор ваттро ташкил дода, тӯли хатҳои радиошунавоӣ бошад, бештар аз 6000 км-ро ташкил медоданд. Миқдори нуқтаҳои радио 194 ҳазор буда, аз он ҷумла дар деҳот 137,1 ҳазор ададро ташкил медод. Миқдори радиоприёмникҳо бештар аз 257 ҳазор ва телевизорҳо бошад, 51 ҳазорро ташкил медод[2].

Миқдори нуқтаҳои радиошунавоӣ, радиоприёмникҳо ва телевизорҳо бештар аз 500 ҳазорро ташкил доданд, дар сурате, ки солҳои 30-юми қарни ХХ бошад, теъдоди онҳо 2,6 ҳазор ададро ташкил медод, яъне 200 маротиба афзоиш ёфтааст.

Дар Тоҷикистон дар соли 1966 радиошунавонӣ ба 60 забони халқҳои ИҶШС ва бештар аз 50 забони ҷаҳонӣ амалӣ карда мешуд. Ҳаҷми радиошунавонӣ дар кишвар бештар аз 1000 соат дар шабонарӯзро дар бар мегирифт[3].

Дар соли 1966 радиои тоҷик радиошунавониро 26 соат дар шабонарӯз бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ ва форсӣ амалӣ мекард. Дар ҷумҳурӣ 255 адад радиоузел, 208 ҳазор нуқтаи радио мавҷуд буда, меҳнаткашон дар

---

[1]Ҳисоботи фаъолияти радиоузели ноҳияи Ҷиликӯл // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.32. – В.16-20.
[2]Ҳисоботи солонаи истеҳсолӣ дар соли 1964 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.8. – П.18. – В.8-16.
[3]День радио // Коммунист Таджикистана. – 1966. – 7 мая.

истифодаи шахсии худ бештар аз 275 ҳазор радиоприёмник ва бештар аз 75 ҳазор телевизон доштанд[1].

31 январи соли 1966 дар Иттиҳоди Шуравӣ ба тарафи Моҳ истгоҳи автоматии «Луна-9» фиристонида шуда буд. Истгоҳи мазкур 3 феврали соли 1966 ба Моҳ фуруд омад. Якумин маротиба дар таърихи инсоният асбобҳои гуногуни техникӣ ба сайёраи дигар фуроварда шуданд ва нахустин бор дар ҷаҳон хатти радиоалоқаи Моҳ – Замин ба кор даромад, ки бо ёрии он маълумотҳои муҳимми илмӣ доир ба Моҳ ба даст оварда шуд[2].

Аз соли 1967 ба ин тараф бо қарори Ҳукумат Рӯзи радио ҳамзамон иди коркунони ҳамаи соҳаи алоқа низ ҳисобида мешавад[3].

Соли 1967 радиои умумииттифоқӣ радиофестивали шашуми ҷашнӣ ва аз ҳама муҳимми ҷумҳуриҳои шӯравиро доир кард. Ин радиофестивал ба 50-солагии Октябри бузург бахшида шуда буд ва то 2 июли соли 1967 идома ёфт[4]. Дар таърихи 15-уми майи соли 1967 аз тариқи радиои Умумииттифоқӣ барномаи васеи гуногунҷанбаи ҶШС Тоҷикистон, ки аз тарафи коркунони радиои ҷумҳуриявӣ дар якҷоягӣ бо фаъолони барнома таҳия карда шуда буд, пахш карда шуд[5].

Радистҳои Тоҷикистон кори қатънопазири радиоузелҳо ва фиристандаҳоро таъмин намуда, ба таври доимӣ аз болои кори нуқтаҳои ретранслятсионӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, дар манзилҳои меҳнаткашон ва бавежа бемористонҳои низомӣ назорат мебурданд. Кори хеле муҳим ҷиҳати тақвияти васли радиоузелҳо ва радиостансияҳо ба гидроистгоҳҳои маҳаллӣ буд.

Дар охири соли 1968 дар ИҶШС 112,3 млн нуқтаи қабул аз он ҷумла 41,0 млн нуқтаҳои пахши мавҷҳои радиоӣ мавҷуд буд. Бояд қайд кард, ки

---

[1]Ҳамон ҷо.
[2]Медведев Н.И. Становление и развитие радио и телевидения в Таджикистане. – С.86.
[3]Открытие почтового агентсва на Арале // Советский Таджикистан. – 1930. – 24 мая.
[4]В эфире Таджикистан // Коммунист Таджикистана. – 1967. – 13 май.
[5]Ҳамон ҷо.

марказҳо ва ретранслятсияҳои телевизионӣ, аз он ҷумла 243 марказҳои телевизионӣ ва ретранслятсияҳои калони телевизионӣ амал мекарданд. Дар ИҶШС теъдоди телевизорҳо – 26,8 миллионро ташкил медоданд[1].

Соли 1970 дар шаҳрҳои Душанбе, Ленинобод (Хуҷанд), Қӯрғонтеппа (Бохтар), Калининобод (Левакант) ва Орҷоникидзеобод (Ваҳдат) дастгоҳҳое гузошта шуда, кор мекарданд, ки дар як вақт се барномаро қабул менамуданд[2].

Дар шабакаҳои радиошунавонии себарномавӣ бештар аз се ҳазор нуқтаи радиоқабулкунӣ гузошта шуда буд. Ин навъи радиошунавонӣ торафт васеъ мегашт ва дар оянда шумораи нуқтаҳои радиоқабулкунӣ боз ҳам зиёд гардид.

Дар солҳои 70-уми асри XX нақши радиошунавонӣ ҳамчун воситаи тавонои тарбияи меҳнаткашон, тарғиботчии сиёсати давлат, манбаи ахбороти фаврӣ ниҳоят баланд гардид. Ҳаҷми умумии радиошунавонии шуравӣ, аз ҷумла, радиошунавонии марказӣ, маҳаллӣ ва барои мамлакатҳои хориҷӣ дар як шабонарӯз тақрибан 1500 соатро ташкил медод. Барномаҳои радио бо 127 забони халқҳои ИҶШС ва ҷаҳон шунавонида мешуд.

Соли 1970 сохтмони хатти радиорелей ба сӯйи Ёвон ва Норак давом дода шуд.

Дар иҷрои вазифаҳои бузурги панҷсолаи нав (с.1971-1975) нақши алоқа басо калон аст. Бинобар ин Директиваҳои анҷуман дар асоси истифода бурдани воситаҳои навтарини техникӣ минбаъд тараққӣ додани алоқа, радио ва телевизионро низ пешбинӣ мекунанд[3].

---

[1]Ежегодник. Большой Советской энциклопедии. 1969 г. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – С.78.

[2]Гаврилин И. Пешрафти воситаҳои алоқа // Тоҷикистони Шӯравӣ. – 1970. – 7 май.

[3]Кабиров Ҳ. Инкишофи воситаҳои алоқаи ҷумҳури дар панҷсолаи нав // Коммунисти Тоҷикистон. – 1971. – №8. – С.16-20.

То охири соли 1970 миқдори нуқтаҳои радиоӣ 750300 адад афзоиш ёфт, аз он ҷумла, радиоприёмникҳо 380000 ва телевизорҳо бошад, 135000 ададро ташкил медоданд[1].

Дар шаҳри Кӯлоб дар солҳои 70-уми асри XX қариб 2,5 ҳазор нуқтаи радио ва 1600 нуқтаи телефон мавҷуд буд, меҳнаткашони шаҳру ноҳияи Кӯлоб метавонистанд ҳар вақт бо ҳар кадом шаҳр ва мавзеъҳои аҳолинишини мамлакат бо телефон гап зананд[2].

Дар Тоҷикистон фурӯши мол зиёд шуда, базаи моддию техникии савдо тараққӣ кард, афзоиши молҳои рӯзгор аз қабили телевизор, радиоприёмникҳо ва ғайра калон буд. Соли 1971 тавассути савдои давлатӣ ва кооперативӣ назар ба соли 1958 ба аҳолӣ 3,2 баробар радиоприёмнику радиолаҳо, зиёда аз 2 баробар телевизорҳо фурӯхта шуданд[3].

Дар соҳаи телевизион пешбинӣ шуда буд, ки шумораи ретрансляторҳои телевизион аз 13-тои соли 1970 дар соли 1975 ба 20-то расонда шавад, ки дар натиҷа бештар аз 90 фоизи аҳолии ҷумҳурӣ барои тамошо кардани намоишҳои телевизион имконият пайдо кунанд.

Дар панҷсолаи ҳаштум (с.1971-1975) хатти радиорелеи Душанбе – Айнӣ сохта шуда, сохтмони хатти радиорелеии Душанбе – Норак – Ёвон то 7 ноябри соли 1971 ба охир расонида мешавад. Дар ҷумҳурӣ дар ҳамин панҷсола намоиши телевизионии ранга низ инкишоф меёбад[4].

Соли 1972 солгарди 77- умини Рӯзи радио бо санаи таърихӣ – ҷашни 50-солагии ИҶШС рост омад.

Бояд қайд кард, ки соли 1972 дар ИҶШС 126 барномаи марказии телевизионӣ мавҷуд буд.

---

[1]Фармонҳо ва қарорҳои Вазорати алоқаи ҶТ дар соли 1970 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.12. – В.27-28.
[2]Бекматов М. Симои нави Кӯлоби бостонӣ // Кит.: Шаҳрҳои мо. – Душанбе: Ирфон, 1974. – С.64.
[3]Хоҷагии халқи Тоҷикистон дар соли 1971. –С.163; Раҳматуллоев А., Мухторов С. Очеркҳои таърихи Тоҷикистони Советӣ. – Душанбе: Маориф, 1989. - С.256.
[4]Кабиров Ҳ. Инкишофи воситаҳои алоқаи ҷумҳури дар панҷсолаи нав // Коммунисти Тоҷикистон. – 1971. – №8. – С.16-20.

Соли 1973 дар пояи ноҳияҳои Даштиҷум, Муъминобод, Шурообод, ноҳияи нави Ленинград таъсис ёфт. Аз 5 сентябри соли 1974 бошад, нашрияи нави чопии ноҳияи навбунёд - рӯзномаи «Субҳи меҳнат» нашр гардида, радиои маҳаллӣ низ ба кор оғоз намуд[1].

Дар солҳои 1970-1980 теъдоди нуқтаҳои радио яку-якбора афзуд аз ҳисоби 200 нуқтаи радиоӣ барои 1000 нафар аҳолӣ дар шаҳрҳо ва 160 нуқтаи радиоӣ дар деҳот афзуд, ба он хотир, ки ҳар як хонавода ба ғайр аз дигар имконоти радиоӣ нуқтаи радиошунавоиро дар хонаи худ дошта бошад.

Дар давраи панҷсола афзоиши нуқтаҳои радио 31000-ро ташкил дод, аз он ҷумла дар деҳот 24800 адад.

Теъдоди нуқтаҳои радио аз 274,3 ҳазор адад дар соли 1970 ба 561,0 ҳазор адад дар соли 1980, аз он ҷумла, дар деҳот аз 191,1 ҳазор то ба 244,6 ҳазор адад расид.

Ҳамаи радиоузелҳои колхозҳо бо теъдоди 120 ҳазор нуқтаи радиоӣ барои хизматрасонӣ аз тарафи Вазорати алоқа пазируфта шуданд.

Афзоиши ҳамасолаи ҳаҷми маҳсулот мутобиқ ба алоқаи дохилиноҳиявӣ аз соли 1966 то соли 1970 ва солҳои минбаъда низ 8 %-ро ташкил дод, яъне то соли 1980 ҳамасола ба андозаи 9 % афзоиш ёфт. Теъдоди умумии радиоустановкаҳо аз 750300 адад дар соли 1970 то 950300 адад дар соли 1980 афзоиш ёфт[2].

Соли 1971 Комитети давлатии Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон оид ба телевизион ва радиошунавонӣ, соли 1978 Комитети давлатии ҶШС Тоҷикистон оид ба телевизион ва радиошунавонӣ ном гирифт[3].

Дар ҷумҳурии мо воситаҳои алоқа, радио ва телевизион бо суръати баланд инкишоф меёбанд. Дар солҳои 70-уми асри XX дар Тоҷикистон 310 адад радиоузелҳо, ки ба 247 ҳазор нуқтаи радио хизмат мерасонанд, мавҷуд

[1]Ғоибов Ғ., Азизов М., Ҳасанов Н. Муъминобод: 80 сол. – С.243-245.
[2]Фармонҳо ва қарорҳои Вазорати алоқаи ҶШСТ дар солҳои 1970-1980 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.12. – В.27-28.
[3]Фармонҳо ва қарорҳои Вазорати алоқа дар соли 1978 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.5. – П.4. – В.16.

буд. Меҳнаткашон миллионҳо дастгоҳҳои радиоприёмник ва телевизион доштанд.

Дар давоми панҷсолаи нуҳум (с. 1976-1980) дар ҷумҳурӣ боз 60 ҳазор нуқтаи радио насб ва то охири панҷсола теъдоди нуқтаҳои радио ба 321 ҳазор адад расонида шуд. Дар ҷумҳурӣ то соли 1975 миқдори умумии радиокунонӣ ба як миллион расонда шуд ва ба ҳар 100 кас ба ҷойи 25-то гузоштани радио 34-то радио рост меомад. Ғайр аз он, дар солҳои панҷсола дар 400 қишлоқ радио гузаронида, дар ин давра 60 радиоузели нав сохта шуд.

Соли 1980 сокинони водии Вахш ва гурӯҳи ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб аввалин маротиба барномаҳои телевизиони маркази Россияро тамошо хоҳанд кард. Ба кор даровардани хатҳои коаксиалӣ, кабелӣ ва радиорелейӣ имкон дод, то ки дар оянда минтақаи қабули барномаҳои телевизионии Россия хеле васеъ гардад.

Ҳаминро қайд кардан лозим аст, ки дар давоми нимсолаи якуми соли 1981 дар хонаҳои аҳолии ҷумҳурӣ 4202 телефон гузошта, 6379 нуқтаи радио гузаронида шуда буд[1].

Воситаҳои алоқаи Тоҷикистон дар соли 1981 ин телевизион, радио, телеграф, алоқаи телефонӣ дар деҳот, шаҳр ва байни шаҳрҳо, қабул кардан ва ба ҷояшон расондани мактубу дигар чизҳои бо почта фиристода мешудагӣ буданд. Дар бораи миқёси соҳа рақамҳои зерин шаҳодат медиҳанд: коркунони алоқаи ҷумҳурӣ соле якуним миллиард мактуб ва дигар чизҳои ба воситаи почта равонашавандаро қабул намуда, ба ҷойҳои даркориашон расониданд[2]. Соли 1981 800 муассисаи алоқа ва 450 дӯкони «Союзпечат» кор мекард. Ҳар сол тресте «Тоҷикалоқасохтмон» ба маблағи панҷ миллион сӯмина корҳои пудратиро ба ҷо меовард. Барои абонентҳо дар бадали як сол тақрибан 12 миллион гуфтугӯи байнишаҳрӣ барпо карда,

[1]Фармонҳо ва қарорҳои Вазорати алоқа дар соли 1981 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.4. – П.18. – В.21.
[2]Попов Д. Ба дараҷаи талаботи замони ҳозира // Агитатори Тоҷикистон. – 1981. – №14. – С.2-4.

зиёда аз нуҳ миллион телеграмма қабул намуда ва расонида мешуданд. Вазни умумии онҳо соли 1980 аз 120 ҳазор тонна зиёдтар буд[1].

Умуман, татбиқи тадбирҳои пешбинишуда барои 5,8 фоиз афзудани ҳаҷми маҳсулоти алоқа имконият дод. Дар баробари ин ҳосилнокии меҳнати коркунони алоқа 12 фоиз зиёд гардид[2].

Алоқачиён ба истиқболи 70-солагии Инқилоби Октябр (с.1987) тайёрӣ дида, азми қатъӣ намуданд, ки уҳдадориҳои сотсиалистии ба шарафи ҷашн гирифтаашонро иҷро намуда, супоришҳои нақшаи панҷсолаи дувоздаҳумро пеш аз муҳлат ба ҷо оваранд.

Аз рӯи ҷамъбасти панҷсолаи дувоздаҳум (с.1986-1990) зиёда аз 90 коркуни алоқаи ҷумҳурӣ бо мукофотҳои олии ҳукумат сарфароз гардонда шуданд. Даҳҳо алоқачиён соҳиби унвони «Соҳибихтисоси беҳтарин» гардиданд. Номҳои бисёр пешқадамони истеҳсолот ба Китоби фахрии Вазорати алоқаи ИҶШС ва Вазорати алоқаи ҶШС Тоҷикистон сабт гардид.

Соли 1987 320 ҳазор нуқтаи радио мавҷуд буда, 322 радиоузел амал мекард, мардуми бисёр марказҳои шаҳру ноҳияҳо гуфторҳои се барномаи радиоро мешунавиданд[3].

Коркунони дастгоҳи Вазорати алоқа ба он ҷаҳд доштанд, ки соҳаро аз 1 январи соли 1988 ба дараҷаи олии хоҷагидорӣ - ба ҳисоби хоҷагӣ, аммо аз рӯи принсипи худхароҷотбарорӣ ва худмаблағдиҳӣ гузаронанд. Супоришҳо аз нав дида баромада шуда, доир ба афзоиши даромади тарифӣ дар солҳои боқимондаи панҷсолаи дувоздаҳум дар ҳаҷми зиёда 5 миллион сӯм нақшаҳои иловагӣ қабул карда шуданд[4].

Як қатор тадбирҳои дигаре низ андешида шудаанд, ки онҳо муҳлати аз телеграммадиҳанда ба телеграммагир расидани телеграммаро кӯтоҳ карданд. Дар ҷумҳурӣ алоқаи радиоӣ ва кабелӣ, ки асоси алоқаи телефонии

---

[1]Ҳамон ҷо. – С.2-4.
[2]Ҳамон ҷо. – С.2-4.
[3]Попов Д. Бубин тафовути роҳ // Агитатори Тоҷикистон. – 1987. – №12. – С.5-7.
[4]Ҳамон ҷо.

байнишаҳриро ташкил медиҳад, хеле тараққӣ карда буд. Вақтҳое буданд, ки барои бо Москва гуфтугӯ кардани сокинони ҷумҳурӣ ҳафтаҳо лозим мешуданд, баъдтар бошад, абонентҳои 17 маркази ноҳиявӣ ва се маркази вилоятӣ имконияти аз алоқаи телефонии автоматӣ истифода бурданро доштанд.

Ба шарофати илми шуравӣ, тараққиёти системаи кайҳонӣ бисёр душвориҳои ҷорӣ кардани телевизион бомуваффақият бартараф карда шуданд. Дар Хоруғ ва Душанбе истгоҳҳои қабулкунандаи алоқа тавассути ҳамроҳони сунъӣ сохта шудаанд. Навоварон ва ихтироъкорони Маркази радиои ҷумҳурӣ барои қабули сигналҳои ҳамроҳони сунъӣ антеннаи махсусеро ихтироъ ва ҷорӣ намуданд, ки дар натиҷа сокинони Душанбе, Ленинобод, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа ва як қатор марказҳои ноҳияҳо имконияти тамошо кардани намоишҳои рангаро пайдо карданд. Солҳои 80-ум намоишҳои телевизионро зиёда аз 86 фоизи аҳолии ҷумҳурӣ тамошо мекарданд.

Аз рӯи ҷамъбасти натиҷаҳои панҷсолаи даҳум (с.1981-1985) 115 нафар меҳнаткашони соҳа бо ордену медалҳои ИҶШС мукофотонида шуда, зиёда аз сӣ нафар коркунони алоқа ба гирифтани Ифтихорномаҳо ва Ифтихорномаҳои фахрии КМ ҲК Тоҷикистои ва Раёсати Шурои Олии ҷумҳурӣ мушарраф гардиданд.

Анҷумани XXVI ҳизб дар солҳои ҳаштодум дар назди меҳнаткашони соҳа вазифаҳои калон гузошт ва қисме аз онҳо иҷро шуданд. Дар давоми соли 1981 дар ноҳияи Шаҳртуз истгоҳи телевизионӣ сохта шуд. Ин барои намоиши ду барнома дар ин мавзеъ имконият дод. То охири соли 1981 сокинони ноҳияи Шурободро низ аз барномаи дуюм баҳравар гардиданд.

Радиостансияи «Юност» ба радиомаҷаллаи «Ҷавонӣ» ҳамкориро вусъат медод. Аз барномаҳои мусиқию бадеии «Адабиёт, зодаи Октябр», «Устодони саҳнаи тоҷик», «Сухан ба бастакорон» шунавандагон дар бораи рушди адабиёт ва ҳунар бохабар мешуданд. Дар мавҷи радио суруд ва мусиқиҳои халқӣ, баромади ҳаваскорони санъат ва ансамбли «Гулшан»

садо медод. Барои хурдсолон барномаи ҷолибе бо номи «Субҳи пионерон» омода карда шуда, радиорӯзномаи «Сухани пионер» низ рӯйи кор омад[1].

Радиои маҳаллии ноҳияи Муъминобод асосан аз соли 1974 ба фаъолият сар кард, ки мухбир-ташкилотчии он рӯзноманигор А. Атоев буданд. Сонитар дар радиои маҳаллӣ Р. Бобоев, Р. Табаров кор карданд. Аз соли 1992 фаъолияти он қатъ гашт[2].

Дар Душанбе радиофестивали ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон бо номи «Маякҳои сотсиализм дар Шарқ» ифтитоҳ ёфта буд. Котиби якуми ҲК Тоҷикистон Ҷ.Р. Расулов дар ин фестивал суханронӣ намуда буд[3].

Радиои тоҷик ҷузъи радиои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ буда, дар заминаи он ба вуҷуд омада, инкишоф ёфта, фазои иттилоотии ягона дошта, таърихи ташаккули худро дорад. Аз ин ҷост, ки таърихи ташаккули радиои тоҷик ба инкишофи радиои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ сахт марбут аст. Заминаи пайдоиш ва нуфуз пайдо кардани радиои тоҷик аз ҳамин ҷо маншаъ гирифта, вобаста ба авзои замон ташаккул ва такмил ёфтааст.

Албатта, бо мурури замон ва дар шароити имрӯза радиомаҷаллаистика анъанаҳои худро тағйир медиҳад, принсипҳои ташкилию эҷодии худро дигар мекунад, усулу шеваи кори худ ва технологияи нав ба навро ҷорӣ менамояд. Ин ҳама на танҳо талаби давру замон, балки раванди ҷамъиятӣ ва эҳтиёҷот ба радиои асри навин аст. Мо ба асри XXI ворид гардида, нигоҳамонро ба ин намуди «муъҷиза” - и офаридашуда дигар мекунем. Имрӯз талабот ба радио ба куллӣ тағйир ёфта, шаклҳои гуногуни он ҳарчи бештар таъсис меёбад, ки ин тақозои раванди ҷамъияти демократӣ аст. Агар ба барномаҳои радиои тоҷик назар афканем инро бо тезӣ дарк менамоем. Як барномаи «Хоки Ватан» то чӣ андоза таъсири мусбат ба дилу дидаи гурезагони тоҷик расонид ба ҳама маълум аст.

---

[1]В эфире Таджикистан // Коммунист Таджикистана. – 1967. – 13 май.
[2]Ғоибов Ғ., Азизов М., Ҳасанов Н. Муъминобод: 80 сол. – С.245.
[3]Худайбердиев Х. Радиофестиваль пяти республик // Правда Востока. – 1970. – 11 янв.

Мо ба дирӯзу имрӯзу фардои радиои тоҷик (новобаста ба шаклу намуд, шахсиву расмӣ ва ғайридавлатӣ) бо назари нек нигоҳ намоем, аз бурдаш шоду аз камбудиҳояш сухан ба миён оварем ва сари вақт ислоҳ намоем. Имрӯз дар Тоҷикистон радиоҳои шаклану мазмунан гуногун фазои иттилоотии моро бо барномаҳои гуногуни худ пур кардаанд. Ҳар яке аз онҳо ҷойи худро дар ин фазо доранд. Пешрафт, инкишоф ва тараққии он ба худи созмондиҳанда, коллектив ва кормандону журналистони он вобаста аст. Вақт довари ҳақиқӣ аст, аз ин рӯ радио то куҷо бо сарнавишти халқ расида метавонад, нишон медиҳад.

Моҳи феврали соли 1992 ин Кумита номи Ширкати давлатии телевизион ва радиошунавонӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро гирифт. Моҳи майи ҳамон сол ба Ширкати миллии телевизион ва радио, октябри соли 1992 ба Кумитаи давлатии телевизион ва радиошунавонии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдили ном кард. Моҳи декабри соли 1992 Кумитаи мазкур бо Вазорати фарҳанг муттаҳид гардид. Ин вазорат номи вазорати фарҳанг ва иттилоотро гирифт. Ҳаҷми умумии радиошунавонӣ афзоиш ёфт. Якҷоя бо гуфторҳо барои мамлакатҳои хориҷӣ беш аз 54 соатро ташкил медиҳад. Ҳоло он ки 56 сол муқаддам гуфторҳои радио 7,5 соатро ташкил медод[1]. Радиои Тоҷикистон барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, Афғонистон Покистон, Эрон гуфторҳо пахш мекунад.

Дар коллективи радиои тоҷик то соли 1991 бештар аз 700 нафар журналистону коргардонҳо, ҳамчунин садобардорхо ва коркунони дигари техникӣ, ки намояндагони қавму миллатҳои гуногунанд, фаъолият мекунанд. Ва ҳар кадом дар бобати пахши барномаҳои радиои Тоҷикистон ҳиссаи худро мегузоранд[2].

Имрӯз талабот ба воситаи электронии ахбор, радио ва телевизион хеле баланд аст. Нуфузу мавқеи онҳо дар ҷамъияти имрӯза аз ҳар вақта дида

[1]Саъдуллоев А., Гулов С. Амвоҷи сухан // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2000. – 5 май.
[2]Усмонов И., Давронов Д. Таърихи матбуоти тоҷик. – С.148.

зиёдтар мегардад. Шаклҳои гуногуни радио ва телевизион ба вуҷуд омад. Аз ин рӯ: «Талаботи нави имрӯза ба радио ва телевизион шаклҳои нави шунавониданро ба миён овард: ташаккули пахши мустақим, барномаҳои калони сунъии конструктивии «акнун» гуфтан ҷоиз аст «дар лоиҳаҳо», каналҳои видеоӣ, радиоӣ, қисматҳо ва ғайра»[1].

Радиои тоҷик низ вобаста ба талаботи замон барномаҳои худро мувофиқ мекунад. Дар маҷмӯъ гуфторҳои хубе таҳия ва ба сомеъон пешкаш мекунад. Ин барномаҳо то андозае ба талаботи шунавондагонаш ҷавобгӯ мебошанд. Воқеан ҳам нақше, ки радио дар ҷумҳурии мо бахусус, тӯли солҳои 30-50-60-ум дар мавриди таблиғи тамаддуни асрӣ бозидааст, беандоза бузург мебошад.

Бахусус дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистои нақши радио хеле муҳим аст, зеро матбуоти марказии мо ҳамарӯза нест. На ҳамаи сокинони мамлакат аз телевизиони тоҷик баҳраваранд.

Аз ин рӯ, масъулияти кормандони радиои тоҷик на танҳо ҳамчун расонидани ахбори нав, балки чун таҳлилгарони вазъияти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ ба маротиб афзудааст[2].

Гуфторҳои радио ба ҳашт забон: тоҷикӣ, русӣ, арабӣ, узбекӣ, қирғизӣ, тоторӣ, англисӣ, немисӣ таҳия гардида, ба самъи шунавандагон расонида мешуданд. Дар соли 1990 дар ҷумҳурии мо як миллион нуқтаи радио мавҷуд буд. Аз рӯи маълумоти Вазорати алоқа дар ҳамин сол дар ҷумҳурӣ 360 радиоузел, зиёда аз 400 нуқтаи қабули пахши барномаҳои радио мавҷуд буданд.

Барои омӯхтани коинот ба ғайр аз усулҳои радиоӣ аз телевизион ҳам ба таври васеъ истифода мебаранд. Дар вақтҳои охир барои сабук ва хурд кардани асбобҳое, ки дар радифҳои маснуъ ва киштиҳои кайҳонӣ гузошта мешаванд, аз асбобҳои радиоии нимноқилӣ васеътар истифода мебаранд.

---

[1]Азамов А. Таърихи ташаккули радиои тоҷик. – С.21.
[2]Саъдуллоев А., Гулов С. Амвоҷи сухан // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2000. – 5 май.

Инчунин дар саноати вазнин ҳам аз усулҳои электрорадиотехникӣ ва телевизионӣ васеъ истифода бурда мешавад. Дар вақтҳои охир маълум шуд, ки металлҳоро ба воситаи ҷараёни суръаташон баланд гудохтан мумкин аст, ки ташаббускори он аъзо-корреспонденти Академияи фанҳои ИҶШСВ.П. Вологдин мебошад[1].

Бояд қайд кард, ки соли 1970 ҳангоми ҷашнгирии 100-солагии В.И. Ленин яке аз институтҳои илмӣ-тадқиқотии Москва ва коргарони заводи телевизиони ш. Ленинград, ҳамчун тухфаи арзанда ба сайёҳону геологҳо, моҳидорону шикорчиён, ба онҳое, ки дар кӯҳу биёбонҳо кор мекунанд, телевизиони хурдакаки радиодореро сохта баромаданд, ки он дар ҳақиқат муъҷиза буд. Дар куҷое набошад, аз он барномаи «Маяк» ва барномаи телевизионии Москваро тамошо кардан мумкин буд.

Ҳоло талаботи омма нисбат ба телевизиони ранга калон аст. Дар солҳои наздик дар ҷумҳурии мо ҳам телевизиони ранга ба кор хоҳад даромад, ки он тавассути системаи «Орбита» барномаҳои телевизиони Москваро намоиш медиҳад. Ҳоло бо усули радиоэлектроники чунин асбобҳои мураккабу гуногуне сохта шуда истодааст, ки ташаббускори ҳамаи он муъҷизаҳо олими бузурги рус А.С. Попов буд. Радио ва телевизион ҳамчун аслиҳаи тавоно дар кори васеъ пропаганда намудани ҳуҷҷатҳои таърихии анҷумани XXIV ҲКИШ ва қарори КМ ҲКИШ дар бораи 50-солагии ташкил ёфтани Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ нақши калон мебозад[2].

Барои тараққӣ ва такмил додани воситаҳои алоқа, сохтмон ва азнавсозии онҳо дар панҷсолаи ёздаҳум (с.1981-1985) сарфи 100 миллион сум пешбинӣ шуда буд, ки ин ба тамоми маблағи дар панҷсолаҳои ҳаштум (с.1965-1970), нуҳум (с.1971-1975) ва даҳум (с.1976-1980) харҷшуда баробар аст[3].

---

[1]Эшматов С. Дирӯз ва имрӯзи радио // Комсомоли Тоҷикистон. – 1972. – 7 май.
[2]Ҳамон ҷо.
[3]Ҳамон ҷо.

Аҳолии ҷумҳурӣ дар соли 1981 зиёда аз 840 ҳазор радиоприёмник дошт, ки 200 ҳазораш дар вилояти Хатлон буд, дар Тоҷикистои 328 узели радио амал мекард, ки 115 узели радио дар вилояти Хатлон ҷойгир буд ва зиёда аз 390 ҳазор нуқтаи радио гузаронида шуда буд, ки 130 ҳазор нуқтаи радио ба вилояти Хатлон рост меомад[1].

Аз комёбиҳои меҳнатӣ, ҳаёти меҳнаткашони ҷумҳуриҳои бародарӣ дар мавзӯи силсилабарномаҳои «Мусобиқаи Душанбе — Ашқобод», «Мусобиқаи Душанбе - Фрунзе», «Мусобиқаи Тоҷикистону Ўзбекистон», «Дар ҷумҳуриҳои бародарӣ” инъикос мегардиданд.

Майдони фаъолияти радио ниҳоят калон аст, вазифаи иҷтимоии он низ гуногунанд. Дар соли 1980 ҳаҷми шабонарӯзии радиошунавонии ҷумҳурӣ якҷоя бо Комитетҳои вилоятӣ 33,5 соатро ташкил медод[2].

Радиои тоҷик торафт корашро такмил дода ҳаҷми барномаро афзун намуда, сифати онҳоро беҳтар карда, жанр ва шаклҳои навро ҷорӣ менамояд.

Иншоотҳои ҷашнӣ дар ноҳияи Шурообод 54 ададро ташкил медиҳанд, ки онҳо баҳри ободонии ноҳия то 1 декабри соли 1992 5 миллиону 75 ҳазору 120 сӯм сарф намудаанд[3]. Сохтмони иншоотҳои маъмурӣ, маданӣ-маишӣ идома доранд. Шуъбаи алоқаи ноҳия аллакай дар бинои нав корро сар кард. Дар Даштиҷум сохтмони бинои почта, мактаб, кумитаи иҷроияи шурои қишлоқ, мағоза ва дорухона давом дорад. Хунукназарии роҳбарони ин хоҷагиҳо буд, ки дар совхози Даштиҷум сохтмони идораи совхоз, идораи деҳшуро ва шуъбаи алоқа нотамом монданд[4].

Ҳамасола 7 май Рӯзи радио ва коркунони тамоми соҳаҳои алоқа ботантана қайд карда мешавад. Баробари иди радио, кормандони алоқаи ноҳияи Фархор низ ид доранд[5].

---

[1]Султонов М. Газетаи бекоғазу бе масофа // Тоҷикистони Советӣ. – 1981. – 7 май.
[2]Ҳамон ҷо.
[3]Назиров Т. Номи Терайро ба Хатлон боз машҳур мекунем // Хатлон. – 1992. – 9 янв.
[4]Ҳамон ҷо.
[5]Каримов С. Бо дастовези арзанда // Гулистон. – 1991. – 7 май.

Шуъбаҳои алоқаи “Деҳқонобод” (сардораш Ф. Қурбонов) «Фархор-1» (сардораш Н. Асоев), «Арча» (сардораш А. Ҳасанов), «Марғузор» (сардораш Н. Шораҳматова) фоизи иҷрои нақшаҳои хешро мутаносибан ба 140,5, 141,5, 134, 135 дарсадӣ расониданд, ки ин аз меҳнати пурсамари онҳо шаҳодат медиҳад. Шуъбаи умумии алоқа низ ба ҷои 13,5 ҳазор сӯм ба маблағи 15,1 ҳазор сӯмина хизмат расонд, ки ин иҷрои нақшаро 112,5 фоиз таъмин менамояд[1].

Рӯзномаи «Субҳи меҳнат» -и ноҳияи Ленинград низ ҳамқадами замон аст. Соли 1991 рӯзнома бо номи мухбирони ғайриштатии фаъоли худ Т. Назруллоев, З. Сайтов, И. Ҷабинзода, О. Табаров, Г. Наботова, Қ. Низомова, Ш. Булбулзод, Р. Ҳакимов, Р. Давлатов, Ш. Назаров, О. Раҳимова, Ҳ. Каримов, М. Ғуломов, Қ. Каримов ва боз даҳҳо нафари дигар фахр дорад[2].

Сохтмони узелҳои алоқаи дар районҳои Фархор, Москва ва Ховалинг пешбинӣ шудаанд. Дар солҳои панҷсолаи дувоздаҳум дар истгоҳи телефонии шаҳрӣ 5 ҳазор рақам ва деҳот 3 ҳазор рақам зиёд шудани телефонҳо дар назар дошта шудааст[3].

Дар вилояти Кӯлоб кумитаи вилоятӣ доир ба телевизион ва радиошунавонӣ беҳтарин барномаҳои радиоӣ ба монанди «Фарзандони Ватан», барномаҳо барои ҷавонон бо номҳои «Гулафшон», «Рӯҳафзо», «Акси садо» ва ғайраро дорад. Дар радио муҳаррирони таҷрибадор: С. Ҳакимзода, Бобоев Н., Амирхонов С., мухбирон: Х. Малахов, М. Фирӯзов, О. Домуллоҷонов кор мекарданд. Инчунин режиссер Н. Сафаров, оператор А. Амрохонов, сармуҳандиси дастгоҳ С. Мирмадов, дикторон Ҳ. Мадисоев ва В. Амирова, ронанда-оператор Х. Шарифов кор мекарданд. Мухбирони беруна инҳо буданд: П. Хусаинов, Б. Раҳимов, Д. Собуров, Н.О Ҳасанов, Х. Қурбанов, А. Зарипов, Д. Раҳмоналиев, М. Бойматова. Дар шаҳраки

[1]Каримов С. Бо дастовези арзанда // Гулистон. – 1991. – 7 май.
[2]Минбари миллионҳо // Субҳи меҳнат. – 1991. – 4 май.
[3]Маърӯзаи ҷонишини раиси комитети иҷроияи Совети депутатҳои халқии вилояти Кӯлоб Л.Я. Терентев // Роҳи Ленинӣ. – 1986. – 14 янв.

“Себистон”, ноҳияи Ленинград ва Ховалинг радиошунавонӣ пахш намегардад[1].

Муассисаҳои алоқаи вилояти Кӯлоб аз фаъолияти асосӣ 5246,9 ҳазор рубл даромад ба даст ов863ва да, ки 2057,4 ҳазор рубл нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёдтар мебошад. Ҳаҷми хизматрасониҳо ба аҳолӣ солҳои 90-ум 1442,7 ҳазор рубл, суръати рушд бошад, 129,9 рублро ташкил дод, ки 332,2 ҳазор рубл нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд мебошад.Ҳамаи ин бар асари зиёд кардани нархи хизматрасониҳои алоқа ба даст омадааст[2].

Дар мактуб ба Раиси идораи алоқаи вилояти Кӯлоб Авазов А. А. оварда мешавад, ки аз соли 1970, аз давраи ташкилёбии хоҷагии ҷангали «Сарихосор» инҷониб дар ин мавзеъ шуъбаи алоқа вуҷуд надорад[3].

Ҳамин тариқ, гарчанде ки радио дар охири асри XIX дар Аврупо пайдо шуда бошад, дар Тоҷикистон солҳои 20-уми асри XX шабакаҳои алоқаи радио пайдо гардид. Шабакаҳои алоқаи радио дар вилояти Хатлон охири солҳои 20-ум ташкил карда шуд, ки он дар маҳалҳо ягона маркази радиошунавонӣ буда, аз ҷиҳати техникӣ, таҷҳизот ва воситаҳои зарурӣ такмил наёфта буд. Радиои вилояти Хатлон монанди навниҳоле буд, ки акнун решаҳои нав давонда, нашъунамо мекард ва маҳз аз ҳамин сабаб масъалаи радиофикатсия ва радиошунавонӣ дар вилояти Хатлон аз рӯзҳои аввал яке аз масъалаҳои муҳим буд.

Дар панҷсолаи дувоздаҳум (с.1986-1990) дар хонаю ҳавлӣ ва корхонаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ 350 ҳазор нуқтаи радио гузаронида шудааст[4].

---

[1] Дикаев Т. Гость в каждом доме // Кулябская правда. – 1991. – 7 мая.
[2]Социально-экономическое развитие Кулябской области за 9 месяцев 1991 года // Кулябская правда. – 1991. – 10 дек.
[3]Мирзо Қосим. Мактуби кушода ба сардори умури алоқаи вилояти Хатлон Авазов А. // Хатлон. – 1992. – 9 янв.
[4]Попов Д. Вазифаи олии алоқачиён // Агитатори Тоҷикистон. – 1988. – №18. – С.7-9.

Ҳамин тавр, дар боби аввал нисбати таърихи барқароршавӣ ва рушди алоқаи почта ва шабакаҳои радио таҳқиқот бурда мешавад, чунин хулоса баровардан мумкин аст:

- дар ин давра алоқаи почта ва шабакаҳои радио ҳаматарафа таъсис дода шуда, рушд намуд, ки ин дар диссертатсия шарҳ дода шудааст;

- маҳз рушди алоқаи почта ва радиофикатсия ва радиошунавонӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои 30-юми қарни XX боиси пешравии ҳаёти иқтисодиву сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангии минтақа гардид;

- дар солҳои 50-60 – уми қарни XX хизмати алоқаи почта ва радиошунавонии минтақа қадам ба қадам рушд намуда, хизматрасонӣ ба аҳолӣ беҳтар гардид;

- дар даврони Ҳокимияти Шуравӣ дар тамоми ноҳияҳои минтақа ва ҷумҳурӣ сохтмони биноҳои идораҳои почта ва радиошунавонии вилоятӣ, инчунин радиои маҳаллӣ оғоз гардида, ба анҷом расида буданд, ки ин ба пешравии фарҳангию сиёсии вилоят мусоидат намуд;

- дар солҳои шуравӣ аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ мутахассисони ин соҳаҳо тайёр карда шуданд, ки сабаби баланд бардоштани некуаҳволӣ ва маданияти сокинон гардиданд.

Тадқиқоти рушди соҳаҳои алоқаи почта ва радиошунавонӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар солҳои 1924-1991-и асри XX нишон дод, ки ҳалли масъалаи таъмини соҳа бо мутахассисон, воридсозии техникаи нав, тақсимбандии соҳавии алоқаи почта ва радиошунавонӣ ва таъмин кардани ин соҳаҳои басо муҳим бо натиҷаҳои илми пешрафтаи он давра, барои инкишофи соҳаи алоқаи почта ва радиошунавонӣ дар солҳои зикршуда мусоидат намуданд.

# БОБИ II. ИНКИШОФИ АЛОҚАҲОИ ТЕЛЕГРАФ ВА ТЕЛЕФОН ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

## 2.1. Нақши телеграф ҳамчун воситаи алоқа дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии вилоят

Бори нахуст 1-уми сентябри соли 1794 дар Париж осори хаттӣ тавассути телеграф ба масофаи 209 км фиристода шуда буд, ки онро "депеша" мегуфтанд. Ин вижа аз фаронсавӣ ба тоҷикӣ маънои хабарнома, огоҳинома, (телеграмма, барқия)-ро дошт[1].

Нимаи дуюми асри XVIII барои аз худ намудан ва ривоҷу равнақ додани соҳаи алоқаи почтаи замонавӣ шароит муҳайё гашт. Чунончӣ, донишманди Фаронса Леонард Давинч воситаи дигар - телеграфи оптикиро ихтироъ намуд ва он дар муддати кӯтоҳ ба тамоми Аврупо паҳн шуда, мавриди истифода қарор гирифт. Ин дастоварди донишманди Фаронса ба дигар донишмандони соҳавӣ такони ҷиддӣ дод. Аз ҷумла, он дар сохаи алоқаи почтаи шуравӣ истифода мешуд.

Дар соли 450 то милод философи Юнони қадим Демокрит (тахминан соли 460 – тахминан соли 370 то милод) ва Клеоксен пешниҳод намуданд, ки телеграфи машъалии оптикӣ – бисёр сода ва моҳиронаи шабакаи алоқа сохта шавад. Яъне 24 ҳарфи алифбои юнониро ба 5 сутун (дар ҳар як сутун 5 ҳарф, ғайри сутуни охирон) тақсим намуда, шабона бо ёрии машъал, рӯзона бо ёрии байрақчаҳо ҳар як ҳарфи юнониро ба муштарӣ расонидан лозим буд. Аммо ин кашфиёти онҳо паҳн нагардид ва танҳо номи телеграф ба забони юнонӣ "ба масофаи муайян навиштан" (писать на расстояние) боқӣ монд.

Аввалин шуда ҳиндуҳо усули телеграфи оптикиро истифода бурданд. Таърих гувоҳӣ медиҳад, ки онҳо якчанд усулҳоро истифода мебурданд, оинаҳо ё ин ки "сутунҳои дудро", шабона бошад гулханҳоро. Масалан, агар як гулхан мешуд, яъне "Диққат!", ду гулхан - "Ман дар ҳамин ҷо!", се

[1]Шарипов Ҷ.Х. Танзимгари алоқаи почта. – С.11.

гулхан – “Тинҷӣ!”, чор гулхан – “Ҳама ба назди ман барои маслиҳат ҷамъ шавед!” буд. Аз ин ҷо бармеояд, ки аломатҳои равшанидиҳандаи ҳиндуҳо, аломатҳои авлоди пешинаи гелиографҳо буданд (телескопи астрономӣ), ки то ҳанӯз дар баъзе артишҳои давлатҳои ҷаҳон истифода бурда мешаванд. Онҳоро махсусан дар ҷойҳои нурҳои баланди Офтоб – Сахара ва Африкои Ҷанубӣ дар давраи ҷанг (солҳои 30-юми асри XIX) истифода мебурданд. Аз рӯйи китобу филмҳо инчунин телеграфи садоии африкоии “шабакаи алоқаи тамтам” (баъдтар ба қитъаи Амрико паҳн гардид) низ арзи вуҷуд дорад.

Баҳрнаварди машҳури португалӣ Фернан Магеллан (с.1480-1521) тирамоҳи соли 1520 галаҷазираеро кашф намуд, ки бо сабаби бисёр оташ афрӯхтан, вайро Замини Оташин ном ниҳод. Яъне сокинони ин галаҷазира дар хушкӣ ва дар киштиҳои худ бо оташ гуфтугӯ мекарданд.

Яке аз намудҳои телеграфи оптикӣ дар масофаи наздик ин алфавити баҳрии семафорӣ ва хабардиҳии гунбази байрақӣ мебошад. Дар ҷаҳон 26 намуди гуногунрангии байрақҳо дар баҳр қабул гардидаст, ки ҳар яки онҳо як ҳарфи лотиниро ифода мекунанд.

Ихтироъкори машҳур ва механики фаронсавӣ Клод Шапп “телеграфи байрақӣ”-ро ихтироъ намуд. Ин як воситаи пешравии телеграф гардид. Вай аз 196 расмҳои гуногун 76-тоашро қабул намуд, ки расмҳои ҳарфҳо, рақамҳо ва аломатҳои орфографӣ буданд. Вай соли 1794 бо бародаронаш байни Париж ва Лиллем нахустин хатти телеграфиро сохт. Баъдтар телеграфи барқӣ пайдо гардид[1].

Соли 1753 физики лейпсигӣ Винклер ҳолати интиқоли қувваи барқро ба воситаи ноқилҳо ихтироъ кард. Ва аз ин истифода бурда ихтироъкори женевиягӣ Лесаж дастгоҳи калонҳаҷми телеграфӣ, ки 24 ноқил дошт, ихтироъ намуд. Баъдтар ихтироъкорон Лемонд ва Бекман шумораи ноқилҳоро ба 2 адад расониданд.

[1]Аз таърихи телеграф / https: // www.rt.mipt.ru. санаи муроҷиат: 10.11.2018.

Олими дигар Ханс Кристиан Эстерд соли 1830 нахустин бор таҷрибаи электромагнитии худро оиди мукаммал намудани телеграфи барқиро пешниҳод намуд ва физик ва математики намоёни фаронсавӣ Андре Мари Ампер (с.1775-1836) барои инро дар телеграф истифода бурдан маслиҳат дод. Аммо ҳардуи ин олим бештар ба ихтирооти назариявӣ сару кор доштанд.

Нахустин шахсе, ки ин таҷрибаи Эрстедро дар амал татбиқ намуд, ин олими электротехники рус Павел Лвович Шиллинг (с.1786-1837) буд, ки соли 1832 дастгоҳи ақрабакии телеграфро ихтироъ намуд. Ин ихтирооти вай барои минбаъд мукаммал гардидани дастгоҳи телеграфӣ хизмати басо калон намуд.

Баъдтар олимони немис физик Вилгелм Вебер ва математик Карл Гаусс нусхаи телеграфи олими рус Шиллингро сохтанд ва даъво намуданд, ки ин ихтирооти аввалини телеграф мебошад. Аммо баъди исбот намудани нусхаи телеграфи Шиллинг будан аз даъвояшон даст кашиданд. Аммо Вебер муайян намуд, ки суръати гузариши хабарҳои телеграфӣ баробари суръати паҳншавии рӯшноӣ мебошад.

Баъди ихтирои телеграфи Шиллинг тадқиқотҳои олимон Уитсон, Кук, Гаусс ва Вебер дигар аҳамият надоштанд. Омилҳо пеш омаданд, ки тадқиқотҳои навро ихтироъ кардан лозим аст.

Ихтироъкор Самюэл Финли Бриз Морзе нусхаи телеграфи мукаммалро бо алифбои телеграфӣ пешниҳод намуд. Дастгоҳи телеграфии Самюэл Морзе (с.1791-1872) соли 1886 аз чӯб ва металл сохта шуда буд[1].

Барои мукаммал намудани телеграф тадқиқотҳои олими рус академик Борис Якоби (с.1801-1874), ба монанди соли 1839 – ихтирои дастгоҳи матннависии электромагнитии телеграф ва хати телеграфии “Қасри Зимистона-Ситоди асосӣ дар Петербург”, соли 1850 ихтирои дастгоҳи телеграфи ҳарфчопкунӣ нақши бузург бозид. Соли 1844 академик Борис

---

[1]Аз таърихи телеграф / https: // www.rt.mipt.ru. санаи мурочиат: 10.11.2018.

Якоби нахустин бор телеграфи ақрабакиро, ки бо қувваи электромагнит кор мекард ихтироъ намуд.

Соли 1846 олими амрикоӣ Р. Хаусс таркиби дастгоҳи телеграфии шахсиашро ихтироъ намуд. Соли 1906 байни Америко ва Чин сохтмони кабели зериобии алоқаи телеграф ба охир расид. Соли 1939 нусхаи рамзи байналмилалии Морзе ба вуҷуд омад, ки тағйирот танҳо дар аломатҳои китобатӣ дароварда шуд ва то соли 1960 дар роҳи оҳан истифода мегардид.

Соли 1865 дастгоҳи телеграфии ҳарфчопкунандаи олими рус, профессор Д. Юза (1831-1900) байни Москва ва Санкт-Петербург сохта шуда буд, ки дастгоҳи телеграфӣ аз 28 тугмачаҳои сиёҳу сафед иборат буда, дар як соат 10800 аломатҳоро (ҳарф, рақам) ба масофаи 600-800 км фиристода метавонист, дастгоҳи телеграфии Морзе фақат нуқтаю тире мефиристод[1].

Таҷрибаҳои нопурраи истифодаи магнетизм ва қувваи барқ дар телеграфро ҳанӯз дар асри XVI кашф карда буданд. Ин таҷрибаро аввалин шуда Ҷамбаттиста делла Порта, баъд Кабео (с. 1585-1650), сонӣ Кирхер (с. 1602-1680) ва дигарон пешниҳод намуданд, ки барои ин таҷриба таъсирасонии магнитиро истифода баранд.

Дар асри XVIII барои ин таҷриба олимон кӯшиш намуданд, ки барқи статистикиро истифода баранд. Ин таҷрибаро соли 1753 аз тарафи Маршалл истифода гардид. Чунин дастгоҳ соли 1774 аз тарафи олим Лесаж дар Женева сохта шуд. Дастгоҳи вай аз 24 ноқили изолятсиядори байни ду истгоҳ иборат буд. Соли 1787 ихтироъкор Ломон барои чунин телеграф як ноқилро истифода бурд. Соли 1798 ихтироъкор Салва дар Мадрид хати телеграфро сохт, ки бонг ба воситаи шуълаҳои барқӣ ба вуҷуд меомад.

Нахустин телеграфи барқиро олими англис Фрэнсис Роналдс соли 1816 сохт, ки хабарро ба масофаи 8 метр мерасонид. Соли 1833 ихтироъкорон Гаусс ва Вебер Дар Гёттинген телеграфи электромагнитиро ихтироъ намуданд.

---

[1]Аз таърихи телеграф / https: // www.rt.mipt.ru. санаи мурочиат: 10.11.2018.

Соли 1837 дастгоҳи телеграфии Уитсон ва Кукро дар Англия истифода мебурданд. Штейнгел соли 1938 дар Мюнхен хати телеграфиро сохт, ки ахборро ба масофаи 5000 метр мерасонид (дастгоҳи Гаусс дар Гёттинген ба масофаи 700 м мерасонид).

Самюэл Финли Бриз Морзе дар авал рассом буда, дар коллеҷ оиди қувваи барқ маърӯзаҳо шунид ва оиди ба воситаи ноқилҳо интиқол намудани огоҳии барқӣ ихтироот намуд. Морзе соли 1832 алифбои телеграфии худро кашф намуд, ки дар оянда яке аз рамзҳои асосии телеграф гардид.

Соли 1837 Морзе нахустин дастгоҳи номукаммали телеграфии худро сохт. Баъди 3 сол вай дастгоҳи асосии телеграфро ихтироъ намуд. Яке аз намудҳои дастгоҳи электромагнитии телеграф аз тарафи олими амрикоӣ Ҷ. Генри ихтироъ гардид, ки хабарро ба масофа фиристода метавонист. Ин таҷрибаи худро дар Академияи Олбан гузаронид. Баъди он Ҷ. Генри дастгоҳи худро ба Морзе пешниҳод намуд.

Аввалин хати телеграфиро (дарозиаш 40 км) бо истифодаи дастгоҳи С. Морзе соли 1844 дар Амрико байни Вашингтон ва Балтимор сохта шуда буд[1].

Аз соли 1866 хати телеграф қутбҳои сайёраро пайваст, ба воситаи қаъри уқёнуси Атлантик хати телеграфӣ пайваст карда шуд.

Баъди ихтирои телеграф инсоният бонги наҷотдиҳандаи "SOS"-ро ба расмият даровარданд. Аммо дар аввал ин бонги хатар набуд. Ҳанӯз соли 1904 бонг аз ду ҳарф "CQ" иборат буд, ки м аънои "тезтар биёед"-ро дошт. Баъдтар ҳарфи "D"-ро илова намуданд, ки маънои "тезтар биёед, хатарнок"-ро дошт. Танҳо соли 1908 ин бонгро ба рамзи "SOS" иваз намуданд. Ин боз маънои "ҷони моро наҷот диҳед" ва "киштии моро наҷот диҳед"-ро дошт. Ин бонг ягон намуди рамзхонӣ надорад. Конвенсияи байналмилалии радиотелефонӣ ин ҳарфҳоро чунин қабул намуд: «… --- …».

[1]Аз таърихи телеграф / https: // www.rt.mipt.ru. санаи муроҷиат: 10.11.2018.

Дастгоҳи телеграфии тезамалкунандаи Уитстон (2000 калима дар 1 соат) барои фиристодани ахборот ба масофаҳои дур (2000-9000 км) байни ҷузъу томҳои калони роҳҳои оҳан истифода мегардид. Хусусияти ин дастгоҳ дар он буд, ки ахборот аввал ба алифбои Морзе ба лентаи телеграфии борики равғанӣ гузаронида мешуд, сонӣ аз лентаи сӯрохшуда ба истгоҳи дигар интиқол дода мешуд.

Дастгоҳи телеграфии тезамалкунандаи Сименс ва Галскас бо сифати мустаҳкамии худ ва амали тез аз дигар дастгоҳҳои телеграфӣ фарқ мекунанд. Ин дастгоҳи телеграфӣ дар 1 соат 5000 калимаро интиқол медиҳад. Дар алоқаи байни вазорати роҳҳои оҳан ва раёсатҳои вай васеъ истифода бурда мешавад.

Дастгоҳи телеграфии бисёристифодашавандаи ихтироъкори фаронсавӣ Бодо Жан (с.1845-1903) бештар дар роҳҳои оҳан истифода гардидааст. Ин дастгоҳи телеграфӣ шуҳрати ҷаҳониро соҳиб гардид. Дастгоҳи телеграфии Бодо бори аввал соли 1877 дар хатти Париж-Бордо, сонӣ дар дигар кишварҳо, аз ҷумла дар Русия аз соли 1906 то соли 1950 ҳамчун дастгоҳи телеграфии асосӣ истифода гардидааст. Ин дастгоҳ дар масофаи 700-1000 км дар нақлиётҳои роҳи оҳан истифода гардидааст.

Дастгоҳи телеграфии қабулкунандаи овозии Клопфер аз рӯйи алифбои Морзе кор карда, дар он аломатҳои қабулшаванда дар лента навишта нашуда, балки онро телеграфист аз рӯйи садо мешиносад. Суръати интиқолдиҳандаи калимаҳо ба воситаи клопфер 3000 калима дар 1 соат буда, суръати миёнаи кории он 700 калима дар 1 соат мебошад. Дар солҳои 20-30-юми асри XX истифода мегардиданд[1].

Муҳандиси телеграфи рус В.М. Нагорский соли 1898 телефонограф (яъне клопфери асосӣ)-ро ихтироъ намуд, ки ба воситаи хатти телефон бонги овозии фонии алифбои Морзеро интиқол медод. Ин дастгоҳи телеграфии оддӣ буд, ки аломатҳои рамзи Морзеро бо садо қабул менамуд.

[1]Аз таърихи телеграф / https: // www.rt.mipt.ru. санаи мурочиат: 10.11.2018.

Дар моҳи августи соли 1884 дар пойтахти аморати Бухоро алоқаи телеграф кушода шуда буд[1]. Сонитар аз шаҳри Бухоро хатти телеграф то Чорҷӯ ба масофаи 110 фарсах кашида шуд[2].

Соли 1896 хатти нави телеграф аз шаҳри Чорҷӯ ба масофаи 300 фарсах кашида шуд. Бо бозсозии шоҳроҳи Тирмиз хатти дуюм аз Самарқанд то шаҳри Тирмиз ба масофаи 376 фарсах кашида шуд ва ба ғайр аз ин, Бухорои нав бо Бухорои қадима пайваст карда шуд. Ҳамагӣ дар Аморати Бухоро 726 км хатҳои телеграф вуҷуд дошт.

Баъди пахши шӯриши Самарқанд (8 июни соли 1868) амир Музаффархон таклифи Кауфманро қабул намуд. 23 июни соли 1868 шартнома байни Русия ва Бухоро имзо гардида, мувофиқи он амир вазифадор шуд, ки дар қатори дигар уҳдадориҳо аз хоки Бухоро то Русия хати телеграф гузаронад[3].

Агар дар солҳои 80-уми қарни XIX дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон навъи асосии алоқа алоқаи почтавӣ буд, пас аз оғози соли 1875 алоқаи телефони симӣ пайдо шуд ва аввалин алоқаи телефони симӣ дар байни шаҳрҳои Тошканд ва Хуҷанд сохта ба истифода дода шуд[4].

Соли 1922 Идораи ҳарбии алоқаи Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро (ҶХШБ) ташкил карда шуд. Дар назди идораи нав шуъбаи алоқаи телеграф таъсис дода шуд. Барои рушди алоқаи телеграф 100 ҳазор рубл ҷудо карда шуда буд. Ҳамин тариқ, соли 1924 корхонаҳои воситаҳои алоқа бевосита ба идораи ҳарбӣ тобеъ мешуданд[5].

Дар айни ҷанги шаҳрвандӣ баталиони алоқаи XIII Корпуси тирандоз хатти телеграфро дар масири Қаршӣ то Душанбе ба сохтан оғоз кард. Аввалан алоқаи «Гелио» -и ташкил карда шуда буд. Рӯзона сигналҳоро тавассути оинаҳо, шабона бо кӯмаки лампаҳои Магнена ва Тсейса

---

[1]Фармонҳо ва қарорҳои Вазорати алоқа // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.10. – В.2-12.
[2]Ҳамон ҷо.
[3]Ҳотамов Н., Довудӣ Д., Муллоҷонов С., Исоматов М. Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе, 2011. – С.198.
[4]Ҳамон ҷо. – С.115.
[5]Ҳотамов Н., Довудӣ Д., Муллоҷонов С., Исоматов М. Таърихи халқи тоҷик. – С.198.

мунтақил мекарданд. Алоқаи телеграф дар фосилаи 40 км дастгирӣ карда мешуд. Сипас ба бунёд намудани алоқаи симӣ- телеграф шурӯъ карданд.

Бо кӯчидани ситоди саҳроии корпуси 13-уми тирандозӣ ба Душанбе, дар назди идораи ҳарбӣ дар соли 1923 пункти телеграф бунёд карда шуд.

Аз тарафи баталиони алоқа хатти телеграф дар минтақаҳои Файзобод – Оби – Гарм, Ғарм – Кӯлоб, Мастчоҳ-Обурдон-Ӯротеппа- Заҳматобод ва дигар нуқтаҳое, ки қисмҳои низомӣ ва гарнизонҳо қарор доштанд сохта ба истифода дода шуданд[1].

Дар ҳар кадом аз самтҳо як сим кашида шуда буд, вай нуқтаҳои фосилавӣ дошт, аммо дар онҳо алоқаи телеграф вуҷуд надошт, ин нуқтаҳо алоқаро тавассути телефон бо даъвати овозӣ, ки шомили сими телеграф буд барқарор мекарданд.

Нахустин дастгоҳи телеграфии Морзе дар шаҳри Душанбе соли 1924 гузошта шуда буд, дере нагузашта алоқа бо Бухоро, Тошканд, Тирмиз ба роҳ монда шуд. Сими телеграф ба самти Кӯлоб тавассути роҳи кухнаи Кӯлоб ба воситаи Янги Бозор (Ваҳдат), Норак, Кангурт, Балҷувон, Ховалинг ва Муъминобод мегузашт.

Минбаъд дар самти Ҷиликӯл (н. Дӯстӣ), Янги Бозор (н. Ваҳдат), Ёвон ва Қӯрғонтеппа (ш. Бохтар) низ пайваст карда шуданд. Ин сим идомаи хатти алоқаи сарҳадӣ аз Тирмиз ба Қубодиён буд. Ҳамин тариқ, хатти Душанбе сабук карда шуда буд ва нуқтаи ниҳоии он Ҷиликӯл буд[2]. Ба рушди васеи алоқаи телеграф дар соли 1925 оғоз карда шуда буд.

Успенский А.В. соли 1924 аз тарафи Туркфронт ба шаҳри Душанбе барои роҳандозии алоқаи телеграф дар Тоҷикистон фиристода шуда буд. Пас аз адои хизмат дар соли 1926 дар Душанбе монда ба техникум ба кор омада, дастгоҳи телеграфе, ки дар солҳои аввали ҷанги гражданӣ сохта шуда буд, дар ҳолати вайрону валангор қарор дошт, барқарор кардани он бисёр мушкил буд ва телеграфро 1 апрели соли 1926 ба кор даровард.

[1]Кабиров Х. Развитие средств связи в Таджикистане. – С.65.
[2]Ҳисоботи радиоузели ноҳияи Ҷиликӯл дар соли 1926 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.32. – В.4-11.

Хатти телеграфи Файзобод – Кангурт 46% сарбориро таъмин менамуд, аз ин рӯ дар масири Норак - Тутқавул бошад 25% сарбори муносиб маҳсуб мешуд. Моҳи декабри соли 1924 дар Кангурт аз тарафи босмачиҳо 18 км хатти телеграф хароб ва ба дарёи Вахш партофта шуд. Харобиҳои хеле калон дар қитъаи Ёвон-Файзобод-Оби-Гарм ва дигар маҳаллаҳо ба назар мерасид. Мутобиқ ба қарори Ревкоми ҶХШС Тоҷикистон барои барқарор ва рушди минбаъдаи воситаҳои алоқа, минҷумла, алоқаи телеграф аз тарафи Комиссариати халқии почта ва телеграфи Иттиҳоди Шуравӣ 197 ҳазор рубл ҷудо карда шуд[1].

Солҳои 1924 - 1931 телеграфи оптикиро ба Тоҷикистон ҳам оварда, дар почтаҳо насб карданд, ки ба аҳолӣ хуб хизмат мерасонд.

Аввалин муассисаи почтаю телеграф дар Душанбе соли 1924 дар як хоначаи хеле хурд кушода шуда буд. Дар солҳои 60-ум бошад, дар Душанбе 143 адад шуъбаҳои алоқаи шаҳрӣ мавҷуд буд[2].

Соли 1924 аввалин маротиба ду адад шуъбаи алоқа дар шаҳри Душанбе ва Кӯлоб кушода шуданд. Аз 20 майи соли 1925 хатсайри ҳавоӣ дар байни Тошканд ва Душанбе барқарор гардид ва дар ҳар сафар ду дафъа ҳафтае 30 кг почта ирсол мегардид. Ба зудӣ хатсайри Душанбе – Кировобод – Кӯлоб кушода шуд, ки расонидани муросилтро ба манотиқи дурдасти ҷумҳурӣ тезонид[3].

Кумитаи инқилобии Ҷумҳурии Худмухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон (ҶХШСТ) кашидани хатти телеграф дар маҳаллаҳое, ки барои ҷумҳурӣ аҳамияти муҳимми иқтисодӣ ва сиёсӣ доштанд вазифаи аввалиндараҷа мешуморид. Дар самтҳои зерин, Ҷиликӯл – Саройкамар ба масофаи 85 км ва самти Саройкамар – Кӯлоб ба масофаи 96 км хатти телеграф кашида шуда буд. Самти рости дарёи Панҷ он замонҳо то андозае ноҳияи ягонаи иқтисодӣ маҳсуб меёфт. Саройкамар (н. Панҷ) мутобиқ ба

[1] Кабиров Х. Развитие средств связи в Таджикистане. – С.69.
[2]Сайко В. Большие перемены // Коммунист Таджикистана. – 1964. – 20 нояб.
[3]Ҳисоботи радиоузели ноҳияи Кӯлоб дар соли 1924 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.3. – П.12. – В.3-5.

ҷойгиршавии худ ин ноҳияро ҳамчун маркази иқтисодӣ дар шимолу шарқ аз Кӯлоб то Балҷувон ва дар шимолу ғарб аз Қӯрғонтеппа то Ҷиликӯл муттаҳид намуда буд. Аксари ин нуқтаҳо дар ноҳияҳо пахтакор қарор доштанд. Дар Саройкамар, аз он ҷумал, корхонаи пахтатозакунӣ қарор дошт. Масъалаи дар Саройкамар ташкил намудани нуқтаи бонки кишоварзӣ барои пешниҳод кардани вом (заём) ба деҳқонон ва инчунин анбори кишоварзӣ ва нуқтаи хариди пахта ба миён омад. Сохтмони хоҷагӣ ва мадание, ки роҳандозӣ шуда буд, ба таври объективона расонидани хатти телеграфро аз Кӯлоб то ба Саройкамар ва аз Ҷиликӯл то ба Саройкамар талаб мекард. Ҳукумати Тоҷикистон инчунин кушодани шуъбаи алоқаро дар Сайрокамар зарур шуморид[1].

Ҳамагӣ барои барқарор ва таъмир намудани хатҳои телеграф дар ҷумҳурӣ 157047 рубл харҷ карда шуда буд.

Дар моҳи ноябри соли 1925 сохтмони шоҳроҳи нав дар байни Тирмиз ва Саройкамар, инчунин Саройкамар – Ҷиликӯл оғоз шуд. Барои ин кор 14 ҳазор рубл ҷудо карда шуда буд. Барои сохтани хатти телеграф 2700 адад симчӯб лозим буд. Тайёрии онҳо дар шароити ба таври истисноӣ мушкил сурат мегирифт[2].

Дар моҳи июни соли 1925 дар шаҳри Душанбе як адад дастгоҳи телеграфи Морзе насб карда шуда буд, ки 4 адад штати корӣ дошт, дар як шабонарӯз 7 соат бо ҳаҷми 10000 калима кор мекард ва даромади солонааш 2386 рублро ташкил медод. Минбаъд штати кории он ба 11 нафар расонида шуд. Тирамоҳи соли 1925 дастгоҳи телеграфи «Юза» насб карда шуда, алоқа тавассути ин дастгоҳ аз соати 6.00 то 9.00 ва аз соати 13.00 то соати 15.00 ба Бухорои нав ва аз соати 10.00 то 13.00 бо Тошкент барқарор карда шуд.

Дар моҳи январи соли 1927 хатти нави телеграфи Ҷиликӯл – Саройкамар ба истифода дода шуд. 2500 адад симчӯбҳо омода карда шуда,

[1]Кабиров Х. Развитие средств связи в Таджикистане. – С.66.
[2]Ҳисоботи радиоузели ноҳияи Ҷиликӯл дар соли 1926 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.32. – В.4-11.

хатҳои телеграф дар қитъаҳои: Ғузор – Душанбе, Душанбе – Файзобод – Ғарм, Файзобод – Кӯлоб (385 км), Душанбе – Ҷиликӯл –Тирмиз мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуданд[1].

Шароитҳои ба таври истисноӣ мураккаби интиқоли симчӯбҳоро тавассути роҳҳои кӯҳӣ ба назар гирифта, Шурои комиссарони халқи Ҷумҳурии Худмухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон бо қарори худ аз 18 майи соли 1927 аҳолии маҳаллиро вазифадор намуд, ки дар интиқоли симчӯбҳо ва мавод ба Душанбе, Кӯлоб, Файзобод, Ғарм иштирок намоянд. Симчӯбҳо тавассути дарёи Вахш барои масири Ҷиликӯл (н.Дӯстӣ) – Янгибозор (ш. Ваҳдат) мунтақил мешуданд.

**Таблитсаи № 3.**

**Шумораи хатҳои телеграфӣ дар ҷумҳурӣ дар солҳои 1926-1927**

| № | Номгӯи асбобҳои телграграфӣ | Ба 01.05.1926 | Ба 01.05.1927 | Афзоиш % |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Хатҳои телеграфӣ (км) | 864 | 1034 | 19 |
| 2 | Ноқилҳо (км) | 1078 | 1248 | 15 |
| 3 | Дастгоҳи телеграфии Морзе | 12 | 16 | 33 |
| 4 | Дастгоҳи телеграфии Юза | 1 | 1 | - |

То соли 1928 хатҳои телеграф дар самтҳои зерин вуҷуд доштанд: Душанбе – Файзобод – Кӯлоб; Душанбе – Қӯрғонтеппа–Ҷиликӯл – Саройкамар; Душанбе – Ҳисор – Ҷиликӯл – Қубодиён. Ҳама хатҳо дорои телефон буданд. Суръати миёнаи интиқоли телеграмма 2 соату 30 дақиқа ва дар музофот бошад, то 5 соатро ташкил медод[2]. Суръати миёнаи расонидани телеграмма то ба Душанбе 1-2 соатро ташкил медод. Даромади телеграф то солҳои 1926-1927 қариб, ки 50 маротиба афзоиш ёфт. Муассисаҳои алоқае, ки амалиётҳои телеграфиро анҷом медоданд, аллакай ба 11 адад расид.

[1]Ҳисоботи фаъолияти радиоузели н. Ҷиликӯл дар соли 1926 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.32. – В.4-11.

[2] Кабиров Х. Развитие средств связи в Таджикистане. – С.71.

Дар алоқаи телеграф дарозии каналҳо бояд 1,2 баробар, миқдори дастгоҳҳои телеграфи абонентӣ (телетайпҳо) 1,4 маротиба афзояд[1].

То соли 1928 алоқаи телеграфӣ дар байни Самарқанд ва Душанбе тавассути дастгоҳи Юз ба роҳ монда шуда буд. Сипас, корҳо доир ба таҷдиди ин хат, инчунин насби сими дуюм дар байни Душанбе – Файзобод барои барқарор кардани алоқаи бевосита бо Кӯлоб ва Ғарм оғоз карда шуд, чунки хатти алоқаи мавҷудбуда дар байни Кӯлоб – Душанбе, Ҷиликӯл – Саройкамар кори муназамро таъмин карда наметавонист. Дар ин байн сохтмони хатти телеграфи Саройкамар – Кӯлоб оғоз карда шуд.

Рушди минбаъдаи алоқаи телеграфи ҷумҳурӣ ба солҳои панҷсолаи 1-ум (с.1928-1932) рост меояд. То соли 1930 93% шуроҳои деҳот (селсоветҳо) алоқаи барқӣ надоштанд. Шурои комиссарони халқи ҶШС Тоҷикистон дар таърихи 23 феврали соли 1930 қарор дар бораи сохтмон, таъмир ва такмили хатҳои телеграфро содир кард:

1. Дар қитъаи Сайрокамр-Фархор -Чӯбек- Кӯлоб хатти 136 километрӣ ба маблағи 260 ҳазор сӯм ба нақша гирифта шуда буд.

2. Дар қитъаи Душанбе –Кӯлоб ва Душанбе- Оби Гарм бошад, таҷдиди хат ва кашидани сими телефон ба нақша гирифта шуда буд.

Инчунин сохтмони бино барои шуъбаи почта, телеграф ва истгоҳи телефон дар шаҳри Қӯрғонтеппа ва истгоҳи телеграфу телефон дар шаҳри Кӯлоб ба назар гирифта шуда буд. Дар шароитҳои мушкил сохтмони хатти телеграфи Саройкамар – Кӯлоб пеш бурда мешуд, хат аз болои кӯҳҳои баланд мегузашт, дар он ҷойҳо роҳ вуҷуд надошт ва барои сохтмони 30 км хат 60 ҳазор рубл харҷ карда шуд[2].

Дар Тоҷикистон алоқа ба хотири ҳаммарз будани он бо давлатҳои хориҷӣ ва дур буданаш аз марказҳои асосии собиқ шуравӣ ва кӯҳсор буданаш дорои аҳамияти вижа мегардид.

[1]Попов Д. Вазифаи олии алоқачиён // Агитатори Тоҷикистон. – 1988. – №18. – С.7-9.
[2]Кабиров Х. Развитие средств связи в Таджикистане. – С.72.

Солҳои 30-юм аҳолӣ ба 87 % алоқаи почтавӣ ва 60 % алоқаи барқӣ таъмин буданд. Барои алоқа бо округи Кӯлоб хатти нави алоқа лозим буд.

Соли 1927 нақшаи панҷсолаи рушди алоқа дар Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Ҳукумат ба деҳқонон, ба шуроҳои вилоятӣ, туманҳо ва ҷамоатҳо бобати тезонидани алоқа муроҷиат намуда буд. Қарорҳои зиёди ҳизбӣ ва мақомотҳои шуравӣ ба рушди воситаҳои алоқа дар ҷумҳурӣ бахшида мешуданд.

Анҷумани умумитоҷикии сеюми фавқулоддаи Шуроҳои Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотситалистии Тоҷикистон (15-19 октябри соли1929) рӯзи 19 октябри соли 1929 қарор қабул намуд, ки солҳои 1929-1930 байни ноҳияҳои ҷумҳурӣ алоқаҳои телеграфӣ ва телефонӣ барқарор карда шавад ва инро зери назорати худ гирифт[1].

Дар солҳои панҷсолаи якум (с.1928-1932) дар ҶМШС Тоҷикистон махсусан ба сохтмони воситаи алоқаю телеграф диққати ҷиддӣ дода мешуд. То ба роҳ мондани воситаҳои техникии алоқа, байни Кӯлобу Душанбе ва Қӯрғонтеппа нақши асосиро нақлиёт мебозид. Алоқаи доимӣ бо марказ ба воситаи Кӯлоб, Қӯрғонтеппа ва Душанбе ташкил карда шуда буд. То солҳои 30-юм хатти телеграф ба воситаи Саройкамар, Фархор, Чӯбек ба Кӯлоб кашонда оварда шуда буд. Телеграфи шаҳрӣ дар ихтиёри худ дар ин солҳо чунин дастгоҳҳо ба монанди «Морзе» ва «Клопфер» дошт[2].

Аз давраҳои қадим инсоният кӯшиш менамуд, ки хабарҳои навро дар масофаи муайяни дур ба якдигар расонанд. Масалан, одамони қадим барои ин аз аломатҳои равшании оташ ва ҳиндуҳо аз аломатҳои дуди ҳезум истифода мебурданд.

Соли 1935 бо шаҳри Москва хатти мустақими алоқа барқарор карда шуд. Соли 1935 дар Душанбе аввалин истгоҳи автоматии телефон бо 100 рақам ба кор шурӯъ кард. Тавассути ағбаҳои Анзоб, Шаҳристон ва

[1]Каширина Т.В. Третий Чрезвычайный Всетаджикский съезд Советов. – Душанбе: Дониш, 1989. – С.21.
[2]Ба кор андохтан ва тараққӣ додани аввалин корхонаҳои саноатӣ дар шаҳри Кӯлоб (Ба пешвози 50-солагии РСС Тоҷикистон ва ПК Тоҷикистон) // Ҳақиқати Кӯлоб. – 1974. – 23 март.

Обурдон ва қуллаҳои кӯҳҳо ва дарёҳои кӯҳӣ хатҳои телефон ва телеграфро кашида шуданд.

Муҳаққиқ Ҳамид Кабиров бисту панҷ сол ба ҳайси хаткашон (почталион) ва баъдтар бошад роҳбарии Идораи почтамти Душанберо бар уҳда дошт[1].

Аввалин маротиба телеграммаҳо тавассути дучархаҳо ба шаҳрҳои Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб расонида мешуд. Мубодилаи телеграммаҳо дар ҷумҳурӣ ба таври назаррас афзоиш ёфт. Даромади телеграф дар сар то сари ҷумҳурӣ дар соли 1933 2 млн 866,4 ҳазор рубл ва дар соли 1937 бошад, 2 млн. 239,4 ҳазор рублро ташкил дод[2].

Дар соли 1935 сохтмони хатти телефону телеграфи Душанбе-Бауманобод, Душанбе - Кӯлоб- Ховалинг ба итмом расид[3].

Соли 1937 56 адад муассисаи алоқа мавҷуд буд, ки амалиётҳои телеграфӣ анҷом медоданд, 38 маркази ноҳия аллакай алоқаи телеграфӣ доштанд. Тӯли хатти телеграф 2168 километрро ташкил дод, ки аз 1826 км дар соли 1933 ба 2373 км дар соли 1937 расид.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (с.1941-1945) телеграфистҳои ҷумҳурӣ муназаму мураттаб кор карда, бомуваффақият аз уҳдаи вазифаҳои дар пеши онҳо гузошта баромаданд.

Аз рӯзҳои аввали ҷанг мубодилаи телеграммаҳо ба 2,5 маротиб афзоиш ёфт. Коллективҳои зиёди телеграфистҳо барои сифати баланди корҳо мусобиқа карда, корношоям шудани телеграммаҳоро бартараф карда, ба коҳиш ёфтани суръати телеграммаҳо муваффақ шуданд. Стахановчиён – бодистҳо Сухая, Попова, Мелникова, Белая, клопферистҳо Ревенко, Воробева, морзистҳо Болшакова, Вилкова, таҳвилдиҳанда Гладникова ва дигарон содиқона меҳнат карда, дар як баст якуним меъёри кориро иҷро мекарданд.

---

[1]Шагалов Л.Е. Книга о связи // Коммунист Таджикистана. – 1966. – 17 февр.
[2]Ҳисоботи фаъолияти радиоузели ноҳияи Ховалинг дар соли 1935 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.87. – В.8-12.
[3]Ҳамон ҷо // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.87. – В.13-15.

Масалан, соли 1943 мубодилаи телеграммаҳо наздики 2 - 3 маротиба афзоиш ёфт. Теъдоди дастгоҳҳои телеграф 1,5 маротиба афзоиш ёфта, хатҳои телеграф, тӯли симҳо дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳӯрӣ низ афзоиш ёфтанд.

То соли 1947 ҳамаи муассисаҳои алоқаи телеграфӣ бо дастгоҳҳои куҳнаи навъи Морзе, Юза, Клопфер ва Бодо кор мекарданд.

Теъдоди дастгоҳҳои телеграф дар соли 1950 дар муқоиса ба соли 1945 2 маротиба афзуд. Мубодилаи вурудии телеграммаҳо 647,4 ҳазор ва хуруҷӣ 497,6 ҳазорро ташкил дод. Даромади алоқаи телеграф дар ҷумҳурӣ дар соли 1950 ба 6825000 рубл ва дар соли 1956 ба 7512000 рубл расид.

Соли 1955 тӯли каналҳои телеграф 3943 канал-километр, симҳо бошад, 6646 км-ро ташкил дод. Аз он ҷумла, 1418 км сим аз металлҳои ранга ва 5228 км сими фӯлодин буд. Соли 1955 дастгоҳи телеграфи тамғаи СТ-35 автоматикунонида шуданд. Соли 1957 аллакай 205 муассисаи алоқаи телеграфӣ, аз он ҷумла дар деҳот – 128 адад ва соли 1958 бошад мутаносибан 234 ва 160 ададро ташкил медоданд. Соли 1957 дар муассисаҳои ҷумҳурӣ дастгоҳҳои бисёрканали телеграфӣ ҷорӣ карда шуданд.

Дар солҳои 1959-1962 алоқаи телеграфӣ инкишофи бештаре пайдо кард. Дастгоҳҳои болоитоналӣ ва тоналии телеграфӣ дар роҳҳои алоқаи: Душанбе – Кӯлоб, Душанбе – Қӯрғонтеппа ва тоналӣ дар роҳи алоқаи Душанбе- Самарқанд, Душанбе- Ленинобод ва Душанбе - Тошкент бо тӯли умумии 11451 канал-километр насб карда шуда буданд. Алоқаи фототелеграфӣ дар байни Душанбе, Ҳисор, Орҷоникидзеобод (ш. Ваҳдат), Қӯрғонтеппа (ш. Бохтар) ва Кӯлоб мавҷуд мебошад[1].

Охири соли 1960 ҳамаи дастгоҳҳои телеграфӣ дар кишвар бо дастгоҳҳои хушкори ҳарфчопкунии тамғаи СТ-35 иваз карда шуданд, ки дар вилояти Хатлон низ ин дастгоҳҳоро насб намуданд. Дар панҷсолаҳои

---

[1]Ҳисоботи солонаи истеҳсолӣ дар солҳои 1959-1962 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.4. – П.16. – В.9-23.

минбаъда хелҳои нави алоқаи телеграфӣ-телефонӣ, абонентӣ, фототелеграф ва ғайра пайдо шуданд. Шабакаи абонентии телеграф дар вилояти Хатлон зиёда аз 100 нуқтаро ташкил дод, ки бо шаҳру ноҳияҳо ва ш. Душанбе алоқаи фототелеграфӣ барпо гардид.

Соли 1961 гузариши ҳамаи дастгоҳҳои телеграф ба дастгоҳи навъи СТА-2М, аз он ҷумла шабакаи телеграфи абонентӣ ба анҷом расид. Истгоҳи АТА-М дар шаҳрҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа насб карда шуд[1].

Теъдоди муассисаҳои алоқае, ки соли 1963 амалиётҳои алоқаро анҷом медоданд 366 адад ва аз он ҷумла 244 адад дар деҳотро ташкил доданд. Шабакаи телеграфи абонентӣ дар шаҳрҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа ба таври назаррас афзоиш ёфт[2].

Дар солҳои 1966-1970 шабакаи телеграфи абонентӣ инкишоф ёфта, фотоалоқа ва видеотелефон дар қитъаи Душанбе – Қӯрғонтеппа соли 1966 ва дар қитъаи Душанбе – Кӯлоб дар соли 1968 барқарор карда шуд.

Хулоса, таҳқиқот муайян намуд, ки алоқаи телеграфӣ дар Аврупо дар нимаи дуюми асри XIX пайдо гардида, охири асри XIX (с.1884) дар аморати Бухоро кушода шуд. Дар Тоҷикистон алоқаи телеграфӣ соли 1925 кушода шуд. Маҳз таъсис ва инкишофи алоқаи телеграфӣ дар минтақа буд, ки алоқаи байни пойтахти кишвар ва ноҳияҳои ҷанубӣ хеле хуб гардида, боиси пешравии ҳаёти сиёсиву фарҳангии минтақа гардид.

**Таблитсаи №4.**

**Нишондиҳандаҳои асосии рушди алоқа[3](то охири сол)**

| **Фоизи хоҷагиҳо ва ҷамоатҳои телефондор** | **1940** | **1950** | **1953** | **1958** | **1962** | **1963** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи муассисаҳои почта, телеграф ва телефон (воҳид) | 263 | 275 | 286 | 327 | 378 | 394 |
| Аз ҷумла дар деҳот | 230 | 226 | 219 | 235 | 260 | 266 |
| Фоизи ҷамоатҳои телефондор | 46 | 69 | 77 | 85 | 88 | 91 |
| Фоизи совхозҳои телефондор | 57 | 51 | 64 | 85 | 98 | 94 |
| Фоизи колхозҳои телефондор | 3 | 14 | 37 | 81 | 89 | 91 |
| Колхозҳо | 3 | 14 | 84 | 95 | 96 | 97 |

[1]Ҳисоботи ноҳияҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа дар соли 1961 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.16. – В.24-32.
[2] Кабиров Х. Развитие средств связи в Таджикистане. – С.78.
[3]Таджикистан за 40 лет. – Душанбе: Статистика, 1964. – С.133.

Хулоса, Кумитаи инқилобии Ҷумҳурии Худмухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон кашидани хатти телеграф дар маҳаллаҳои барои ҷумҳурӣ аҳамияти муҳимми иқтисодӣ ва сиёсӣ доштанд вазифаи аввалиндараҷа мешуморид. Аввалин хати телеграф байни ноҳияҳои Ҷиликӯл – Саройкамар – Кӯлоб кашида шуда буд. Инчунин Ҳукумати Тоҷикистон инчунин кушодани шуъбаи алоқаро дар Сайрокамар зарур шуморид. Барои барқарор ва таъмир намудани хатҳои телеграф дар ҷумҳурӣ маблағҳои калон харҷ карда шуда буд. Бори аввал моҳи июни соли 1925 дар шаҳри Душанбе як адад дастгоҳи телеграфи Морзе насб карда шуда буд.

Ҳамин тариқ, нақши телеграф ҳамчун воситаи алоқа дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии вилоят мақоми бузургро ишғол менамуд.

## 2. 2. Таъсис ва инкишофи алоқаи телефонӣ

Рушди алоқаи телефон дар Тоҷикистон баъди ташкилёбии Ҷумҳурии Худмухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, моҳи октябри соли 1924 оғоз гардид. То ин давра дар қаламрави Тоҷикистон алоқаи телефонӣ тамоман вуҷуд надошт.

Хатти аввалини телеграф-телефоние, ки Душанберо бо шаҳри Бухоро пойтахти Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро пайваст кардааст, ин хат аз тарафи алоқачиёни Артиши Шуравӣ гузаронида шуда буд. Ин авалин чорабиние буд, ки имкон дод, шаҳре, ки дар байни кӯҳҳо қарор дорад, онро ба вилоятҳои мадании кишвари шуроҳо наздик намояд.

Соли 1924 дар Душанбе аввалин коммутатори телефони муваққатӣ бо тағзияи маҳаллаӣ дорои 55 рақами телефон насб карда шуда буд. Коммутатор аз тарафи бюрои алоқаи ҳарбии халқӣ таъмин карда мешуд. Теъдоди абонентҳо на бештар аз 10 коммутатор буда дар он вақтҳо асосан

ба муассисаҳои давлатии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон хизмат мерасонид[1].

Дар ҷараёни бунёди ҳокимияти шуравӣ ва ташкили ҳар гуна муассиса ва корхонаҳо талабот ба алоқаи телефонӣ зиёд шуд. Ва мутобиқ ба қарори Ревкоми Ҷумҳурии Худмухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 18 апрели соли 1925 идораи почта ва телеграфи Душанбе аз бюрои ҳарбию халқии алоқа коммутатори телефонро дарёфт намуд. Аз ин лаҳза шабакаи телефон ба идораи гражданӣ тобеъ мешуд.

Истгоҳи телефон дар як шабонарӯз 7 соат кор мекард ва дар он як нафар телефонист кор мекард.

Дар рушди алоқаи телефони ҷумҳурӣ қарори Кумитаи инқилобии (Ревком) Ҷумҳурии Худмухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 22 июли соли 1925 бо номи «Дар бораи такмил ва рушди шабакаи телефони гражданӣ»[2] нақши калон бозид. Мутобиқ ба ин қарор бобати истифодаи телефон аз тарафи муассисаҳои гражданӣ ва шахсҳои ҳақиқӣ ҳар 3 моҳ 37 рублу 50 тин, бобати насб 9 рубл ва бобати мунтақил 9 рубл пардохт карда мешуд.

Дар системаи воситаҳои хабаррасонӣ алоқаи телефону телеграф ҷойи муҳимтаринро ишғол мекунанд. То инқилоб дар Тоҷикистон хатти алоқа вуҷуд надошт. Дар соли 1924 Душанбе тавассути чор хатти телеграф Бухоро, Кӯлоб, Ҷиликӯл, Қӯрғонтеппа пайваст буд. Дар соли 1925 алоқаи телеграфии Душанбе бо Самарқанд кушода шуда буд. Дар худи ҳамон сол дар пойтахт истгоҳи телефони шаҳрӣ бо 50 рақам ба фаъолият оғоз карда буд, ки пас аз як сол ин адад ба 100 рақам расид. Сохтмони истгоҳҳои телефон дар дигар шаҳрҳо оғоз ёфт.

23 октябри соли 1926 барои телефонкашӣ дар ш. Душанбе аз шаҳри Тирмиз дар барзаговҳо 80 адад симчӯбҳо оварда шуданд. Ин роҳ бисёр вазнин буд, ҳангоми интиқоли симчӯбҳо онҳо ба ҳар тараф пош мехӯрданд

---

[1]Фармонҳо ва қарорҳои Вазорати алоқа // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.10. – В.2-12.
[2]Ҳамон ҷо.

ва аз ароба меафтоданд. Интиқоли симчӯбҳо дар маҷмӯъ 30-40 рӯз тӯл кашид[1].

Соли 1926 мутобиқ ба дархости Шурои Комиссарони Халқ аз округи алоқа 25 адад дастгоҳи телефон расид. Аммо телефонистҳои ҷумҳурӣ муваффақона ин мушкилотро паси сар карда, пеш аз муҳлат сохтмони истгоҳи телефонро бо маркази тағзияи телефонҳо бо зарфияти 100 рақам ба итмом расониданд. Абонентҳо бошад, ҳамагӣ 38-то буданд. Истгоҳи телефонҳо дар се баст кор мекард. Аз соати 23.00 то соати 7.00-и саҳар истгоҳ кор намекард[2].

Дар моҳи декабри соли 1926 ба таври иловагӣ боз 4 км хатти телефони шаҳрӣ сохта шуд ва аввалин маротиба анҷумани якуми умумитоҷикии шуроҳо бо телефон таъмин карда шуд. Дар дохили бино, дар он ҷое, ки анҷуман доир мешуд 2 адад дастгоҳи телефон насб карда шуд. То он замон воҳиди кории Истгоҳи телефонии шаҳри Душанбе аз 4 нафар иборат буд, аз он ҷумла М. Ҳасанова аввалин духтари тоҷик дар идораи алоқаи ҷумҳурӣ ва И.Ф. Позднякова дар пушти дастгоҳи коммутатор кор мекарданд[3].

Дар соли 1927 дар ҷумҳурӣ 8 адад агентиҳои телефонӣ бо 9 нафар штати корӣ мавҷуд буданд. Дар утоқҳои кории раиси Кумитаи Иҷроияи Марказӣ (КИМ), Раиси Шурои Комиссарони Халқ (ШКХ), Раиси нақшаи давлатӣ (Госплан), инчунин агентии алоқа дар назди Шурои Комиссарони Халқӣ барои интиқоли телеграмма дастгоҳҳои телефон насбу роҳандозӣ карда шуданд. Корҳо оид ба таҷҳиз ва насби дастгоҳҳои телефон, инчунин алоқаи телефонӣ дар асоси сими телеграф дар масирҳои зерини Ҷумҳурии Худмухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон: Душанбе - Файзобод - Кӯлоб - Файзобод - Ғарм; Душанбе - Қӯрғонтеппа- Ҷиликӯл; Ҷиликӯл – Саройкамар ба итмом расонида шуданд.

---

[1]Фармонҳо ва қарорҳои Вазорати алоқа // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.10. – В.2-9.
[2]Ҳамон ҷо // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.10. – В.10-12.
[3]Кабиров Х. Развитие средств связи в Таджикистане. – С.83.

Дар худи ҳамон сол дар бинои идораи алоқаи мудаввари шаҳри Душанбе аввалин будкаи телефони гуфтугӯии байнишаҳрӣ насб карда шуд.

Барои истифодаи максималии шабакаи телефону телеграф дар Тутқавул, Ховалинг ва Муъминобод дастгоҳҳои махсуси телефон насб карда шуданд.

Соли 1928 вилоятҳои Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб барои сохтани истгоҳи телефонҳо аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ бо зарфияти 100 рақам барои ҳар як воҳид маблағи 8000 рублӣ ҷудо карданд. Чунин маблағҳо барои рушди истгоҳҳои телефон дар дигар шаҳрҳо низ ҷудо карда шуданд.

Оғози сохтмони шабакаи телефон барои деҳот дар Ҷумҳурии Худмухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон сохтмони хатти нави телефон бо тӯли 48 км тавассути Кӯктош ва Янги Бозор ва насби телефон дар бинои Кумитаи иҷроияи ноҳия дар Янги Бозор (ш. Ваҳдат) дар охири соли 1928 буд. Сипас, иловатан 15 км хатти нав то Ёвон сохта шуда ва телефон насб карда шуд, барои иҷроиши ин корҳо ҳукумат 2 ҳазор рубл ҷудо карда буд.

Аз соли 1929 шинонидани истгоҳҳои телефонӣ қариб дар тамоми шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ оғоз ёфта, то соли 1940 давом кард. Яъне ҳар як гӯшаи дурдасти ҷумҳурӣ бо почтаю алоқаи телефонӣ пайваст гардид.

Қарори Шурои Комиссарони Халқи Ҷумҳурии Худмухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 9 майи соли 1929 «Дар бораи ҷалби Шуроҳои шаҳрӣ барои иштирок дар сохтмони шабакаҳои телефон ба андозаи 25 % арзиши онҳо» барои рушд ва инкишофи шабакаи телефони шаҳрӣ аҳамияти калон дошт.

Рушди минбаъдаи шабакаи телефон дар ҷумҳурӣ дар қарори Шурои Комиссарони Халқи Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 23 феврали соли 1930 пешбинӣ карда шуда буд. Дар он дар бораи сохтмони минбаъдаи шабакаи телефони шаҳрӣ дар Душанбе ва насби истгоҳи автоматӣ, кушодани истгоҳи телефон дар Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа бо зарфиятоҳи 100 рақам барои ҳар як истгоҳ, дар Саройкамар бо зарфияти 50

рақам пешбинӣ шуда буд. Ҳамагӣ барои рушди телефони шаҳрӣ 145 ҳазор рубл ҷудо карда шуда буд[1]. Ҳукумати Тоҷикистон барои сохтмони истгоҳи телефони Қӯрғонтеппа 15 ҳазор рубл ҷудо карда буд.

Аз соли 1931 телефонкашии Истгоҳи мошинӣ-тракторӣ (ИМТ-МТС) дар Кӯлоб, дар Душанбе ва Фархор, инчунин совхозҳои ғаллакории «Данғара» ва «Вахш» оғоз карда шуд. Дар ду адад шурои деҳоти ноҳияи Ҷиликӯл телефон кашида шуд. То ба ин давра дар ҷумҳурӣ 5 адад истгоҳи телефон ва 513 адад дастгоҳи телефон вуҷуд дошт.

Фақат дар соли 1931 307 километр хатҳои телефон сохта ва 1239 километр сими телефон кашида шуда, 805 километр хатҳои шабакаи паст кашида шуданд Дар ҷумҳурӣ 6 шабакаи телефонҳо бо зарфияти 567 рақам, аз он ҷумла СБ (ЦБ)– 300 ва МБ – 267 адад мавҷуд буд. Онҳо ба 468 адад абонент хизмат мерасониданд[2].

То соли 1932 бештар аз 15 % шуроҳои деҳот ва 70 % ИМТ-ҳо (МТС) бо телефон таъмин гардиданд. Соли 1933 бошад, 25 муассисаи телефон, 8 адад истгоҳи телефон, дар ҳамаи системаҳо 1019 адад дастгоҳи телефон мавҷуд буд. Дарозии хатҳои телеграфу телефон 1828 километрро ташкил медоданд.

Хатҳои нави телефон дар роҳҳои Қӯрғонтеппа-Оқсу-Данғара бо тӯли 33 километр, Қӯрғонтеппа – Туғалон 10 километр сохта ба истифода дода шуд. Барои ҳамлу нақли симчӯбҳо аз Душанбе ба Оби-Гарм 54 ҳазор рубл харҷ карда шуда, 1557 км хатҳои телеграфу телефон таъмир ва 3510 км сим кашида шуда, 532 симчӯб дар роҳҳои Ғарм-Ванҷ-Кангурт-Ховалинг-Кӯлоб-Саройкамар иваз карда шуданд. Ҳамин тариқ, 14 маркази ноҳия дорои алоқаи телефони бевосита бо маркази вилоят шуданд.

То охири панҷсолаи якум (с.1928-1932) ИМТ (МТС)-и Қӯрғонтеппа, совхози пахтакории ба номи Гусейнови ноҳияи Шаҳритӯс, инчунин шурои

---

[1]Қарори Совнаркоми ҶШС Тоҷикистон аз 23 феврали соли 1930 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.4. – П.16. – В.9-23.

[2]Ҳисоботи солонаи истеҳсолӣ дар соли 1931 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.4. – П.16. – В.9-23.

деҳотҳои Ҷиликӯл, Қубодиён, Бауманобод ва Фархор бо телефон таъмин карда шуданд. Барои ин мақсадҳо 250 ҳазор рубл харҷ карда шуд[1].

Дар идораи сохтмон В.А. Смирнова дар нуқтаи алоқа фаъолият менамуд. Соли 1935 деҳаи Вахш аз чанд хонаи лоину бараку заминканҳо иборат буда, атроф ҳама ботлоқу қамишзор буд. Дастгоҳи комутатории В.А. Смирнова лаҳзае осоиштагиро намедонист. Соли 1936 дар мавзеи Вахш зилзилаи ниҳоят сахте шуд. В.А. Смирнова пештара барин дар пости худ - комутатори Раёсати обёрии мошинии Вахш монд. Барои таъмири сими алоқа баъзан 7-8 километр роҳро тай мекарданд. В.А. Смирнова дар сари пулти комутатории обёрии заминҳои ноҳияи Вахш ним аср хизмат намуд. Ӯ шоҳиди ҳар як рӯзи мубориза барои ҳаёти нав, зиндагии осоишта буд. Раёсати обёрии мошинии Вахш дар масофаи 5 ҳазор км шабакаи обёрӣ ва заҳбурканӣ, чил иншооти обёрӣ, зиёда аз 2 ҳазор иншоотҳои обёрӣ дорад ва дар ҳамаи он шабакаи телефон беист амал мекунад. 70 нафар дастпарварони В.А. Смирнова дар шабакаҳои алоқаи ҷумҳурӣ кор кардаанд[2].

Соли 1935 бо шаҳри Москва алоқаи мустақим барқарор карда шуд. Даромад аз телефонҳои гуфтугӯи байнишаҳрӣ 128,2 ҳазор рубл, аз шабакаҳои телефонҳои маҳаллӣ бошад 282,6 ҳазор рублро ташкил дод.

Дар худи ҳамон сол (с.1935) хатти телефони Душанбе-Панҷ, Душанбе-Кӯлоб-Ховалинг ба кор даровარда шуда, истгоҳи телефони Ҷиликӯл ба таври пурра бозсозӣ карда шуд. Теъдоди абонентҳои алоқаи телефонӣ то соли 1935 1411 ададро ташкил медод[3].

Қарори КМ ВКП(б) аз 9 майи соли 1938 “Дар бораи чорабиниҳои рушди хоҷагӣ ва сохтмони маданӣ-маишӣ дар Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон” Вазорати алоқаи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистиро супориш дод, ки дар соли 1938 дар ҶШС

---

[1]Ҳисоботи солонаи истеҳсолӣ дар соли 1933 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.1. – В.12-21.
[2]Сулаймонова Г. Ним асри ҳаёти ӯ // Занони Тоҷикистон. – 1984. – №3. – С.4-5.
[3]Ҳисоботи фаъолияти радиоузели ноҳияи Ҷиликул дар соли 1935 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.32. – В.18.

Тоҷикистон 75 ҷамоатҳои деҳот ва 10 ИМТ (МТС) бо телефон таъмин карда шавад[1].

Соли 1940 истгоҳи МБ барои 200 рақам дар Қӯрғонтеппа ва 30 рақам дар Ёвон фаъолият менамуд.

Алоқачиёни Тоҷикистон бо ҷидду ҷаҳди тамом дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) фаъолият намуда, алоқаи телефониро такмил ва тараққӣ доданд. Сарфи назар аз шароитҳои номатлуби солҳои ҷанг, ба алоқачиёни ҷумҳурӣ муяссар шуд, ки ба таври назаррас вазъиятро беҳтар карда, ба ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ ва бо дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳуриҳои бародар, бо кулли манотиқи паҳноварӣ шуравӣ, ки бо истилогарони фашистӣ даст ба гиребон буданд алоқаи дақикро таъмину барқарор намуданд.

Аз Сталинобод ба марказҳои вилоятҳо хати телефон, телеграф гузаронида шуданд[2]. Соли 1940 дар Тоҷикистон 263 муассисаҳои алоқа, телефону телеграф мавҷуд буд[3].

Роҳсозон дар он рӯзҳо ба муваффақиятҳои калон ноил шуда, дар қаламрави Тоҷикистон бо суръати баланд сохтмони роҳҳо пеш бурда, роҳҳои нав сохта, роҳҳои мавҷудбударо васеъ мекарданд. Ҳамаи роҳҳо бо равишҳои суръатнок сохта мешуданд – ҳамарӯза садҳо ва ҳазорҳо таркиш гарду чангро ба ҳаво мебардоштанд. Ин таркишҳо аксаран хатҳои алоқаро вайрон мекарданд. Аммо телефонистҳо ҳамеша дар ҳолати омодабош қарор дошта, бо такя ба таҷрибаҳои андӯхтаашон ҳангоми кор дар кандани каналҳои Фарғона ва Ҳисор, сохтани шоҳроҳи Помир ва дигар сохтмонҳои азим сари вақт алоқаро барқарор мекарданд.

Дар моҳҳои аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) ба таври истисноӣ аз ҳисоби шуъбаи (узели) алоқа Душанбе нуқтаи нави алоқаи байнишаҳрӣ сохта ба истифода дода шуд. Соли 1942 дар Кангурт тақвиятгари телефон насб карда шуд.

---

[1]Медведев Н.И. Становление и развитие радио и телевидения в Таджикистане. – С.13.
[2]История таджикского народа, Т.3. Кн.2. – М., 1965. – С.25.
[3]Раҳматуллоев А., Мухторов С. Очеркҳои таърихи Тоҷикистони Советӣ. – С.136.

Соли 1946 механизатсияи роҳҳои почта дар мавзеъҳои зерин пешбинӣ карда шуда буд: Ӯротеппа-Ғончӣ-Калининобод-Шаҳрисабз, Кӯлоб-Кангурт-Балҷувон ва ғайра. Тайи ин панҷсола барои рушди алоқаи почта бештар аз 3 млн. рубл харҷ карда шуд. Дар муддати панҷ сол барои рушду тараққии алоқаи телеграфу телефон бошад, бештар аз 5 млн. рубл харҷ карда шуд. Соли 1946 корҳо оид ба овезон кардани сими мисин дар хатти мавҷудабуда, тавассути маҳаллот барои алоқаи мустақими Сталинобод бо Москва оғоз карда шуданд. То поёни соли 1946 алоқаи мустақими симӣ бо маҳаллоти дурдаст, ба монанди мавзеи Сарихосор сохта шуд.

Алоқачиёни вилояти Кӯлоб ба муносибати интихобот ба Шурои Олии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, аввалин алоқаи мустақими телефониро бо ноҳияҳои дурдасттарини вилоят барқарор карданд. 10 декабр соли 1946 аввалин гуфтугӯҳои телефонӣ барқарор карда шуданд ва алоқа хуб кор мекард[1].

Соли 1948 дастгоҳҳои пуриқтидор дар қитъаи Душанбе – Кӯлоб насб карда шуданд.

Тайи се панҷсолаи сталинӣ ба сохтмон ва рушди воситаҳои алоқаи ҷумҳурӣ 250 млн. рубл харҷ карда шудааст. Ҷумҳурӣ дар остонаи панҷсолаи чаҳорум (солҳои 1945-1950) 288 муассисаи алоқа, ҳазорҳо километр хатҳои магистралии байнивилоятӣ ва байниноҳиявии телеграфу телефон дошт.

Солҳои 50-ум ҷумҳурӣ радиостансияи худии калонҳаҷмро дарёфт кард.

Барои рушди минбаъдаи соҳаи алоқа дар Тоҷикистон бештар аз 50 млн рубл ҷудо карда шуда буд. То поёни соли 1950 теъдоди абонентҳо бештар аз 10 ҳазор рақамро ташкил медод. Дар Сталинобод шабакаи автоматии телефон (ШАТ-АТС) барои 4000 рақам сохта хоҳад шуд, ки ду маротиба бешатр аз зарфияти ҳозирааш мебошад.

Ҳамаи марказҳои вилоятҳо дорои истгоҳҳои нимавтоматии телефон гардиданд. Зарфияти шабакаҳои телефони шаҳрии Қӯрғонтеппа то 600

---

[1]Раҳматуллоев А., Мухторов С. Очеркҳои таърихи Тоҷикистони Советӣ. – С.136.

рақам, Ленинобод то 1000 рақам афзуд. Диққати махсус ба телефонкашии ноҳияҳои водии Вахш ва ноҳияҳои саноатии ҷумҳурӣ зоҳир карда шуда буд[1].

Дар нақшаи панҷсола (с.1951-1955) барои телефонкашӣ ба шуроҳои деҳот, ИМТ (МТС)-ҳо ва совхозҳо бештар аз 12 млн. рубл ҷудо кард шуд.

Радификатсия ва радиошунавонӣ рушди хеле васеъ касб намуда, теъдоди нуқтаҳои радио дар ҷумҳурӣ то 40 ҳазор адад афзоиш ёфт.

Дар марказҳои вилоятҳои Ӯротеппа, Ғарм ва Кӯлоб аллакай дар панҷсолаи якуми сталинӣ (с.1946-1950) узели радиотранслятсионии 500 ватта ба кор даромад[2].

Дар панҷсола (солҳои 1951-1955) ҷойи муҳимро радиодӯстдорӣ ва истифодаи радиоприёмникҳои инфиродии меҳнаткашони Тоҷикистон ишғол мекард. Панҷсола истеҳсоли то як миллион радиоприёмникҳои истифодаи инфиродиро дар ИҶШС пешбинӣ карда буд.

Дар марказҳои ноҳияҳо ва деҳаҳо бояд бештар аз 100 бинои нав барои муассисаҳои почта ва барои алоқачиён 5 хонаи маскунии дорои 8-10 квартирадор сохта ба истифода дода шавад.

Тайи панҷсолаи чорум (с.1951-1955) дар Тоҷикистон 3 ҳазор км хатти алоқа сохта шуда, дар болои он 9 ҳазор км сим овезон карда шуд[3].

Дар байни сохозҳои «Қарақултрест», «Данғара», «Яккадин», «Қубодиён» ва «Кофарниҳон» алоқаи радистӣ ба фаъолият шурӯъ кард[4].

Муҳандиси Вазорати алоқа В.И. Корби транзистори нави радиотелетайпи тамғаи ТТР-1-ро ихтироъ карда, онро дар масофаи Москав- Новосибирск истифода бурд[5].

---

[1]Соловьев А. Сталинской пятилетке // Коммунист Таджикистана. – 1946. – 5 июл.
[2]Соловьев А. Сталинской пятилетке // Коммунист Таджикистана. – 1946. – 5 июл.
[3]Радиосвязь между совхозами // Коммунист Таджикистана. – 1946. – 31 июля.
[4]Новый советский радиотелеграфный аппарат // Коммунист Таджикистана. – 1946. – 29 нояб.
[5]Ҳамон ҷо.

Ноҳияи Сарихосор дар фосилаи 200 км дуртар аз маркази вилоят ҷойгир буда, алоқа бо ин ноҳия ба мушкилӣ даст медод ва телеграммаҳо ва гуфтугӯҳо тавассути радиостансия сурат мегирифтанд[1].

Аз приёмникҳои аввалини кристадинӣ, ки бидуни лампаҳои электронӣ кор мекарданд, то дастгоҳҳои нозуктарин ва мураккабтарин бо нимноқилҳо, аз барномаҳое, ки хеле ба сахтӣ дар фосилаи чандсад метр шунида мешуданд, то насбҳои телевизионӣ дар киштиҳои кайҳонӣ сабт шуда буданд. Радиотехникаи ватанӣ аз рӯзи таърихӣ то ихтирои интиқолдиҳандаи шароравии А.С. Попов рушд ёфт, ки аввалин маротиба ба мавҷ сигналҳои телеграфиро фиристод.

Дар соли 1950 «Тоҷикэлектро» бо қувваи умумии 620 киловатт 31 истгоҳи электрикӣ сохта мешавад, ки онҳо 40 объектҳои қишлоқиро бо равшанӣ таъмин намуда, биноҳои почта ва телеграфро бо барқ таъмин мекарданд[2].

Дар осорхонаи кишваршиносии шаҳри Қӯрғонтеппа (ш. Бохтар), дар толори таърихи сохтмони Вахш гӯшаки телефони куҳнаи рангпаридаи В.А. Смирнова – аввалин телефонисткаи сохтмони Вахш маҳфуз аст[3].

Дар ноҳияи Ҷиликӯл (н. Дӯстӣ) ба ҳар як сад нафар одамон 1 телефон, н. Коммунистӣ (н. Кӯшониён) – 0,4, Қубодиён – 0,5 ва Вахш – 0,6 дастгоҳи телефон гузаронида шуда буд. Нуқтаҳои радио аз 2,2 то 5 нуқтагӣ рост меомад.

Дар таъмин кардани колхозу совхозҳои вилоят бо телефону нуқтаҳои радио вазъият хеле ташвишовар буд. Дар 37 колхозу совхозҳои вилоят ягон нуқтаи телефон гузаронида нашуда буд. Дар баъзе хоҷагиҳо танҳо работҳои марказии хоҷагиҳо телефон доштанд.

Соли 1954 кормандони калони хатти алоқа П.С. Шаталов, роҳбари узели алоқаи баҳрабардорӣ ва техникии Қӯрғонтеппа, И.Ф. Плаксин

---

[1]Телефонная связь с отдаленным районом // Коммунист Таджикистана. – 1946. – 13 дек.
[2]Телефонная связь с отдаленным районом // Коммунист Таджикистана. – 1946. – 13 дек.
[3]Сулаймонова Г. Ним асри ҳаёти ӯ // Занони Тоҷикистон. – 1984. – №3. – С.4-5.

роҳбари узели алоқаи Восеъ, ки бештар аз 30 сол дар идораи алоқаи ҷумҳурӣ кор мекарданд, буданд. Фаъолияти кории хешро онҳо аз монтёрӣ оғоз карда буданд[1].

Соли 1957 дар пойтахти ҷумҳурӣ истгоҳи автоматии телефон бо зарфияти 5383 рақам сохта ба истифода дода шуд. Теъдоди абонентҳои ШАТ (шабакаҳои автоматии телефонӣ) (АТС) то 2861 адад афзоиш ёфта буд.

То ба ин вақт чаҳор адад хатти алоқа мавҷуд буд, ки бо дастгоҳҳои бисёрканали зичкардашуда муҷаҳҳаз гардонида шуда буданд: Душанбе - Ленинобод, Душанбе - Самарқанд, Душанбе-Қӯрғонтеппа, Душанбе - Қалъаи-Хумб. Дар худи ҳамон сол хатти сими Душанбе-Кангурт-Кӯлоб бо дастгоҳҳои нав барои занҷирҳои фӯлодин зич гардонида шуд, ки сифати алоқаи байнишаҳриро бо гурӯҳи ноҳияҳои Кӯлоб беҳтар намуда буд, ҷиҳозонида шуданд.

**Таблитсаи №5. Афзуншавии шумораи телефонҳо, телефон-автоматҳо ва телефонҳои истифодаи умумӣ**

| Шумораи умумии дастгоҳҳое, ки ба шабакаи умумӣ баромадгоҳ доранд | | | Аз он ҷумла телефонҳои Вазорати алоқа | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | ҳамагӣ | | | телефонҳои квартираҳо | | |
| 1940 | 1953 | 1964 | 1940 | 1953 | 1964 | 1940 | 1953 | 1964 |
| **Шумораи телефонҳо ба 100 нафар аҳолии шаҳр дар ҶШС Тоҷикистон** | | | | | | | | |
| 0,17 | 0,74 | 3,31 | 0,3 | 0,48 | 2,30 | - | 0,5 | 0,69 |
| **Шумораи телефонҳо ба 100 нафар аҳолии ш. Душанбе** | | | | | | | | |
| 2,7 | 3,5 | 4,34 | 1,0 | 1,98 | 2,94 | 0,3 | 0,6 | 1,02 |

Нақшаи ҳафтсола дар пешрафти воситаҳои алоқаи Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон роҳи васеъ кушод. Соли 1958 шумораи шуъбаҳои алоқа ба 327, соли 1965 ба 482 расонида шуд. Дар ин давра дар

[1] Кабиров Х. Развитие средств связи в Таджикистане. – С.94

кори бо хати телефону телеграф таъмин намудани деҳот муваффақият ба даст омад[1].

Соли 1958 дар шаҳри Душанбе маркази телевизионӣ ба кор даромад, ки он аз ҳама воқеаи муҳимтарини ҳаёти сиёсии мамлакат ҳисоб меёфт. Баъдтар фиристонандаҳои пурқуввати мавҷҳо дар Душанбе, Хуҷанд ва Тошробод шинонида шуданд.

Вазорати алоқа вазифаи худро дар он мебинад, ки ба инкишоф ва азнавсозии сектори алоқа дар заминаи технологияи нав ба роҳ мондани намудҳои нави хадамоти алоқа, ҷалб кардани қарзҳо ва мақсаднок истифода бурдани маблағҳо бештар диққат дода шавад. Телекоммуникатсия яке аз соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти Тоҷикистон аст.

Соли 1965 бештар аз 90 фоизи Шуроҳои қишлоқ, 96 фоизи колхозҳо бо хати телефон таъмин гашта буданд[2].

Соли 1968 Вазорати авиатсияи гражданӣ 1636 ҳазор тонна борро интиқол дода буд. Теъдоди корхонаҳои почта, телеграф ва телефон дар охири соли 1968 дар саросари Иттиҳоди Шуравӣ 78 ҳазор ададро ташкил дод, 695,4 млн. мактуб, 2949,8 млн. рӯзномаю маҷалла, 159 млн. муросилот, 339 млн. телеграмма ирсол карда шуда, 343 млн. суҳабатҳои телефонии байнишаҳрӣ доир шуда, 6,6 млн. дастгоҳҳои телефон ва аз он ҷумла 5,5 млн. дастгоҳҳои телефони автомат мавҷуд буданд[3].

Фармони Шурои Олии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон «Дар бораи сазовор гардонидани кормандони фаъоли Вазорати алоқаи Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, ба унвони Алоқачии Хизматнишондодаи ҶШС Тоҷикистон» аз 5 майи соли 1966 ба кормандони зерин, Болдирева П.И., электромеханики калони узели баҳрабардорию

---

[1]Народное хозяйство Таджикской ССР в 1965 г. – Душанбе: Ирфон, 1967. – С.138-141; Раҳматуллоев А., Мухторов С. Очеркҳои таърихи Тоҷикистони Советӣ. – С.211.
[2]Народное хозяйство Таджикской ССР в 1965 г. – С.138-141; Раҳматуллоев А., Мухторов С. Очеркҳои таърихи Тоҷикистони Советӣ. – С.211.
[3] Ежегодник. Большой Советской энциклопедии. 1969 г. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – С.78.

техникии алоқаи Қӯрғонтеппа[1], Камнева М.Н., корманди узели алоқаи ноҳияи Шаҳритӯс ва Худойқулов Н., монтёри қитъаи хаттию техникии узели алоқаи ноҳияи Шаҳритӯс ба тасвиб расид[2].

Дар тӯли даҳсолаҳои минбаъда алоқаи телеграфу телефон хеле рушд кард. Абоненти Душанбе метавонад, дар тӯли якчанд дақиқа Орҷоникидзеобод (ш. Ваҳдат), Ҳисор, Қӯрғонтеппа (ш. Бохтар) ва дигар марказҳои ноҳияҳоро қабул кунад. Нуқтаи гуфтугӯи байнишаҳрӣ дар Душанбе аз рӯйи таҷҳизи техникӣ яке аз беҳтаринҳо дар Иттиҳоди Шуравӣ буд. Он гуфтугӯро на танҳо бо нуқтаҳои аҳолинишини ҷумҳурӣ, балки бо аксари шаҳрҳои мамлакат таъмин мекард.

Истгоҳҳои телефони шаҳрӣ ба таври доимӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Ленинобод (ш. Хуҷанд) рушд намуда, истгоҳҳои телефони автоматӣ дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор, Орҷоникидзеобод (ш. Ваҳдат), Данғара, Москва (н. Ҳамадонӣ), Регар (ш. Турсунзода) ва дигар марказҳои ноҳияҳо сохта ба истифода дода шуда буданд.

Дар ҷумҳурӣ солҳои 60-уми асри XX 91% колхозҳо, 90% шуроҳои деҳот, 94% совхозҳо бо телефон таъмин карда шуда, соли 1959 алоқаи фототелеграфӣ дар байни шаҳрҳои Душанбе ва Москва кушода шуд[3]. Пойтахти ҷумҳурӣ бо шаҳрҳои Тошканд, Ленинобод (ш. Хуҷанд), Ҳисор, Қӯрғонтеппа (ш. Бохтар), Хоруғ ва Кӯлоб бо алоқаи фототелеграфӣ пайваст карда шуда буд.

Солҳои 60-уми асри XX дар соҳаи алоқаи ҷумҳурӣ кадрҳои хеле хубу варзида тарбият ёфтанд. Коллективи алоқачиёни Тоҷикистон дар сафҳои

---

[1]Указ Верховного Совета Таджикской ССР «О присвоении особо отличившимся работникам Минсвязи Таджикской ССР почетного звания Заслуженного связиста Таджикской ССР», 5 мая 1966 г.//Коммунист Таджикистана. – 1966. – 5 мая.

[2]Фармони ШО ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи сазовор гардонидани кормандони фаъоли Вазорати алоқаи ҶШС Тоҷикистон, ба унвони Алоқачии Хизматнишондодаи ҶШС Тоҷикистон» аз 5 майи соли 1966 // // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.4. – П.8. – В.31.

[3]Фармони ШО ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи сазовор гардонидани кормандони фаъоли Вазорати алоқаи ҶШС Тоҷикистон, ба унвони Алоқачии Хизматнишондодаи ҶШС Тоҷикистон» аз 5 майи соли 1966 // // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.4. – П.8. – В.31.

худ бештар аз 6800 нафар корманд доштанд. Қисмати бештари онҳо мутахассисони тахассусҳои гуногун буданд.

Фоизи телефонкашии деҳшуроҳо дар соли 1960 83,2%, совхозҳо 87 % ва колхозҳо 88 %-ро ташкил дода буд.

Дар шабакаҳои телефонҳои шаҳрӣ теъдоди шабакаҳои автоматии телефонҳо (ШАТ-АТС) 16 ададро ташкил медод. Шабакаҳои автоматии телефонҳо дар марказҳои ноҳияҳои Данғара, Москва (н. Ҳамадонӣ), Шаҳритӯс ва дигар ноҳияҳо мавҷуд буданд. Дар ноҳияҳои ҷумҳурӣ то 100 адад телефон-автоматҳо мавҷуд буда, телефон-автоматҳо дар сартосари ҷумҳурӣ бештар аз 260 адад насб карда шуда буданд[1].

Беҳтарин кормандони алоқаи телефони байнишаҳрӣ муҳандисон Н.Г. Дементева, Е.Г. Адлерштейн, электромеханики ҷавон С. Юнусохунов буда, электромеханикҳо Ю.А. Белов ва С. Одилов хеле хуб кор мекарданд. Яке аз куҳнатарин коргарони Истгоҳи мошинӣ-тракторӣ (ИМТ-МТС) сартелефонистка Т.П. Еремеева маҳсуб меёфт, ки соли 1935 ба ҳайси ташаббускори ҳаракати стахановӣ баромад карда буд. Ба ӯ аввалин шуда дар ҷумҳурӣ унвони Корманди шоистаи алоқа дар соли 1938 дода шудааст. Собиқадорони меҳнат В.И. Домбровская, Д.И. Масловская ва дигарон ба таври содиқона кору фаъолият намудаанд[2].

Муҳандиси хизматнишондодаи Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон И.П. Гаврилин барои рушду тараққии алоқаи телеграфу телефон заҳматҳои зиёде кашидаанд.

Дастгоҳи пуриқтидори тамғаи К-1920-и ватанӣ истеҳсол карда шуд, ки имкон медод, дар як адад кабел 1920 каналҳои телефон ё 300 канали телефон ва як канали телевизионро ғунҷонад.

Инчунин АТС-ҳои (Шабакаҳои автоматии телефонӣ) деҳотӣ дар шаҳру ноҳияҳои Данғара, Қӯрғонтеппа (ш. Бохтар), Куйбишев (н. А. Ҷомӣ),

---

[1] Кабиров Х. Развитие средств связи в Таджикистане. – С.101.
[2]Кабиров Х. Развитие средств связи в Таджикистане. – С.103.

Колхозобод (н. Ҷ. Балхӣ), Панҷ, Москва (н. Ҳамадонӣ) ва Шаҳритӯс насб карда шуда буданд[1].

Тайи панҷсолаҳои сталинӣ (солҳои 1946-1950, 1951-1955) Тоҷикистон ба ҷумҳурии гулгулшукуфон табдил ёфта буд ва то ин панҷсолаҳо ҷумҳурӣ 15 адад шуъбаи алоқаи почтаву телеграф бо радиостансияҳои камқудрат дар шаҳрҳои Хоруғ, Сталинобод (ш. Душанбе) ва Ленинобод (ш. Хуҷанд) дошта буд. Инчунин дар байни ноҳияҳо истгоҳҳои камқудрати телеграф амал мекарданд[2].

Масъалаи ба обуначиён расонидани рӯзномаву маҷаллаҳоро редаксия, ки бо онҳо мудири шуъбаи алоқа ва нақлиёти раёсати истеҳсолию техникии алоқаи вилоят Холматов Ю. ва сардори ҷамъияти матбуоти шаҳри Қӯрғонтеппа Содиқова Ф. иштирок доштанд, фаъолияти узели алоқаи н. Колхозободро (сардораш Боғев Н.К.) дида баромаданд[3]. Дар ноҳия ҳамагӣ 13 шуъбаи алоқа вуҷуд дорад. Сардори шуъбаи алоқаи Калинин (сардораш Сазонова Л.П.), хаткашони ҳамин шуъбаи алоқа Саидов Н. ба обуначиён Аюбов А., Собирҷонов И., Ҷонмадов Ш., Олимов Ғ., Шарифов А. ва Қодиров Р. сари вақт рӯзномаву маҷаллаҳояшонро намедиҳанд.

Дар панҷсола (солҳои 1971-1975) сохтмони хатти-кабелии Душанбе – Кӯлоб пешбинӣ карда шуда буд, ки он 9 ноҳияи ҷумҳуриро дар бар мегирифт. Баъди ба истифода дода шудани ин хатти кабелӣ маркази шаҳру ноҳияҳои Орҷоникидзеобод (ш. Ваҳдат), Норак, Кӯлоб, Данғара, Москва (н. Ҳамадонӣ), Фархор ва ғайра алоқаи устувори телефону телеграф пайдо карданд.

Дар солҳои 1971-1975 дар 22 шаҳр ва маркази ноҳияҳои ҷумҳурӣ сохтмони истгоҳҳои телефон ва васеъ кардани истгоҳҳои мавҷуда пешбинӣ карда шуда буд, аз ҷумла, дар дар ноҳияҳои вилояти Хатлон - Восеъ – 800 рақам, Дӯстӣ – 800 рақам, Ёвон – 1000 рақам, Қӯрғонтеппа – 2000 рақам,

---

[1]Ҳамон ҷо. – С.139.
[2] Соловьев А. Сталинской пятилетке // Коммунист Таджикистана. – 1946. – 5 июл
[3]Каримзода Ҳ. Дар шуъбаҳои алоқа оё вазъият хуб аст? // Ҳақиқати Хатлон. – 1990. – 14 февр.

Колхозобод – 1200 рақам, Кӯлоб – 800 рақам ва Вахш - 1000 рақам, ки ин имконият дод, хизмати телефон ба хоҷагии халқ ва аҳолӣ хеле бештар карда шавад[1].

Иқтидори истгоҳҳои телефон дар қишлоқҳо дар соли 1975 назар ба соли 1970-ум 64,8 фоиз, истгоҳҳои автоматӣ бошад, бештар аз ду баробар зиёд шуд. То охири панҷсола иқтидори истгоҳҳои автоматии телефон дар деҳот ба 24 ҳазор рақам расид. Ҳамаи совхозҳо ва 77,2 фоизи колхозҳои ҷумҳурӣ бо телефони дохили истеҳсолот таъмин шуданд.

Дар панҷсолаи нав (с.1971-1975) дарозии каналҳои алоқаи телефонии байни шаҳрҳо аз ҳисоби афзун гардондан ва беҳтар истифода бурдани хатҳои алоқаи кабелӣ ва радиорелеӣ 1,9 баробар зиёд гардид. Иқтидори истгоҳҳои телефонии шаҳру қишлоқҳо 1,5 баробар истифода бурда шуд[2].

Инчунин 28 сентябри соли 1976 таҳти №262 Қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон «Дар бораи тезонидани рушди алоқаи телефон дар Тоҷикистон» баромад, ки барои рушди ин соҳа мақоми бузург дошт[3].

Акнун ба таърихи рушди соҳаи алоқаи яке аз ноҳияҳои минтақа назар меафканем. Масалан, дар соҳаи алоқаи ноҳияи Москва (н. Ҳамадонӣ) якумин шахсе, ки барои барқароршавии алоқаи аз тарафи Вазорати алоқаи ҷумҳурӣ равон карда шудааст, С.Т. Здесев мебошад. Аз соли 1953 яке аз кадрҳои маҳаллӣ Булбулов А. ба кор меояд. Булбулов А. аз монтёри қаторӣ то ба сардори узели алоқа расидааст. Аз соли 1960 то соли 1964 В.Р. Сиганов сардори узели алоқа таъйин мегардад. Он вақт ҷонишини ӯ мутахассиси ҷавон Т. Саймуҳиддинов буд. Кори хуби ӯро ба инобат гирифта соли 1966 ӯро сардори узели алоқа таъйин менамоянд. То соли 1974 дар ин вазифа кор мекунад. Соли 1974 Ё. Шеров дар ин вазифа ба кор

---

[1]Кабиров Ҳ. Инкишофи воситаҳои алоқаи ҷумҳури дар панҷсолаи нав // Коммунисти Тоҷикистон. – 1971. – №8. – С.16-20.
[2]Кабиров Ҳ. Инкишофи воситаҳои алоқаи ҷумҳури дар панҷсолаи нав // Коммунисти Тоҷикистон. – 1971. – №8. – С.16-20.
[3]Қарори Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон №262 «Дар бораи тезонидани рушди алоқаи телефон дар Тоҷикистон» аз 28.09.1976 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.6. – П.4. – В.23.

шурӯъ намуда, то соли 1978 кор мекунад. Дар ин солҳо шуъбаҳои алоқаи Шуроободу Саричашма ба ин ноҳия тааллуқ доштанд. Аз соли 1979 то соли 1989 З. Кишваров, аз соли 1989 то соли 1993 Г. Мӯсоев, аз соли 1993 то соли 1995 А. Тағайназаров ва аз соли 1995 то соли 2005 З. Кишваров ба ҳайси сардори узели алоқаи ноҳия кор кардаанд[1].

Бояд қайд намуд, ки соли 1979 истгоҳи нимавтоматии н. Ҳамадонӣ иваз карда шуд, ки каналҳои гуфтугӯйии он ба 10 нафар дар як вақт хизмат мерасонд. Ҳар як сокини ноҳия метавонист ба тамоми шаҳрҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ занг занад. Шумораи нуқтаҳои автоматии телефонӣ аз 500 ба 1000 расид. Телефончидухтарҳо М. Кӯчарова, Ҳ. Комилова ва С. Рабиева барои такмили ихтисос ба курсҳои махсус фиристонида шуда буданд. Аз соли 1996 узели алоқа ба департамент ва ҷамъияти саҳомии "Телеком" тақсим карда шуд. Дар ин сол бинои сеошёнаи алоқа ба истифода дода шуд. Кишваров З. аз соли 1967 дар ин ҷо кор карда, аз соли 1995 роҳбари узели алоқа буд[2].

Ҳаҷми маҳсулоти муассисаҳои алоқа соли 1980 нисбат ба соли 1975 32 фоиз афзуд. Дар шаҳрҳо 38 ҳазор ва дар деҳот 7,4 ҳазор хатти телефони нав гузаронида шуд. Стансияҳои телевизионии «Орбита» дар Душанбе ва Хоруғ ба кор даромаданд. Тавассути хизмати фототелеграф дар Душанбе чандин рӯзномаҳои марказӣ нашр мешуданд[3].

Дар соли 1980 тараққиёти алоқаи телефонии шаҳрӣ бениҳоят пеш рафт. Дар солҳои ҳафтодум ба миқдоре телефон ба кор даровarда шуд, ки он ба шумораи умумии телефонҳои то ин дам вуҷуддошта баробар буд. Солҳои 80-ум дар шаҳру деҳоти ҷумҳурӣ тақрибан 110 ҳазор телефон

[1]Ноҳияи Москва: 50 сол, таърих, тараққиёт, одамон ва имрӯзу фардои ноҳия. – С.201-202.
[2]Ноҳияи Москва: 50 сол, таърих, тараққиёт, одамон ва имрӯзу фардои ноҳия. – С.201-202.
[3]XIX съезд Компартии Таджикистана. – С.24; Раҳматуллоев А., Мухторов С. Очеркҳои таърихи Тоҷикистони Советӣ. – С.294.

гузошта шуда буд. Ҳамаи колхозҳо ва 94 фоизи совхозҳо бо телефон таъмин карда шуда буданд[1].

Сохтмони бинои истгоҳи радиорелеи калонтарин дар ноҳияи Шаҳритӯс аз тарафи пудратчии асосии тресті "Қӯрғонтеппасоз" соли 1983 сохта шуд. Аз 1 миллиону 245 ҳазор сумина маблағҳои асосии барои объект ҷудо кардашуда, танҳо 255 ҳазор сӯм аз худ карда шуд, ки ин ҳамагӣ 20,4 фоизро ташкил медод[2].

Фақат тӯли 2,5 сол ба тараққиёти воситаҳои алоқа тақрибан 38 миллион сӯм сарф шуд. Дар ноҳияҳои Ҷиргатол (н. Лахш), Қубодиён, Фархор ва ноҳияҳои дигар сохтмони 6 бинои нави узели алоқа давом дода шуд.

Беҳтар шудани кори воситаи алоқа ба азнавтаҷҳизонии техникии он вобаста мебошад. Ба ин мақсад дар панҷсолаи дувоздаҳум сарф кардани 6400 ҳазор сӯм пешбинӣ гардида буд. Аз ин маблағ 2 миллион сӯмаш харҷ шуд.

Вазорати алоқаи ҷумҳурӣ аз ҷумлаи аввалинҳо аз 1 январи соли 1986 ба шароити нави хоҷагидорӣ, аз 1 январи соли 1988 ба ҳисоби пурраи хоҷагӣ ва худмаблағдиҳӣ гузашт. Кори ба нақша ва сохти нави идоракунӣ гузарондани соҳа анҷом ёфт.

Дар давраи гузаштаи панҷсолаи ҷорӣ корҳои сохтмону васлкунӣ дар объектҳои алоқа беш аз 3,8 миллион сӯмина иҷро нагардид, ки ин ба 23 фоизи ҳаҷми умумии корҳои паймонкории пешбинишуда баробар буд[3]. Дар натиҷа бунёди бисёр объектҳо тӯл кашид. Ба ин мисол шуда метавонанд, шуъбаи алоқаи ноҳияи Шаҳртӯс, АТС-32, 34, 35-и шаҳри Душанбе ва ғайра.

Охири соли 1988 адади рақами истгоҳҳои телефонии автоматии шаҳру деҳот ба 218 ҳазор расид, ки аз он 143 ҳазораш барои аҳолӣ буд. Қайд

---

[1]Попов Д. Ба дараҷаи талаботи замони ҳозира // Агитатори Тоҷикистон. – 1981. – №14. – С.2-4.
[2]Муҳаммадиев Ш. Бозсозӣ дар соҳаи алоқа // Ҳақиқати Хатлон. – 1990. – 27 март.
[3]Попов Д. Вазифаи олии алоқачиён // Агитатори Тоҷикистон. – 1988. – №18. – С.7-9.

кардан ҷоиз аст, ки солҳои охир 80-уми асри XX 80 фоизи рақамҳои нави телефон дар хонаҳои сокинони шаҳрҳо, марказҳои ноҳияҳо, маҳалҳои аҳолинишини деҳот гузошта шуданд. Дар баробари ин ба ҳалли масъалаҳои қонеъ гардондани аризаи маъюбон ва иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ (с. 1941-1945) диққати хоса дода шуд. Тӯли солҳои 1986 - 1988 ба хонаи 3780 нафар маъюбон ва иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ (с. 1941-1945) телефон гузаронида шуд. Ҳамагӣ дар солҳои панҷсолаҳои ёздаҳум (с.1981-1985) ва дувоздаҳум (с.1986-1990) барои маъюбон ва иштирокчиён тақрибан 9,5 ҳазор телефон гузаронда шуд.

Дар панҷсолаи ёздаҳум (с.1981-1985) барои узелҳои алоқаи шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва истгоҳҳои автоматии телефонии (ИАТ-АТС) ҳар кадоме дорои 10 ҳазор рақам, қариб 20 бинои ҳозиразамон сохта, ба истифода дода шуд. Ин биноҳо дар шаҳрҳои Душанбе, Ленинобод (Хуҷанд), Турсунзода, Норак, Кӯлоб, Ёвон, ноҳияҳои Шаҳритӯс, Қабодиён, Ғарм, Шурobод (н. Ш. Шоҳин), инчунин дар бисёр шаҳру ноҳияҳои дигари ҷумҳуриамон қад кашиданд.

Аз январи соли 1988 тамоми муассисаҳои алоқаи вилояти Хатлон ба усули нави кор – ҳисоби пурраи хоҷагӣ ва худтаъминкунӣ гузаштанд[1]. Сардори раёсати истеҳсолию техникии алоқаи вилояти Қӯрғонтеппа Қаюмов Т.Қ. арз намуд, ки дар соли 1988 8200 телефон ва 12 ҳазор нуқтаҳои радио дар вилоят насб карда шуданд. Дар маркази ноҳияҳои Ёвону Шаҳритӯс ва Қубодиён биноҳои узели алоқа ва истгоҳҳои нави автоматии телефон барои 2 ҳазор рақам бунёд карда, ба истифода дода шуд. Дар ш. Қӯрғонтеппа (ш. Бохтар) навбати сеюми истгоҳҳои автоматии телефонии (ИАТ-АТС) барои 5 ҳазор рақами телефон ба кор даромад.

Оиди хизматрасонии хуби кормандони алоқа рӯзномаи ноҳияи Фархор “Гулистон” чунин хабарро чоп намуда буд: “меҳнаткашони ноҳияи Фархор пайваста аз хизмати босифати телефончидухтарон Б. Ботурова ва Ш. Носирова изҳори розигӣ мекунанд. Дар хизматрасонии босифати алоқаи

[1]Попов Д. Вазифаи олии алоқачиён // Агитатори Тоҷикистон. – 1988. – №18. – С.7-9.

хаттӣ Ҳ. Ҳакимов, Т. Алмагамбетов, А. Назаров, Д. Нозимов ва О. Шарифов саҳми арзанда доранд. Хаткашонҳо ҳам ба хизмати мардуми шаҳру деҳот ҳамеша омодаанд. Дар айни замон 2110 нуқтаи телефон дар хизмати мардуми ноҳия аст. Баъди пурра ба кор даромадани истгоҳи нав то охири соли 1991 дар шаҳрак боз 560 нуқта ва дар қишлоқҷойҳо 30 нуқтаи телефон гузаронида мешавад”[1].

